**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

Ба ҳуқуқи дастнавис

**УДК: 37.06**
**ББК: 74.2**
**О- 34**

**ОКИМШОЕВА РУХСОРА СУРОБОВНА**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БО ИСТИФОДА АЗ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ- иҷтимоӣ**
**(13.00.05.03 педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ,
Маҳкамов Д.

**ДУШАНБЕ – 2023**

**МУНДАРИЧА**

**МУҚАДДИМА……………………………………………………………3-13**
**БОБИ 1. ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ……………….............14-86**
**1.1.** Технологияи таълими интерактивӣ дар ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ……………14-38
**1.2.**Ташкили фаъолияти инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим……………………………………………………………..39-61
**1.3.** Ташаккул додани маданияти зеҳнӣ- маърифатӣ дар Стандарти синфҳои ибтидоӣ………………………………………..……………..62-83
Хулосаи боби якум……………………… ……………………………84-86
**БОБИ 2. МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ………..87-156**
2.1. Амсилаи истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва натиҷанокии он дар дарси муосири синфҳои ибтидоӣ………………………………87-108
2.2. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи арзёбии пешрафти хонандагон ва рушди салоҳиятҳои иҷтимоии онҳо…..…109-130
2.3. Озмоиш ва таҷрибаи педагогии истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ .....................................................................131-152
Хулосаи боби дуюм…………………………………………………153-156
**ХУЛОСАИ УМУМӢ……….........................................…………157-161**
**РӮЙИХАТИ АДАБИЁТ……………………………………….....162-171**
**ЗАМИМА………………………………………………………….172-180**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари ба хонандагон додани дониши чуқур ва устувор, дар назди муассисаҳои таълимии муосир вазифа гузошта мешавад, ки тавоноии эҷодии ҳар як хонандаро барои иҷтимоишавӣ инкишоф дода, дар хонандагон ташаккул додани чунин маҳорату малакаро ташаккул диҳанд, ки тавассути он мустақилона тавонанд донишҳои навро ноил гарданд ва худро ба зиндагӣ мутобиқ созанд.

Дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми дунё ҷои асосиро таҳсилоти ибтидоӣ ишғол менамояд, зеро дар он хишти аввалини иҷтимоишавии инсон, дониш ва тавоноӣ гузошта мешавад. Пурзӯр намудани мазмуни таҳсилот аз мо, пеш аз ҳама, талаб менамояд, ки онро ба талаботи таҳсилоти муосир мутобиқ гардонида, таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилотро ба инобат гирем, ки ин мубрамияти мавзуи таҳқиқотро ошкор месозад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити навсозии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тактика ва стратегия тағйир ёфта, техника ва мантиқи татбиқи андешаҳои консептуалӣ ва анъанаҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаҳо дар асоси навсозӣ дар мазмун, шакл ва методҳои таълим оид ба иҷтимоишавии хонандагон рӯй медиҳад.

Консепсияи навсозии таҳсилот талаботҳои навро дар назди тамоми зинаҳои таҳсилот: ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ мегузорад ва худи таҳсилот симои нав пайдо менамояд, ки маҳсули замони нав, вазъияти нави иҷтимоӣ- маданӣ мебошад. Проблемаи истифодаи методҳои нави таълим яке аз муҳимтарин проблемаҳои илми педагогика дар раванди иҷтимоишавии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Методҳои таълимӣ- ин воситаҳои асосӣ мебошанд, ки тавассути онҳо омӯзгор ба хонандагон асосҳои илмро пешниҳод менамояд, қобилиятҳои маърифатии онҳоро

инкишоф медиҳад ва дар ин зимн ҷаҳонбинии илмии онҳоро ташаккул медиҳад.

Оид ба мубрамияти методҳои таълим А.В.Луначарский қайд менамояд: «Аз интихоб ва дуруст истифода бурдани ин ё он метод вобаста мебошад, ки меҳнати таълимӣ барои бачагон хурсандибахшу аҷиб ё дилгиркунандаю хастакунанда бошад. Аз методҳои дарсгузаронии омӯзгор вобаста мебошад, ки дар кӯдак ғамгиниро бедор намояд ё ба ӯ хурсандӣ бахшад. Дарсгузарӣ метавонад аз болои мағзи кӯдак ғеҷида гузарад, дар он ягон из боқӣ нагузорад, ё баръакс, дарсгузарӣ хурсандиро эҳё намуда, ҳамчун қисми бозии кӯдакона, ҳамчун қисми ҳаёти кӯдак, ҳамчун ҷисму ҷони кӯдак боқӣ монад. Аз методҳои дарсгузарӣ вобаста мебошад, ки синф ба дарс ҳамчун ба бадарға равона шуда нигарад ва ба он ҳаёти кӯдаконаи хешро муқобил гузорад» [107,600].

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот барои синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он мебошад, ки дар он роҳҳои асосии ташаккули салоҳияти иҷтимоии онҳо тавассути хушахлоқӣ, саховатмандӣ, боварӣ ба худ, баҳра бардоштан аз зебогиҳои олами атроф ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона таълим дода шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Муносибати педагогии истифодаи методҳои муосири таълим дар иҷтимоишавии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон кайҳо боз диққати бисёр файласуфон, педагогҳо, психологҳоро ба худ ҷалб намуда буд. Олимони зиёде дар соҳаҳои зерин таҳқиқотҳои хешро ба сомон расонидаанд:

- аз рӯи масъалаҳои психологияи педагогӣ аз тарафи олимони зерин, ба монанди Л.С.Выготский, И.А.Зимняя, А.К.Маркова, В.Д.Шадриков, В.А.Якунин корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд, [74,76;124; 48,132,184];

- аз рӯи масъалаҳои тарбиявӣ олимон А.П.Валицкая, О.С.Газман, А.С.Макаренко, Б.Г. Матюшин, В.А.Краковский, В.А.Сухомлинский мероси арзанда аз худ боқӣ гузоштаанд. [65,66; 79; 224];

- аз рӯи масъалаи идоракунии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, олимон, Т.И.Шамова, Ф.Г.Паначин, Ю.А.Конаржевский, А.А.Орлов, В.С Лазарев аз хеш осори гаронмоя боқӣ гузоштанд, ки корҳои таҳқиқотиро дар самти салоҳияти иҷтимоӣ осон мегардонад.

- оид ба такмил додани маҳорати касбии омӯзгорон олимон В.П.Безполько, В.А.Кон-Калик, Н.В.Кузмин, А.К.Марков маводи фаровон аз худ боқӣ гузоштаанд. [33-39].

- оид ба таълими тафриқа дар ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-шахсиятии хонандагон олимон Ф.Шарипов, А.Нуров, М.Н.Скаткин, С.Г.Шаповаленко осори гаронмояи таҳқиқотӣ иншо намудаанд. [123; 65-74; 113, 91];

- оид ба мазмуни таҳсилот ва ҷараёни таълим олимон Н.М.Белянкова, Л.А.Исаева, Я.Л.Мельник, В.Г.Разумовский, М.Лутфуллозода, У.Зубайдов, Ф. Шарифзода, И.Х.Каримова, Ш.М.Юсупова, В.Д.Семенов корҳои арзандаеро сомон бахшиданд. [32, 114; 132, 290; 376,379];

Асосҳои педагогии проблемаи мавриди омӯзиш қароргирифта дар заҳматҳои олимони тоҷик М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, А.М.Миралиев, Ш.А.Шаропов, Х.М.Сабурӣ, Б.Маҷидова, Л.Иматзода бараъло дида мешавад.

Дар шароити муосир мушкилоти барқароршавии шахсиятӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар самтҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифт: - оид ба барқароршавии интеллектуалӣ-инкишофёбандагии томактабӣ (Л.А.Венгер, Н.Е.Веракс, Н.Ф.Виноградов) корҳои арзандаро сомон бахшиданд; - оид ба корҳои эҷодӣ-таҳқиқотии хонандагони синфҳои ибтидоӣ (А.В.Антонов, О.В.Дыбин, О.Ю.Зирянов) андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд.

Корҳои олимон А.В.Запорожца Л.И.Божович, А.М.Леушина, А.П.Усова, Д.Б. Элконин дар таҳқиқи масъалаи маскур ниҳоят муҳим мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар масъалаи ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ олмони Қирғиз (М.Р.Разимова), Озорбойҷон (А.Кадылетеков), Ӯзбекистон (М.И.Ишонхоҷаев), Украина (С.Б.Батлин) корҳои арзандаро анҷом бахшиданд.

Ҳамин тавр, новобаста аз сатҳи омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни мавзуи таҳқиқот оид ба истифодаи методҳои фаъоли таълим дар иҷтимоишавии хонандагон ҳанӯз **ихтилофоти** зерин мавҷуданд:

- моҳияти истифодаи методҳои фаъоли таълимро ҳануз ҳам аксар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дарк накардаанд;

- хоҳиши васеъ истифода бурданро аз методҳои фаъоли таълимро на ҳама омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доранд;

- нарасидани омӯзгорони дорои малакаи баланди касбӣ дар синфҳои ибтидоӣ ин равандро халалдор менамояд;

- дуруст ба роҳ монда нашудани назорати дохили муассиса раванди татбиқи методҳои фаъоли таълимро халалдор менамояд;

- номукаммал фаъолият намудани иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ин равандро ба таври бояду шояд зери назорат қарор намедиҳад;

- паҳн накардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва насанҷида додани нишони Аълочии маориф, «Омӯзгори сол» ба ин раванд таъсир мерасонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи педагогикаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи: «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз методҳои фаъоли таълим» ва мусоидат бо талаботи асосии

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Ошкор намудани самаранокии методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли чунин вазифаҳоро зарур мешуморем:

- омӯхтани андешаҳои муосир дар бораи роҳ ва тарзи самаранок истифода бурдан аз методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;
- гузаронидани таҳлили муқоисавии методҳои анъанавӣ бо методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;
- ошкор намудани зарурияти гузаштан ба таълими башардӯстона, демократӣ дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ дар асоси талаботҳои салоҳиятнокии иҷтимоӣ дар синфҳои ибтидоӣ;
- муайян намудани асосҳои консептуалии коркардҳои методӣ ва технологияи лоиҳакашии мазмуни барномаҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон;
- дар такя ба натиҷаи корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ, омода намудани тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Объекти таҳқиқот:** самаранокии методҳои фаъоли таълим дар ташаккула салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва инкишофи зеҳнии онҳо.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** истифодаи самарабахши методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ он вақт самаранок мегардад**: агар:**

- муҳимтарин талаботҳои методологии таълим дар синфҳои ибтидоӣ ба навгониҳо такя намуда, бо истифодаи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон анҷом дода шавад;

- сохтори мазмуни таҳсилот дар асоси талаботҳои ҷамъият сохта шуда, ба сифати дониш, маҳорат ва малакаи иҷтимоии хонандагон мутобиқ гардонида шавад;

- омӯхтани таҷрибаи дохилӣ ва хориҷӣ оид ба истифодаи технологияи нави таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- аз ҷиҳати методологӣ ва технологӣ аниқ муайян намудани мавқеъ ва ҷойи методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқотдар се марҳила анҷом дода шудааст:

**Марҳилаи якуми таҳқиқот** (солҳои 2018- 2019) – омӯзишу таҳлили адабиёти илмию методӣ ва психологию педагогӣ вобаста ба мавзуъ, самтгирӣ ва муайян намудани самтҳои омӯзиш ва коркарди мавзуи диссертатсионӣ.

**Марҳилаи дуюм** (солҳои 2020-2021) – корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ гузаронида шуда, истифодаи методҳои педагогӣ ва технологӣ оғоз гардид; - татбиқи лоиҳаи дар маводи таълимӣ дар асоси талаботҳои инноватсионӣ ворид намудани методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон бо рақам ва далелҳо ҷамъбаст карда шуданд.

**Марҳилаи сеюм** (солҳои 2022-2023) – хотимавӣ-ҷамъбастӣ. Таҳлил гузаронида шуд ва маводҳои дар раванди таҳқиқот ба даст омада ба низом даровварда шуда, натиҷаи корҳои озмоишӣ ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои таҳқиқот ташаккул дода шуд ва таҳияи матни комили диссертатсия ба анҷом расонида шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф, назарияи муносибати босалоҳият ба таълим (М.Лутфуллоев, И.Х.Каримова, С.Э.Неъматов, Ф.Гулмадов, А.Байзоев., С.Шербоев, С. Аминов, В.Г.Афанасева, В.Н.Садовский, В. А.Адолф, В.И.Байденко, А. А.Вербитский, Э.Ф.еер, И.А.Зимняя, Ю.Т.Татур, А.В.Хуторская), назарияи муносибати амалӣ-функсионалӣ ба таълим (Л.С.Виготский, Б.Блум, П.Я.Галперин, В.В.Давидов, А.Н.Леонтев), тахкикоти Е.В.Бондаревская, А.А.Вербицкий, В.И.Данилчук, И.Я.Лернер, В.В.Сериков, В.И.Слободчиков, И.С.Якиманская ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асоси методологии таҳқиқотро:**коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипу усулҳои умумиилмӣ: принсипҳои мунтазам, маҷмуӣ, таърихӣ, принсипҳои илова ва бардавомӣ, муносибати субъективию фаъолиятӣ, усулҳои илмӣва ғайра истифода шуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро корҳои илмию таҳқиқотии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, ки ба паҳлӯҳои гуногуни мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд, аз он ҷумла, силсилаи дастурҳои методӣ ва мақолаҳоиилмӣ-методии муҳаққиқон оид ба роҳу усулҳои фаъоли таълим ва татбиқимуносибатибосалоҳияти иҷтимоӣдартаълим ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Осори илмӣ ва психологию педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъоляти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стратегияи давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ ва таҷрибаи пешқадами олимони ватанию хориҷӣ сарчашмаи маълумот шуда метавонанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории амалии бевоситаи муҳақиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш,

тавсиф ва натичагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасниф ва ҷамъбасткуни бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ-арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмӣ, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ дар шакди маълумоти оморӣ ва коркарди дурусти онҳо дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ рӯйи кор омаданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот** Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 14 шаҳри Ҳисор ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 1, № 3, № 15-и ноҳияи Рӯдакии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар раванди таҳқиқот беш аз 300 нафар хонанда, 10 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва 23 нафар падару модарон фаро гирифта шуданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад:

- манфиатнокии методҳои фаъоли таълим ва муносибати инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуд;

- технологияи нави ворид намудани барномаҳои давлатӣ дар мутобиқат ба китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- истифодаи методҳои фаъоли таълим дар шароити вариантивии мазмуни таҳсилот, муносибати тафриқавӣ ба барномаҳои таълимӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- коркарди тавсияҳо барои роҳбарон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Мазмун ва мафҳуми ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ тавассути методҳои фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣ амалӣ мегардад.

1. Шароити имрӯзаи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки ҷиҳати нигоҳдории фазои ягонаи таҳсилот механизмҳои самараноки мувофиқ дарёфт гарданд.

2. Навсозӣ ва ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ танҳо тавассути ворид намудани методҳои фаъоли таълим ва ислоҳоти низоми миллии таҳсилот имконпазир мебошад.

3. Нақш, мақом ва мавқеи ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути методҳои фаъоли таълим коркард гардид.

5. Дар кор тавсияҳо дар барои ташаккул додани салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба коркарди технологияи лоиҳакашии мазмуни таҳсилот дар асоси муносибатҳои инноватсионӣ дода шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаи дар раванди таҳқиқот ба даст омада паҳлуҳои мубрами асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоиро бо истифода аз методҳои фаъоли таълим дар бар гирифта, ҳамчун сарчашмаҳои назариявии таҳқиқот хизмат мекунад. Диссертатсия мавқеи истифода аз методҳои фаъоли таълимро дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчун заминаи бунёдӣ-методологии ташаккули салоҳиятмандӣ ишора менамояд. Роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иртиботӣ, муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ, чун омили боэътимоди рушди салоҳияти иҷтимоӣ дар зинаи ниҳоии таҳсилот-синфҳои ибтидоӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш, таҳлили осори фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, методӣ тавассути истифодаи усулҳои муқоисавӣ асоснок намудани нуқтаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд. Муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию назоратӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгорони дар корҳои таҷрибавию озмоишӣ ширкатнамуда таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия бо бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 назария, методики ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ- иҷтимоӣ (13.00.05.03) педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ мувофиқат мекунад:

банди1 «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо, усулҳои таҳқиқоти педагогӣ).

банди 6- «Консепсияи таҳсилот» (Сифати таҳсилот ва технологияи арзёбии он; раванди инноватсионӣ дар таҳсилот). банди 7- «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯхиши дурусти таҳқоқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзу, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз соли 2015 то 2018 дар ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият намуда, усулҳои фаъолро дар ҷараёни дарсҳои синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон татбиқ намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмию методӣ, ҷаласаҳои иттиҳоди методии синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор додааст, ки тавсиб ва тасдиқи худро дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмӯи маводи

конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 8 номгӯи мақолаҳои илмӣ, ки 4 номгӯ аз он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи фаҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯ дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 2 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳар боб аз 3 зербоб, хулосаи боби якум, хулосаи боби дуюм, хулосаи умумӣ, ду анкета, 16 таблитса, рӯйхати адабиёт, 7 пешниҳод иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 180 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 1.1. Технологияи таълими интерактивӣ дар ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Ҳодисаҳои сиёсӣ-иқтисодӣ, иҷтимоии даҳсолаҳои охири Тоҷикистон ҳатто ба таҳсилоти ибтидоӣ бетаъсир намонд. Таҳсилоти ибтидоӣ базаи асосӣ маҳсуб ёфта, он зеркурсии тамоми зинаҳои таҳсилотро мегузорад ва шароити бобарорро дар иҷтимоӣ гардидани хонандагон таъмин менамояд. Дар навбати аввал ин ба ташаккули фаъолияти маҷмуии таълим, ки метавонад маҳорати хонданро таъмин намояд, мансуб мебошад. Таҳсилоти ибтидоӣ метавонад, асоси фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро гузорад. Таҳсилоти ибтидоӣ мақоми дарккунӣ, нигоҳдорӣ, татбиқи мақсадҳои таълимӣ, банақшагирӣ, назорат ва баҳо доданро ба амалҳои таълимӣ ва натиҷаи он дар хонандагон бедор намуда, майлу хоҳиши онҳоро ба таълим бедор менамояд [88,39].

Дар синфҳои ибтидоӣ аз сабаби он ки ҷисми хонандагон нозуку ноустувор аст, бештар бояд машғулиятҳо дар шакли бозӣ ба роҳ монда шаванд. Бозӣ ҳамчун воситаи инкишоф ва тарбия аз ҷониби олимон, В.А.Кан-Калик, А.Н.Леонтев, И.Я.Лернер, А.М.Матюшкин, Д.Б.Элконин мавриди омӯзиш қарор гирифта буд. Оид ба имкониятҳои таҳсилотии методҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ олимону муҳақиқон М.В.Кларин, Р.И.Жуковский маводҳои зиёде таҳия намудаанд. Аз мавқеи типологияи шаклҳои асосии фаъолият (меҳнат, бозӣ, таълим) олимон С.Ф.Занко, Ю.С.Тюнников, С.М.Тюнникова корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд.

Моҳияти бозиро ҳамчун шакли муошират В.С.Грехнев кушода додааст. Вазифаҳои методҳои фаъол аз ҷониби Н.М.Михайлова ва ҳамчун шакли фаъолияти маърифатӣ аз ҷониби З.И.Лаврентев ва оид ба ташаккули малакаҳои омӯзгорони оянда Э.А.Гришин, В.А.Кан-Калик,

Н.Г.Ксенофонтова таҳқиқ шуда, онҳо дар ин самт маводҳои арзанда ба табъ расонидаанд.

Оид ба методҳои фаъол ҳамчун воситаи ташаккули мақоми таълим В.С.Илин, А.К.Марков, оид ба таҳсил ва меҳнат О.С.Гребещшок корҳои зиёдеро анҷом бахшиданд ва оид ба мақоми онҳо дар дастоварди хонандагон Е.Е.Лушников, К.Е.Лушников, В.В.Петрусинский, К.Г.Розанов заҳмати зиёде кашиданд.

Роҷеъ ба моҳияти методҳои фаъоли таълим дар педагогикаи хориҷӣ олимони ШМА А.Л.Батлср, Э.Э.Готц, Д.Морено; Англия П.Гордн, А.Дейвиеан ҳиссаи хешро гузоштаанд. Методҳои фаъоли таълим дар ШМА, Англия, Канада, Франсия, Германия, Япония татбиқи васеи худро ноил гардидаанд.

Доир ба паҳлуҳои гуногуни ин масъала олимони тоҷик низ маводи зиёдеро манзур намудаанд. Махсусан, зинаи ибтидоии таҳсилоти мактабӣ бояд мақомгирии маърифатӣ ва майлу хоҳиши хонандагонро ба таълим таъмин намояд. Омодагӣ ва қобилиятнокии онҳоро дар ҳамкорӣ ва фаъолияти якҷоя бо омӯзгор ва ҳамсинфон методҳои фаъол ба инобат гирифта, тарзу воситаи ташкили корро бо хонандагон омӯзгор ба нақша гирад. Асосҳои рафтори ахлоқии онҳо ташаккул ёфта, муносибатҳои шахсиятии онҳо бо ҷамъият ва одамони атроф ба қадри муайян ошкор мегардад, ки аломати асосии иҷтимоишавии онҳо мебошад.

Хусусияти мазмуни таҳсилоти ибтидоии муосирро на танҳо ҷавоб гардонидан ба саволҳо, ки хонанда бояд онҳоро донад, балки ташаккул додани амалҳои универсалии таълимӣ дар соҳаҳои шахсиятӣ, муоширатӣ, маърифатӣ ташкил медиҳад. Хонандаи муосири синфҳои ибтидоӣ бояд ба салоҳияти танзимбахшӣ дар ташкили амалҳои мустақилонаи фаъолияти таълимӣ- иҷтимоӣ ноил гардад [3,66].

Вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ на танҳо аз он иборат мебошад, ки дониши хонандагонро бой гардонад, балки роҳҳои мустақилона ба даст овардани донишро низ ба онҳо ёд диҳад. Дар муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ба кӯдак гӯш карда тавонистан, ба

муошират дар вақти зарурӣ ҳамроҳ шудан ва майл ба касбу ҳунарро ёд медиҳанд. Хонандаро ба он омода намудан зарур аст, ки дар муҳокимаи коллективӣ иштирок намояд ва бо ин роҳ салоҳияти иҷтимоӣ-муоширатии хешро ташаккул диҳад. Ӯ тавассути таълим ба коллективи гурӯҳи ҳамсиннусолон ворид гашта, ҳамкории самарабахшро бо ҳамсолон ва калонсолон аз худ менамояд, ки ин раванд ба иҷтимоишавии ӯ мусоидат менамояд.

Тамоми ин гуфтаҳои болоро мо метавонем ташаккулдиҳандаи малакаи таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ номгузорӣ намоем. Барои ноил шудан ба ин маҳоратҳо, хонанда бояд мавқеи фаъолро дар дарс ишғол намояд. Ба таҳсил майлу хоҳиш надоштани хонандаи синфҳои ибтидоӣ омӯзгори таҷрибадорро водор менамояд, сабаби зуд ошкор ва бо тадбирҳои судманди педагогӣ бартараф намояд, аммо омӯзгори бетаҷриба онро решадору қавӣ гардонида раванди иҷтимоишавиро халалдор менамояд [33,39].

Яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир проблемаи фаъолияти шахсӣ дар таълим мебошад. Ин масъала, яъне ташаккул додани сифатҳои шахсиятӣ, мубрамтарин масъала барои илми педагогика, психология ва таҷрибаи таълимӣ ба шумор меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки то 70% сифатҳои шахсиятиро хонандагон дар давраи таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ ноил мегарданд, ки ин раванди иҷтимоишавӣ ва одатпайдокунӣ мебошад. Аз ин рӯ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд нисбат ба тамоми омӯзгорони дигар, педагог, психолог ва методистони баркамол бошанд, зеро дар таносуб бо хонандагони синфҳои болоӣ дар синфҳои ибтидоӣ кор нозуку душвортар аст.

Аммо, мутаассифона, имрӯз дар синфҳои ибтидоии минтақаҳои Тоҷикистон бештар ба кори таълиму тарбия синфҳои ибтидоӣ касоне сару кор мегиранд, ки ягон сатҳи омодагии касбӣ надоранд. Дар онҳо ягон маҳоратҳои базавӣ, тарзи ифоданок хононидан, бехато навиштан, риояи элементҳои хат, дуруст ва бехато ҳал намудани мисолу масъалаҳо мушоҳида мегардад [11,21].

Барои фаъол гардонидани таълим, муҳайё сохтани шароитҳои дидактикӣ ва психологии дарки таҳсилот зарур аст. Фаъол гардонидани таълим, ворид намудани хонандагон ба инкишоф на танҳо зеҳнӣ, балки шахсиятӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ мақсади асосии методҳои фаъоли таълим мебошад ва дар ин самт мавқеи асосиро маҳорати касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ишғол менамояд.

Мақсади асосии методҳои фаъоли таълим, додани дониши тайёр набуда, балки хонандаро ба ҳосил намудан ва ба даст овардани дониш сафарбар намудан мебошад. Фарқияти байни «додани дониш» ва «ба даст овардан ва фаҳмидани он» ниҳоят калон аст. Касе умедвори донишро дар шакли тайёр ба даст овардан бошад, хато мекунад. Касе ба таври механикӣ донишро дар хотир нигоҳ доштанӣ бошад, бояд фаҳмад, ки он ба зудӣ аз хотири хонанда фаромӯш мешавад. Ақли мо аз он ҳақиқат ҷудо шуда наметавонад, ки донишро барои худ исботгардида ҳисобем. Дониши даркгардида ва ҳаматарафа дар таҷриба санҷидашуда метавонад дастоварди инсон ба ҳисоб равад, ки методҳои фаъоли таълим аз мо дар ташаккули салоҳият иҷтимоии хонанда ҳаминро талаб менамояд.

Сухани муаллими ахлоқ, асосгузори фалсафаи Чин Конфутсийро набояд фаромӯш кард, ки фармудааст: «Ба ман гӯй - ва ман фаромӯш мекунам, ба ман нишон деҳ- ва ман дар хотир мегирам, иҷозат деҳ, худам иҷро кунам ва ман мефаҳмам». Ин суханон то кадом дараҷа ҳақ ва ба таълимоти педагогикаи муосир наздик мебошанд. Фаъолияти корӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва таҷрибаи кори омӯзгориям ин гуфтаҳои Конфутсийро тасдиқ менамоянд.

Зеро, дониш ва донистан мутобиқи андешаи Абуалӣ Ибни Сино оғоз меёбад, аз надонистан ва бо роҳи нодонӣ ба донистани асрори олам расидан. Илми фалсафа тасдиқ менамояд, ки донистан оғоз мегардад, аз муроқибаи зинда, ба тафаккури абстракт ва аз тафаккури абстракт ба амалия. Мутобиқи таҳқиқотҳои педагогӣ ва психологӣ ба касе пӯшида нест, ки хонандагон имконият доранд, ки матни хондаашонро 10% дар

хотир нигоҳ доранд, чизҳои шунида 20 %, чизҳои дидаашонро 30 %, он чизҳое, ки мебинанд ва мешунаванд 50%, он чиро, ки худашон мегӯянд 70% мефаҳманд ва он чиро мегӯянду мустақилона иҷро менамоянд, 90% мефаҳманд. Аз ин рӯ, аз ҳама муҳим он мебошад, ки ба хонандагон имконият диҳем, ки фаҳманд, гӯянду амалан иҷро намоянд [33-39].

Маводи овардашуда ба таври аёнӣ азхудкунии маводи таълимиро аз дараҷаи мароқи хонандагон дар ҷараёни маърифат муаррифӣ менамояд. Дар ҳолати аз ҷониби омӯзгор дар дарс истифода намудани методҳои ғайрифаъол худи омӯзгор дар дарс мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар ин ҳолат тартиби муоширати гуфтугӯӣ бештар хосияти тобегиро ба фикру андешаи омӯзгор ноил мегардад. Омӯзгор дар методҳои анъанавӣ корро худаш аз рӯи нақшаи пешакӣ тартибдодашуда мегузаронад ва хонандагон ба субъекти ғайрифаъол табдил меёбанд.

Барои омӯзгор кор кардан дар методҳои анъанавӣ осон аст, зеро хокими мутлақи таълиму тарбия дар синф худи омӯзгор ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳис карда мешавад, ки дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон тобу тоқати чизи навро қабул карданро надоранд ва аз чизи куҳнаи одатнамуда даст кашидан намехоҳанд. Тамоми кӯшиши зоҳир намудани мустақилияти хонанда, майли эҷоди хонанда ҳамчун мустақилият, беруншавӣ аз нақшаи кории пешакӣ тартибдодашуда, дониста мешавад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар чунин дарсҳо ба объекти таъсиррасонии калонсолон табдил ёфта ҷараёни иҷтимоишавии онҳо халалдор мегардад. Чунин дарс ва чунин метод имконияти ташаккул додани салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагонро таъмин карда наметавонанд.

Ба ҷараёни муосири таҳсилот технологияи нави педагогӣ, шаклҳои самараноки ташкили он ва методҳои фаъоли таълим заруранд. Махсусан, раванди ҷаҳонишавии таҳсилот талаботро ба ворид намудани методҳои фаъол дар таълим ва фаъолияти инноватсионӣ дар беҳдошти сифати таълим ва ташаккули муносибати босалоҳият дар назди тамоми зинаҳои таҳсилот баҳри иҷтимоишавии хонандагон мегузорад. Ба

сифати яке аз чунин методҳо мо мехоҳем технологияи методҳои фаъоли таълимро мавриди муҳокима қарор диҳем. Истифодаи дурусти методҳои фаъоли таълим имконият медиҳад, ки на танҳо комёбиҳои фаннӣ, балки байнифаннӣ ва шахсиятӣ дар мувофиқа бо Стандартҳои давлатии таҳсилотии Тоҷикистон амалӣ гарданд.

**Таълими фаъол худаш чӣ маъно дорад?** Он ба чӣ нигаронида шудааст? Аз он мо чиро интизорем? Тавассути он ба кадом дастовардҳо ноил гардидан мехоҳем? Таълими фаъол- ин, пеш аз ҳама, таълими муоширатӣ мебошад, ки дар раванди он ҳамкории омӯзгор бо хонандагон рӯй медиҳад. Ҳамкории омӯзгор бо хонандагон бе боварӣ шуда наметавонад ва худи боварӣ омили асосии рушду ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагон мегардад. Кадом методе набошад, ҳамон вақт ба муваффақият ноил гардида метавонад, ки ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ ва бовариро ба вуҷуд оварда тавонад [21, 96].

Тавсифи асосии «методҳои фаъоли таълим» кадомҳоянд? Бояд иқрор шуд, ки таълими фаъол- ин шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон мебошад. Бе фаъолияти маърифатӣ хонандагонро салоҳиятнок гардидан ғайриимкон аст. Вай дорои мақсадҳои муайян ва пешгӯйикунанда мебошад. Яке аз ин мақсадҳо ба ташкил додани шароити мусоиди таълимӣ нигаронида шудааст, ки хонанда тавонад бобарории хеш, ҳолати зеҳнии хешро, ки маҳсули ҷараёни таълим аст, дарк намояд.

Моҳияти таълими фаъол дар он мебошад, ки ҷараёни таълим бояд тарзе ташкил карда шавад, ки тамоми хонандагон дар мувофиқа бо Стандартҳои давлатии таҳсилоти Тоҷикистон ба донистан ҷалб карда шаванд. Тавассути таълими интерактивӣ онҳо имконият пайдо менамоянд, ки маводҳои барномаи таълимиро фаҳманд ва оид ба он чизе ки медонанд ва фикр мекунанд, озодона ба баён намудани андешаашон одат пайдо намоянд. Фаъолияти якҷояи хонандагон дар ҷараёни маърифатӣ, аз барнамоии маводи таълимиро осон гардонида, дар онҳо фаҳмидани маъно оғоз мегардад. Ин имкон медиҳад, ки ҳар яки онҳо

ҳиссаи шахсии худро дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии муоширатии хеш гузоранд.

Дар чунин ҳолат дар байни онҳо ивазкунии дониш ба тарзи фаъолият рӯй медиҳад. Дар методҳои фаъоли таълим хонандагони фаъол ба хонандагони сусту миёна метавонанд таъсир расонанд. Ин дар фазои дӯстӣ ва ҳамкории хайрхоҳона рӯй дода, на танҳо ба ноил гардидан ба донишҳои нав имкон медиҳад, балки фаъолияти маърифатиро ташаккул дода, онро ба шакли баландтари ҳамкорӣ ва кооператсия мебардорад.

Дар синфҳои ибтидоӣ яке аз методҳои беҳтарин ва манфиатнок ташкил ва инкишоф додани муошырати байниҳамдигарии хонандагон мебошад. Ин метод онҳоро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамтаъсиррасонӣ дар ҳалли якҷояи вазифаҳои умумӣ ва моҳиятнок барои ҳар як иштирокчии ҷараёни таълим бурда мерасонад. Мо, дар таҷрибаи кории хеш дар синфҳои ибтидоӣ, масъаларо ба миён гузошта, аз дур бетарафона мушоҳида менамоем, ки хонандагон барои ҳалли он чӣ гуна талош меварзанд.

То зарурияти педагогӣ пайдо нашавад, ба кори онҳо дахолат намекунем, мушоҳидаи мо собит менамояд, ки онҳо тамоми қувваю дониши худро сафарбар намуда, то масъала ҳалли хешро наёбад ором намегиранд [28,168].

Таълими фаъол ҳукмронии як фикру андешаро ба фикру андешаи дигар тарафдорӣ наменамояд. Дар он бештар муқобилгузорӣ, муқоиса дида мешавад, ки боиси ҳосил гардидани чизи пешқадам мегардад. Гуфтаҳои Абдураҳмони Ҷомӣ мисоли равшани ин андешаанд, ки фармудааст:

**Қонеъ нашавӣ ба ҳар чӣ ёбӣ,**
**Аз хуб ба хубтар шитобӣ.**

Дар раванди таълим бо методҳои фаъол мустақилияти хонандагон бештар мегардад, онҳо дар муошират бештар ширкат меварзанд, ки ин омил тафаккури танқидии хонандагонро инкишоф медиҳад. Ин омил маҳсули таълими фаъол буда, дар таълими анъанавӣ қариб тамоман

вуҷуд надошт ва надорад. Дар натиҷаи таҳлили ҳолати ҳал кардани вазифаҳои мураккаб ва ахбори мувофиқ, хонандагон ба чен кардани фикрҳои алтернативӣ оғоз намуда, ба коркарди қарори пухта кӯшиш менамоянд, ки ба иштибоҳ роҳ надиҳанд. Дар чунин ҳолат дар байни онҳо баҳс ва муоширатҳои самаранок оғоз гардида, салоҳияти иҷтимоӣ маърифатии хонандагон ташаккул меёбад [27,36-39].

Бо ин мақсад дар дарсҳо бештар хонандагон ба корҳои фардиятӣ ва ҷуфтӣ машғул гардида, лоиҳаҳои таҳқиқотӣ, бозиҳои нақшӣ (ролевие), кор бо ҳуҷҷатҳо, бо сарчашмаҳои гуногуни ахбор банд карда мешаванд. Ташкил намудани корҳои эҷодии дуруст дар синфҳои ибтидоӣ омили кушодашавии қобилияти хонандагон мегардад. Ҳар як амали одитарини иҷронамудаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ характери эҷодӣ дорад ва аз омӯзгор ҳушёрии зиёдро талаб менамояд, то ки дар хонандагон майлу хоҳишашон хомӯш нагардад.

Омӯзгор дар раванди кор бо методҳои фаъол вазифадор аст, ки фаъолияти хонандагонро барои ба даст овардани мақсади дарс равона намояд.

*Вазифаи методҳои фаъоли таълим аз инҳо иборатанд:*

- ба хонандагон ёд додани ҷустуҷӯи мустақилонаи ахбор ва таҳлилу коркарди он, ки ба иҷтимоишавӣ онҳоро водор менамояд;
- ҳосил намудани малакаи дуруст истифода бурда тавонистан аз ахбор дар вазъияти мавҷуда;
- ҳосил намудани малакаи кор карда тавонистан бо ҳайати гурӯҳ;
- эҳтироми андешаи дигарон, ба нуқтаи назари бегона беэътиноӣ зоҳир нанамудан;
- ёд додани тарзи сохтани фикру андешаи хеш, ки ба далелҳои мушаххас такя намояд.

*Шакли мавҷудаи таълим дорои аломатҳои зерин мебошад:*

- ҳамкории хонандагон байни ҳам ва бо омӯзгор (бевосита ё бавосита);

• баробарӣ ва озодӣ дар ҷараёни муошират, ки иштирокчиёни чунин муошират ба он завқманд бошанд ва омода бошанд, ки табодули афкор намоянд;

• дар бораи роҳҳои ҳалли мушкилот андешаи хешро гӯянд, мушкилотро муҳокима намоянд ва нуқтаи назари хешро ҳифз карда тавонанд;

• ин шакли таълим додани «воқеият», таълими ба проблемаҳои воқеӣ асосдошта ва ҳолатҳои воқеияти моро иҳотанамуда мебошад [81,45].

Тавре ки, болотар ишора намудем, таълими фаъол, ин чунин шакли ташкили ҷараёни таълимие мебошад, ки бе иштироки хонанда номумкин аст. Дар ин шакли таълим иштироки хонанда дар коллектив, ҳамкории байниҳамдигарии иштирокчиёни ҷараёни маърифат ниҳоят муҳим мебошад.

*Шаклҳои таълими фаъол инҳоянд:*

• Кор дар ҷуфти оморӣ ё ҳайати ивазшаванда;

• Кор дар гурӯҳҳои хурд;

• Бозиҳои ҳамкорӣ. Ин шакли таълим махсусан барои ташаккул додани салоҳияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Мафҳуми «технологияи фаъол» одатан бо ду гурӯҳи технологияи ҳамкорӣ дар чунин шакл робитаманд мебошад:

*гурӯҳи якум* - таълиме, ки дар муошират бо компютер ва ба воситаҳои компютерӣ асос ёфта бошад;

*гурӯҳи дуюм* - бе компютер - ҳамкории таълими байни хонандагон, ки махсус ташкил дода мешавад.

*Метод ва усулҳои асосии таълими фаъол инҳоянд:*

• ҳуҷуми зеҳнӣ- силсилаи саволу ҷавобҳо ё пешниҳоду андешаҳо оид ба мавзуъ, ки дар натиҷаи он дурустӣ ва нодурустӣ баъди ҳуҷуми зеҳнӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян мегардад;

- кластерҳо, диаграммаҳои муқобилгузорӣ, саволномаҳо- ҷустуҷӯи калимаҳои калидӣ ва мушкилот оид ба муайян намудани мавзӯи хурд дар синфҳои ибтидоӣ.
- дарсҳои фаъол бо истифода аз воситаҳои шунавоӣ ва маводҳои видеоӣ, ТИК, мисол, тестҳои дар таркиби онлайн, кор бо китоби электронӣ, барномаҳои таълимӣ, расонаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ;
- мизи мудаввар (баҳс, мунозира)- шакли методҳои гурӯҳӣ, ки муҳокимаи гурӯҳии хонандагонро оид ба проблема дар назар дорад, мулоҳиза ва роҳҳои якҷоя ҳал намудани он мебошад.
- бозиҳои корӣ (аз он ҷумла, нақшӣ, тақлидкунӣ, маҷозӣ)- методи машҳуре мебошад, ки ҳатто бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ хеле хуб истифода бурда мешавад. Дар вақти бозӣ хонандагон метавонанд, ки нақши ин ё он иштирокчиро бозӣ кунанд ва дар ин ё он касб хешро озмоянд.
- Ин метод дар тарбияи касбӣ ва касбинтихобкунии хонандагон аз давраи таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим мебошад ва аз даврони хурдсолӣ мақсаду орзуи онҳо оид ба иҷтимоишавӣ муайян мегардад;
- Аквариум - яке аз гуногунрангии бозиҳои корӣ ба ҳисоб меравад, ки шоуи воқеиро ифода менамояд. Дар натиҷаи он дар ҳолати мавҷуда 2-3 нафар иштирокчӣ бозӣ намуда, дигарон аз атроф нигоҳ карда, фаъолияти иштирокчиёнро таҳлил менамоянд ва таклифу дархости худро пешниҳод мекунанд;
- методи лоиҳа - яке аз методҳои фаъоли таълим буда, хонандагон мустақилона лоиҳаро коркард намуда, худашон онро ҳимоя менамоянд [100, 48].

Ба методҳои фаъоли таълим дар дарс инчунин устои синф, сохтани афкори хонандагон, дарахти ҳал дохил мешавад. Ҳар кадоми ин амалҳои номбаршуда аз таҷриба ва маҳорати омӯзгор вобастагӣ дорад ва стратегияи фаъолияти инноватсионии омӯзгорро ташкил медиҳад.

Мо дар фаъолияти кори хеш дар таълими синфҳои ибтидоӣ, ҳар чи бештар аз методҳои фаъоли таълим истифода мебарем. Бо ин методҳо кор кардан омӯзгорро ҳатто фаъол гардонида, ба ҷустуҷӯи пайвастаи роҳу усулҳои пешқадам ҳидоят менамояд. Ин ба мо ёрӣ медиҳад, ки ҷараёни таълимро мазмуннок, мантиқан ба мақсадрасида, аз рӯи ҳолату ҳиссиёт самаранок гардонем.

Синфҳои ибтидоӣ- муҳимтарин давраи таълими мактабӣ буда, дар раванди он барқароршавии шахсияти кӯдак гузошта мешавад. Ҳамчун одат, дар ин давра иқтидори муоширатии ӯ ташаккул ёфта, аз бар намудани ахбор аз сарчашмаҳои гуногун оғоз мегардад. Аз он ҷумла, дар ин давра худбаҳодиҳии мактаббача ва муносибати он ба ҷараёни таълим бедор мегардад. Ин раванд аз омӯзгори синфҳои ибтидоӣ муносибати ниҳоят нозуки педагогиро талаб менамояд. Ночизтарин хатогӣ метавонад алангаи дар дили хонанда бедоршударо хомӯш гардонад ва салоҳияти иҷтимоӣ ноаён гардад.

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ухдадор аст, ки дарсҳоро ниҳоят пухта нақшабандӣ намояд. Бояд дар ин раванд хусусиятҳои зерини психологии хонандагонро ба инобат гирифт:

- дар ин синну сол кӯдакон ахборро дар бозӣ хубтар ба хотир мегиранд;

- дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ малакаи муоширатӣ суст ташаккул ёфтааст ва бедор намудани он аз санъати педагогии омӯзгор вобаста мебошад;

- кӯдакон дар синфҳои ибтидоӣ маҳорати худомӯзӣ чандон надоранд;

- муоширати шифоҳӣ ва мароқ зоҳир намудан ба худомӯзӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз санъати омӯзгор вобаста мебошад.

Ин махсусиятҳоро дар шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба инобат гирифта, омӯзгор ба гузаронидани дарс бояд эҷодкорона муносибат намуда, шаклҳои гуногуни бозиро дар фаъолияти таълимӣ ворид намояд. Омӯзгор дар раванди дарс байни хонандагон муоширати

гуфтугӯиро ба роҳ монда, маҳорати муоширатии хонандагонро инкишоф дода, тарзи муошират дурустро омӯзонад.

Дар ин раванд омӯзгор бояд ба инобат гирад, ки дар як вақт ба якчанд хонанда барқарор намудани муошират нисбат ба як нафар хонанда муошират намудан мушкилтар аст. Аз ин рӯ, дар давраи ташаккул додани гурӯҳҳо кӯдаконро ба ҷуфтҳо ҷудо намудан беҳтар мебошад.

Хонандагонро бо тарзи мустақилона ба даст овардани ахбор омӯзгор шинос намояд, омӯзгор инчунин бояд дар хотир дошта бошад, ки онҳо ҳоло ҳам қудрати мустақилонаи фаъолияти таълимӣ надоранд ва аксар вақт ба дастуру таъкиди омӯзгор ниёз доранд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки онҳо бо баъзе усулҳои методҳои фаъол барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ одатро тақвият бахшанд. Дар асоси машқҳои машҳури методҳои фаъоли таълим, машқҳои шахсии хешро, ки ҷавобгӯи барномаи таълим бошанд ва ба хусусияти синнусолии хонандагон мувофиқат намоянд, ворид созанд.

Мо ҳангоми корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ шаклҳои фаъолро дар кор бо ҷуфтҳои оморӣ истифода бурдем. Барои синфҳои ибтидоӣ ин давраи муҳим ҳамкории байниҳамдигарии хонандагон дар раванди дарс мебошад. Дар давраи ташаккул додани маҳорати хонандагони синфҳои ибтидоӣ онҳо бояд дар ҷуфти доимӣ амал кунанд.

Бозии ҳамкорӣ, агар барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузоштаи дарс бошад, дар тамоми давраи таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ истифода бурда мешавад. Дар як қатор машқҳои интерактивӣ, ки мо дар дарсҳо истифода мебарам, ба монанди «Ҷустуҷӯи мутобиқат» аз хонандагон ҷустуҷӯи калимаҳои монанду ҳаммаъно талаб карда мешавад. Ин метод метавонад фонди луғавии хонандагонро бой гардонад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ дар намонанд ва мушкилотро эҳсос нанамоянд [36-44].

Дар методи **«Ҷустуҷӯи мутобиқат»** аз хонандагон талаб карда мешавад, ки мутобиқати калимаҳоро муайян намоянд, инчунин тавсия дода мешавад, ки ин супоришро то шиносшавиашон бо матнҳои

мураккаб анҷом диҳанд. Ин супориши хубест, барои мустаҳкам гардонидани мазмунфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Дар асоси усули «**Ороиш**» аз машқ истифода бурда, савол мегузорем, ки **«Чӣ муҳимтар аст?»**. Дар давраи иҷро намудани ин супориш аз хонандагон талаб карда мешавад, ки як қатор тасдиқотро пешниҳод намуда, муҳиммияти нисбии онҳоро дар таносуб бо дигар ашёю предметҳо муайян намоянд.

Дар давраи иҷро намудани ин супориш аз хонандагон талаб карда мешавад, ки як қатор машқҳоро дида бароянд, ва муҳиммияти нисбӣ ё арзишнокии онро дар муқоиса бо дигар ашёҳо муайян созанд. Методҳои фаъоли таълим методҳое мебошанд, ки дар **«дуруст ё нодуруст»** ҳал кардани хонандагон бештар масъулиятро ба онҳо вогузор менамояд. Омӯзгор дар ҷараёни таълим тавассути методҳои фаъол кӯшиш менамояд, ки мавқеи мушоҳидачиро ишғол намуда, ба кори хонандагон то зарурият наафтад, дахолат нанамояд ва то охир гузорад, ки онҳо лаёқати хешро зоҳир намоянд.

Дар давраи иҷро намудани амал хонандагон матнро бодиққат хонда, ба дуруст ё нодуруст ҳал намудани он оғоз намоянд. Ин мумкин тарзи беҳтарини дар онҳо мустаҳкам намудани донишҳои пешин ва ҳадафгирии ба ҷустуҷӯи ҷавобҳои зарурии нав бошад [108,39].

Дар давраи оғоз намудан ба кор дар гурӯҳҳои хурд аз усулҳои «як- ду- се- чор» истифода бурдан зарур аст. Ба хонандагон проблема ё ахбор пешниҳод карда мешавад, ки онҳо дар навбати аввал мустақилона онро коркард намоянд, пас дар чут санҷида, баъдан дар гурӯҳи чорнафара муттаҳид гарданд. Пас аз қабул намудани қарори якҷоя дар байни чор нафар муҳокимаи масъала оғоз меёбад.

Кор бо гурӯҳ: дар шакли бозии **«Таҳқиқотчиён»** баргузор карда мешавад. Омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки матнро таҳқиқ намоянд, ҳисоб кунанд, ки дар он чанд маротиба калимаи лола такрор шудааст. Лолаи якум аз дуюм, дуюм бо панҷум чӣ монандию фарқият

доранд. Бо ин роҳ омӯзгор зиракии хонандагонро ташаккул дода, қобилияти дарки нозукиро дар онҳо бедор менамояд.

Яке аз хусусиятҳои асосии методҳои фаъоли таълим дар педагогикаи муосир дар он мебошад, ки қобилияти дарк намудани «монандӣ ва фарқият»-и предмету ашёҳоро дар хонандагон ташаккул дода, маънофаҳмиро дар хонандагон ташаккул медиҳад, ки чизи муҳим ба ҳисоб меравад. Омӯзгори ботаҷриба хонандагонро ба ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд тақсим намуда, аломату нишонаҳои монандӣ ва фарқиятро ба онҳо ёд медиҳад ва аз фаъолияти хонандагон хулосаи зарурӣ мебарорад. Ин амал барои он муҳим мебошад, ки дар аксари хонандагони синфҳои ибтидоӣ кобилияти дарк намудани монандӣ ва фарқият суст ташаккул ёфтааст. Дар асоси гуфтаҳои боло омӯзгор хонандагони дар ин самт суст инкишофёфтаро ошкор намуда, бо онҳо корҳои махсус мебарад, то аз нуқсонҳои мавҷуда раҳо ёбанд, ки ба иҷтимоишавӣ мусоидат менамояд [111,87].

Дар методҳои анъанавӣ чунин набуд, аз ин рӯ хонандагон бо нуқсонҳои доштаашон муассисаро хатм намуда, як умр маъюбу маслуқ мемонданд ва раванди иҷтимоишавӣ халалдор мегардид. Методҳои фаъоли таълим ба тамоми паҳлуҳои инкишофи хонандагон диққат зоҳир намуда, роҳи ҳалли мушкилотро пешниҳод менамоянд.

Дар синфҳои ибтидоӣ боз мутобиқи андешаи мо ҳамчун таҳқиқотчии проблема бозиҳои ниҳоят ҷолиб, аз қабили **«Сабзавот», «Меваҳо», «Полезиҳо»** мавҷуданд, ки ин бозиҳо метавонанд карахтии хонандагонро бартараф намуда, нимкурраи чапи мағзи сари онҳоро фаъол гардонида, тафаккурашонро мантиқӣ ва манфиатовар гардонанд. Барои амалӣ намудани мақсадҳои хеш ҳарфҳои алифборо дар девор овехта, ба хонандагон супориш дода мешавад, ки сабзавоту меваҳои интихобнамудаашонро аз ҳарфҳои алифбо ёфта дар тахтаи синф дуруст нависанд.

Аз ҳарфҳои алифбо чормағз, нок, хурмо ва харбуза созанд ва нависанд, ки калима бо кадом ҳарф оғоз ва бо кадом ҳарф анҷом меёбад.

Ин метод ҳамчун машқ ва омодашавӣ мебошад ва дар чунин шакл хеле васеъ истифода бурдан мумкин аст. Методҳои фаъол, методҳое мебошанд, ки синфро як дам бекор нишастан намемонанд. Аз ин рӯ, хонандагон вақти бо корҳои беҳуда машғулшавӣ надошта, чӣ тавр ноаён гузаштани вақтро ҳис намекунанд. Тавассути методҳои фаъоли таълим, дар хонандагон аломати хасташавӣ ҳис карда намешавад.

Аз рӯи ҳарфҳои алифбо номи меваю сабзавотеро тартиб диҳед, ки аз чор, панҷ ва ҳафт ҳарф иборат бошад. Тавассути ин амал диққати хонандагон ба ҳисоб кардан, фикр кардан, ҷо ба ҷо гузоштани ҳарфҳо равона гардида, хотираашон ташаккул ёфта устувор мегардад [105-79].

Кор бо ҷуфтҳо, бо гурӯҳро мо ҳамчун таҳқиқотчии проблемаи синфҳои ибтидоӣ роҳи ташаккулдиҳии муносибати байни шахсиятии синфҳои ибтидоӣ мефаҳмем. Ин бо он муайян мегардад, ки дар ибтидои соли хониш аксарияти хонандагони синфи якум чунин хосиятҳоро ноил мебошанд:

- маҳорати якҷоя фаъолият кардан надоранд;
- барои ҳамкорӣ дар гурӯҳи калон омода нестанд;
- якдигарро чандон хуб намешиносанд;
- бо ҳамсиннусолони ношинос муошират карда наметавонанд ва аз фаъолияти ҳамкорӣ худдорӣ мекунанд;
- дар раванди таълими якҷоя ин аломатҳо дар зери таъсири омӯзгор бартараф гардида, ҳамкорию ба ҳам таъсиррасонӣ оғоз мегардад, ки ин маънои бедоршавии салоҳияти муоширатӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим кор бо ҷуфтҳо қулайтар мебошад, ки мақсади асосии он ташаккул додани муносибатҳои кори байни шахсиятӣ мебошад.

Ин шакли кор, дар хонандагони хурдсол малакаи мақсадгузории умумиро ташаккул дода, уҳдадориҳоро байнашон тақсим намуда, ризоиятро барои тарз ва шакли ба мақсади гузошта расиданро муҳайё месозад. Хонандаи синфҳои ибтидоӣ фаъолияти хешро бо фаъолияти рафиқон мутобиқ намуда, дар баробари амалӣ намудани мақсади

гузошташуда ба натиҷаи дилхоҳ ноил мегарданд. Дар ин ҷо, ба сифати мисол мехостем дарсҳои хешро, ки барои одаткунии хонандагони синфи якум мегузаронем, пешниҳод намоем, ки онро мо мехоҳем бо методҳои фаъоли таълим пайвандем:

- самти эҳсосии таҷриба дар муошират;
- самти рефлексӣ (дарк намудани ҳам ахбор ва ҳам лаёқати худ).

Рефлекс дар таркиби методҳои шавқовари таълим - муошират бо хонанда дар бораи тарзи фаъолият, ки моҳияти муҳимро доро мебошад, фаҳмида мешавад. Аз ҷониби мо дар раванди дарс шаклҳои зиёди амалиётҳо барои одаткунонӣ истифода бурда шуд:

«Мехоҳам пурсам», «Барои шумо дар дарси имрӯза…» Чӣ маъқул шуд? Чӣ маъқул нашуд? Кадом супоришҳо барои шумо мушкиланд? Дар иҷрои кадом супоришҳо сабукиро дарк менамоед? Баро чӣ? Барои иҷрои супориш ба ту чӣ халал мерасонад? Барои чӣ ман чунин супоришро пешниҳод намудам, дигар хелашро не, мақсадро ёбед? Барои чӣ дар ҷуфт кор мекунед? Ин ба ту чӣ медиҳад? Аз ин чиро омӯхтӣ? Дар дарси оянда чӣ кор кардан мехостед? Дар хона иҷро кардани чиро зарур мешуморед?

Барои самаранок истифода бурдан аз технологияи методҳои фаъоли таълим, баҳри аз бар намудани ҳаҷми муайяни мавод ва пухта аз бар намудани он технологияро ба бозӣ баҳри бозӣ табдил додан зарурият надорад. Бояд корро бо як самимияти хосса ба нақша даровард, ки дар синф ҷунбишро ба вуҷуд орад, [95,9].

Мо корро чунин ба нақша мегирем:

- ба хонандагон барои омодагии иловагӣ супориш медиҳем: хонандагон фикр кунанд;
- барои дарс чунин машқҳои интерактивиро интихоб менамоем, ки ба хонандагон калиди азхудкунии мавзуъро таъмин намояд;
- дар давраи гузаронидани машқҳои интерактивӣ ба хонандагон вақт медиҳем, ки дар бораи супориш фикр кунанд ва онро ҷиддӣ ва на ба таври механикӣ ҳал намоянд;

- дар як дарс як ё ду машқи интерактивӣ истифода бурда мешавад, тамоми машқҳоро дар як дарс истифода бурдан ба мақсад мувофиқ нест.

Дар раванди кор бо методҳои фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣ бояд аз тахтаҳои синфии интерактивӣ васеъ истифода бурд. Мо дар ҷараёни таълим аз имкониятҳои дастгоҳҳои муосир - тахтаи синфии интерактивии Smart Board, ки воситаи муҳим ба ҳисоб меравад, васеъ истифода мебарем. Дар хонандагони муосир талабот ба ахборҳои намоишӣ хело баланд аст. Тахтаҳои интерактивӣ, новобаста аз он ки барои кадом мақсадҳо истифода бурда мешаванд ва дар кадом давраи дарс, дастгоҳи намоишии далелҳо мебошад (набояд фаромӯш кард, ки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ фаъолияти аёнӣ ва тафаккури аёнӣ-шаклӣ бештар муҳим мебошад) [134,47].

Тахтаи электронӣ инчунин яке аз талаботи асосии таълимро дар синфҳои ибтидоӣ татбиқ менамояд, ки ин ҳам бошад, аёният аст. Дар он ворид намудани миқдори зиёди ахборро дар шакли схема, таблитса, матнҳо, ашёҳои намоишӣ, сабтҳои овозӣ ва ғайраҳо ворид намудан аз манфиат холӣ нест. Фазои номбурдаи таълим ба таври шинохтанашаванда имкониятҳои омӯзгорро васеъ намуда, интихоб ва татбиқи метод ва воситаҳои таълимро амалишаванда гардонида, салоҳияти иҷтимоиро ташаккул медиҳад.

Дар давраи истифода бурдан аз тахтаи интерактивӣ зарур намеояд, ки вақтро барои ивазкунии воситаҳои аёнӣ сарф намоем. Барои шустани он латтаи тар ва тозаю қоқ кардани тахтаи синфӣ ва навиштани ҳарф ё рақам вақт сарф намоем. Барои навиштани машқҳои нав, тоза ва ислоҳ намудани тағйирот, ворид намудани иловаҳо вақт сарфа намегардад, ки ин ба манфиати кор мебошад [62-205].

Мутобиқи технологияи таълими интерактивӣ вақт сарфа гардида, онро дар баёни мавзуи нав ё мустаҳкамкунии мавзуъ васеътар истифода бурдан мумкин мегардонад. Фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоии муосир бояд характери навгонӣ дошта бошад ва ҳамеша дар такмилу навшавӣ қарор гирад. Кор бо тахтаи интерактивӣ имконият медиҳад, ки

вақти арзишнок сариштаю сарфакорона ва оқилона истифода бурда шавад, ки ба манфиати таълим мебошад.

Истифода бурдан аз шакл ва методҳои фаъоли таълим дар дарсҳои синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки маводи таълимӣ дар шакли фаҳмо, дастрас, аҷиб, равшан, васеъ ва дар шакли манзаравӣ дастраси хонандагон гардонида шаванд, ки имконияти дар хотир нигоҳ доштанро баланд мебардорад. Он гоҳ хонандагон донишро беҳтар аз худ намуда, шавқашон ба маърифати ҳастӣ кушода гардида, чун шахсияти муоширатӣ ва дорои салоҳияти иҷтимоӣ, шахсиятӣ ва муоширатӣ ба камол мерасанд. Дар ин ҷо мо гуфтани нестем ва муқобил низ намебароем, ки омӯзгор тамоман аз методҳои анъанавӣ истифода набарад, баръакс аз методҳои анъанавӣ метавонад бо усулҳо тобишҳои нав истифода намояд.

Махсусияти татбиқи муносибати босалоҳият дар он мебошад, ки мақсади умумии таҳсилот дар шакли вазифаҳои калидӣ баромад намуда, тавонанд, то таълимро ба натиҷаи дилхоҳ расонанд. Вазифаҳои калидии методҳои фаъоли таълим ифодакунандаи самти ташаккули сифатҳои шахсиятии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар натиҷаи чунин муносибат, фанни таълимӣ ҳамчун сарчашмаи дониш баромад намуда, як қатор хосият ва муносибатро ифода менамояд, ки ба соҳаи фан мансубанд.

Муҳиммияти муносибати босалоҳият дар давраи коркарди Консепсия ва стандартҳои насли дуюм бо он мувофиқ аст, ки татбиқи пайдарпай метавонад самаранокии таҳсилотро дар чунин нишондодҳо баланд бардорад:

- натиҷаи таълим бештар характери амалиётӣ пайдо менамояд;

- хонандагон ҳарчи бештар дониши устувору чуқур пайдо менамоянд;

- ҳаракати мустақилонаи онҳо дар соҳаи таҳсилот васеътар мегардад;

- имконияти таълими тафриқавӣ бо нигоҳ доштани таркиби ягонаи донишҳои назариявӣ нигаронида мешавад;

- мақом ва ҳавасмандии хонандагон ба таълим баланд мегардонад;

- инкишофи умумимаданӣ ва шахсиятии хонандагонро чунин шакли таълим баланд мебардорад.

Дар раванди кор бо методҳои фаъоли таълим, муносибати фаъолиятӣ имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои асосии таълим ва тарбия ҷудо карда шаванд. Дар мафҳуми вазифаҳои калидӣ ва тарзи фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ифодаи худро меёбанд. Хонандаи синфҳои ибтидоӣ онро бояд донад ва иҷро карда тавонад, ки ин раванди иҷтимоишавии хонандагонро метезонад. Ин вазифаҳо бояд дар интихоб ва таркиби мазмуни таҳсилот гузошта шаванд. Мазмуни вазифаҳои **калидӣ,** ки самти ташаккули салоҳият ва натиҷаи умумии таҳсилотро ифода менамояд, аз чунин унсурҳо иборатанд:

**Салоҳиятҳои шахсиятӣ** - инкишофи ахлоқӣ, ҳаяҷонӣ, зебоипарастӣ, барқароршавии ҷисмонӣ ва сифатии хонандагонро дар бар мегирад.

**Салоҳиятҳои иҷтимоӣ** - дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки нав ба арсаи ҳаёт ворид гардидаанд, тарбияи боварии шаҳрвандӣ, демократӣ, ватандӯстӣ ва аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ ниҳоят муҳим мебошад.

**Салоҳиятҳои умумимаданӣ** - аз бар намудани маданияти ватанӣ ва ҷаҳонӣ, ки барои ташаккули минбаъдаи салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим мебошад.

**Ташаккули салоҳиятҳои зеҳнӣ** – инкишоф додани сифатҳои зеҳнӣ-хирадии шахсият барои аз бар намудани асосҳои илм мебошад, ки барои синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим аст.

**Салоҳияти муоширатӣ** – ташаккул додани тавоноӣ ва омодагии озодона барқарор намудани муошират бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва забонҳои хориҷӣ бо атрофиён ва дорои тавоноии истифода бурдан аз воситаҳои ахборотӣ буданро аз шахс талаб менамояд [62,206].

Дар робита бо ин, моҳияти амалии кори мо дар он мебошад, ки таҳсилот бояд мазмуни башардӯстона пайдо намояд. Мақсади асосии таҳсилот бояд ба инкишофи озодона додани шахсияти хонандагон равона карда шавад. Мақсади асосии таҳсилот дар шароити муосир ташаккули инсон ва шаҳрванд, барқароршавӣ ва зоҳиршавии фардияти ӯ, моҳияти субъективии эквивалентҳои меъёр ва тартиб, ахлоқӣ- этникӣ, иҷтимоӣ ва арзишҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷамъияти демократӣ қабул карда шудаанд, мебошад.

Дар дарсҳои синфҳои ибтидоӣ мо бештар методҳои фаъоли таълимро бо имкониятҳои нав, ки пеш аз ҳама барои барқарор намудани алоқа, ҳамкорӣ бо роҳи муоширати берунӣ истифода мебарем. Дар ҷараёни аз бар намудани маводи таълимӣ кӯшиш намудан зарур аст, ки тамоми робитаҳои ҳамкорӣ ва боварӣ мавҷуд бошанд.

Дар ҳақиқат, байни хонандагон дар синф муносибатҳои байнишахсиятӣ ногузир дар дараҷаи муайян рӯй медиҳад. Онҳо аз он вобаста мебошанд, ки хонанда дар фаъолияти таълимӣ дар гурӯҳ бобарор аст, ё ноком. Ташкил додани ҳамкории оқилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси маводи таълимӣ омили асосии дар маҷмуъ баланд бардоштан ва самаранок гардонидани фаъолияти таълимӣ мебошад.

Ҳангоми истифода бурдан аз шаклу усулҳои фаъоли таълим, мо дар назди худ як қатор ҳадафҳои муҳимтарини таҳсилотиро мегузорем:

- ба танзим даровардани мақом ва майлу хоҳиши хонандагон ба фанни омӯхташаванда дар нақшаи умумитаълимӣ, ки метавонад сарчашмаи салоҳиятнокии иҷтимоӣ гардад;

- баланд бардоштани дараҷаи фаъолият ва мустақилияти хонандагон, ки яке аз шаклҳои ташаккули салоҳиятнокии иҷтимоии синфҳои ибтидоӣ мебошад;

- инкишоф додани маҳорати таҳлилӣ, тафаккури танқидӣ, ҳамкорӣ, муоширати хонандагон;

- тағйири тартибот (ба ҳамкорӣ, эҳтиром) ва арзишҳои иҷтимоӣ;

- инкишоф ва худинкишоф тавассути фаъол гардонидани андешаронӣ ва ҳамкории гуфтугӯӣ бо омӯзгор ва дигар ширкаткунандагони ҷараёни таълим.

Дар мувофиқа, ба гуфтаҳои боло муайян карда шавад, ки арзишҳои базавии миллӣ бояд дар синфҳои ибтидоӣ такмил дода шаванд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд дар руҳияи муҳаббат ба Ватани хеш, ҳамдардӣ нисбати атрофиён, ёрӣ ба наздиқону барҷомондагон, дарки қимати дониш, ғамхорӣ дар бораи солимӣ, эҳтироми волидон, насли калонсол, расидан ба қадри меҳнат, эҷод ва бунёдкорӣ тарбия карда шаванд [10,14-21].

Яке аз вазифаҳои асосии методҳои фаъоли таълим баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккул додани салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагон мебошад, лекин амалия нишон медиҳад, ки бе муҳаббат ба гузашта, бетафовут будан нисбат ба қисмати халқу миллати хеш, инсон наметавонад фаъолу хушахлоқи комил бошад.

Аз хурдсолӣ кӯдаконро ғайр аз донишу малака додан, бояд дар рӯҳияи дӯст доштан ва ҳамдард будан нисбати башарият тарбия намудан зарур аст. Ба қадри донишу маърифаташон онҳоро ҳар чи бештар аз педагогикаи миллӣ, ба шахсият ва фаъолияти эҷодии Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигар намояндагони адабиёти миллӣ мисолҳо оварда, мавриди баҳсу мунозира қарор дода, ба маънавиёт ва ахлоқи онҳо таъсир расонидан зарур аст [52,54].

Ҳамаи мо аз олами кӯдакӣ гузашта ба ҳаёти калон ворид гардидаем, ки пур аз лаҳзаҳои хурсандӣ ва азобу машаққат мебошад. Ҳаётро дар маҷмуъ дақиқаҳои шодӣ ва ғаму андуҳ ташкил медиҳад ва мо хонандагони синфҳои ибтидоиро бояд дар рӯҳияи сабурӣ ва қаноатпешагӣ тарбия намоем. Қудрату тавоноии аз ҳаёт хурсандӣ намудан ва тавоноии бартараф намудани тамоми мушкилотҳо дар бачаҳо аз давраҳои аввали хурдсолӣ оғоз гардида, дар ҳаёти минбаъдаи ӯ мавқеи арзандаро ишғол менамояд.

Илми педагогика исбот менамояд, ки ягон кӯдак бо сифатҳои наку таваллуд намеёбад, лекин дар зери таъсири тарбия ва заҳмати пайвастаи омӯзгор ин сифатҳои наку дар ӯ ташаккул меёбанд. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ зираку кунҷкоб буда, ҳама чизи иҳотанамудаашонро қобилияти дарк кардан ва қабул намудан доранд. Албатта, номбар намудани тамоми сифатҳои одами ҷамъияти имрӯза ва оянда номумкин аст, аммо асоситарини онҳо имрӯз гузошта мешаванд ва агар имрӯз онҳоро дурусту бехато нагузорем, дер мешавад.

Арзишҳои базавӣ бояд дар болои тартиботи ҳаёти мактабӣ қарор гирифта, муайянкунандаи дараҷаи фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсӣ ва беруназмактабии кӯдакон бошанд. Агар дигархелтар карда гӯем, барои ноил гардидан ба дониш, малака ва маҳорат сифати таълиму тарбияро дар синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули салоҳиятнокӣ нигаронидан зарур аст, то хонанда дар ҳаёти мустақил хешро пайдо карда тавонад [49.450-464].

Ташаккул додани дониш, малака ва маҳорати хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд он қувваи муттаҳидкунандае гардад, ки тавонад таълиму тарбияро бо методҳои фаъоли таълим ҳамоҳанг созад.

Аз ин рӯ, кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар соҳаи ташаккул додани салоҳияти иҷтимоӣ яке аз вазифаҳои мубрами низоми таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир маҳсуб меёбад. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таълимро дар синфҳои ибтидоӣ тавассути талаботҳои муосир ба роҳ мемонанд. Дар ин раванд диққати асосӣ ба инкишофи шахсиятии хонандагон, ба кушодашавии қобилиятҳои маърифатии онҳо, ба майлкунии онҳо ба касб ва ташаккул додани салоҳиятнокии иҷтимоии онҳо дар ҳаёти мустақилона равона намудан зарур аст.

Кӯдаки муосир дар олами ахборотӣ ва фазои бузурги иҷтимоӣ мавқеъ гирифта, сарҳади муайяни дохилӣ ва беруниро ноил мебошад. Ба вай дастаи ахбор тавассути Интернет, телевизор, бозиҳои компютерӣ,

кино ва дигар воситаҳои ахбори омма таъсир мерасонад. Таъсиррасониҳои тарбиявӣ ва иҷтимоишавӣ на ҳама вақт метавонанд, ки натиҷаи дилхоҳ диҳанд [83,67].

Дар шароити муосир ахбори зиёде мавҷуд аст, ки ба кӯдак таъсири манфӣ расонида метавонанд. Масъалаи таъсир расонидан ба воситаи ахбор ва ба самти дуруст равона намудани он, яке аз вазифаҳои асосии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Пароканда гардидани давлати абарқудрати Шӯравӣ ва ҳодисаҳои сиёсии даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди таҳсилот, аз он ҷумла таҳсилоти ибтидоӣ хело таъсири сахт расонид. Бо сабабҳои сиёсию иқтисодӣ аксари омӯзгорони ботаҷриба ва соҳибмактаб тарки вазифа намуданд ва солиёни дароз дар таълиму тарбия методҳои анъанавии таълим амал мекард, ки ба сифати таълим беасар набуд.

Дар муносибати босалоҳият талаб карда мешавад, ки мо дар баробари вақти таълимӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба танзим медарорад, дар бораи нимаи дуюми рӯз андеша намоем ва тадбирҳои зарурӣ андешем. Нимаи дуюми рӯз аз шаш самти асосӣ дар чунин шакл иборат аст: варзишӣ - солимгардонӣ, бадеӣ-зебоипарастӣ, илмӣ- маърифатӣ, ҳарбӣ - ватандӯстӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ - манфиатӣ ва фаъолияти лоиҳавӣ ё бехатарӣ. Имкониятҳои ҷисмонии кӯдаконро ба инобат гирифта. бо онҳо корҳои иловагӣ - беруназмактабӣ ташкил додан зарур меояд, ки дар як ҳафта на бештар аз 10 соат бошад, ки корҳои худташаккулдиҳӣ номида мешавад [85, 33].

Дар шароити муосир нақшаи нави таълимиро дар синфҳои ибтидоӣ фикр мекунем, ки нақшаи таҳсилотӣ ном гузорем, беҳтар мебошад, зеро ки он дар худ ҳам таълим, ҳам тарбияро муттаҳид менамояд. Мувофиқи талаботи стандартҳои нав- ба хонанда на танҳо дониш, маҳорат, малакаи нав додан зарур меояд, балки ба онҳо роҳҳои истифода бурдан ва инкишоф додани хешро дар дарсҳо ва вақтҳои беруназмактабӣ ёд додан зарур меояд. Аз ин рӯ, талабот ба натиҷа низ

иваз мешавад- ин на танҳо баҳои одии таълим, балки баҳои инкишофи сифатҳои шахсиятӣ низ мебошад, ки иҷтимоишавии хонандагонро метезонад.

Дар назди мо ба сифати вазифаи асосӣ- нигоҳдории солимии ҷисмонии кӯдакон гузошта шудааст, ки ин масъулияти баландест дар зиммаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули ахлоқ ва зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Дар синфҳои ибтидоӣ, фикр мекунем, ки давомнокии дарсҳо 30- 35 дақиқа, лекин фаъолияти хонандагон бештар карда зарур аст, ки хаста нагарданд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти асосӣ афзоиш ёфтани теъдоди хонандагон ва дар ду баст банд будани синфхонаҳои муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ин омил устодонро хаста ва имконияти гузаронидани корҳои иловагиро маҳдуд месозад. Омӯзгор бо кадом методе кор набарад, 40 нафар ва аз он зиёд хонандагонро зери назорат қарор дода, салоҳиятнок гардонида наметавонад.

Дар шаҳрчойҳо ғайр аз синфхонаи таълимӣ, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд хонаҳои бозӣ, майдончаҳои варзишӣ, осорхона ва китобхона фаъолона кор кунад. Ҳар як дақиқаи дар муассисаи таълимӣ гузаронидашуда, барои кӯдак таҷрибаи мусоиди муоширатро таъмин намуда, имконият медиҳад, ки хешро фаъолона зоҳир намоянд, тасаввуроти хешро зоҳир намоянд, дар бораи олами атроф фаҳмишро васеъ гардонида, салоҳиятро ташаккул диҳанд [87,4-17].

Дар давраи сайругашт кӯдакон ашёҳои табииро ҷамъоварӣ намуда, аз онҳо чизҳое меофаранд, ки тавассути онҳо шеър аз бар намуда, ки фаслҳои сол, боду ҳаворо пешгӯӣ намоянд. Хонандагончистон гуфта, ҷавобҳоро пайдо менамоянд, мушоҳидаҳои шахсӣ гузаронида Маънавиёт ва фонди луғавиашонро бой мегардонанд. Тавассути як сайругашт бачаҳо чандин амалҳоро иҷро менамоянд, дар ин кор мавқеи

асосиро таҷриба ва салоҳияти омӯзгор, тавоноии ӯ аз истифода бурдан аз методҳои фаъоли таълим ишғол менамояд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ вазъияти иҷтимоӣ - иқтисодӣ, маданӣ - маърифатӣ дар чунин шакл таназзул ёфт:

- паст рафтани корҳои маданӣ- маърифатӣ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ё зинаҳои таҳсилот нисбати кӯдакону ҷавонон;

- пастравии омодагии ҷисмонии ҷавонон мушоҳида гардида, тарбияи ҷисмонӣ ва ғамхорӣ дар бораи инкишофи ҷисмонии кӯдакон торафт ба гӯшаи фаромӯшӣ мерафт;

- бисёр илмҳои рӯзмарраи "валеология", андешаҳои "алоқаҳои бехатари ҷинсӣ" ва "банақшагирии оила" тамоман омӯхта намешудагӣ гардид;

- тарбияи ватандӯстӣ, сиёсати ҳадафноки ҷавонон, сиёсати оилавии давлат, сиёсати давлатӣ оид ба кӯдакон қариб мавҷуд набуд;

- тағйироти қатъӣ ва беандашагиҳо дар низоми таълим, ба инобат нагирифтани таҷрибаи бойи педагогикаи миллӣ мушоҳида мегардид;

- нисбат ба методҳои фаъоли таълим беэътиноӣ зоҳир мегардид, ки ин масъалаҳо минбаъд ҳалли хешро пайдо намуданд.

Кӯдакони муосир, ки имрӯз дар пушти парта мавқеъ доранд, кӯдакони 100, 50, 30, ҳатто 10 сол пеш нестанд. Онҳо бештар фаъол, огоҳ ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёт устуворанд. Онҳо нисбат ба насли пешин боғайраттар ва бовариноктар буда, вазифаи омӯзгор ин боварииро қавӣ ва устувор гардонидан мебошад. Агар аз иҷрои ин вазифа омӯзгор барояд рисолаташро ба ҷо оварда ҳисобида мешавад.

## 1.2. Ташкили фаъолияти инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим

Мақсади стратегии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф - ба он нигаронида шудааст,ки дастрасии сифати таълим баланд бардошта шавад, дар мувофиқа ба талаботи инноватсионии инкишофи иқтисодӣ мутобиқ бошад ва қонеъкунандаи талаботи ҷамъият ва шаҳрванд гардад.

Дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инноватсионӣ дар ин ё он шакл зоҳир мегардад: барномаҳои инкишофи муассиса коркард ва татбиқ мегарданд, корҳои озмоишии ин ё он самти таълим гузаронида мешаванд, барнома ва технологияҳои нави таълим барқарор мегарданд.

Фаъолияти инноватсионии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе, минтақаҳо ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро истисно набояд намуд, зеро он ноаён ва доимӣ мебошад, ки дар раванди фаъолияти омӯзгор тарзе рӯй медиҳад, ки баъзан худи ӯ ноогаҳ мемонад [91,39].

Аммо таҷрибаи навсозиҳо, коркард ва татбиқи навгониҳоро ҳамеша як қатор мушкилот пайгирӣ менамояд. Лекин зарурияте фаро расидааст, ки мо «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020»-ро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011 зери №227 тасдиқ шудааст, ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва татбиқ қарор диҳем.

Мақсади асосии рӯ овардани мактабу маориф ба ин шакли фаъолият, пеш аз ҳама, дар он мебошад, ки ҳар чи тезтар аз низоми кӯҳнаи анъанавӣ раҳо ёфта, ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид гардем. Ба ҳамагон маълум аст, ки мавқеи асосиро дар навсозии касбии омӯзгори муосир фаъолияти инноватсионӣ ишғол менамояд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи гузаронидани озмоишу санҷиш собит гардид, ки бисёр омӯзгорон дар куҷо ва чӣ тавр гузаронидани инноватсиониро намедонанд. Агар омӯзгорон дар низоми

анъанавӣ хуб коркарда истодаро фавран ба фаъолияти инноватсионӣ ва муносибати босалоҳият гузаштан талаб намоем, онҳо як қадар нороҳатиро дарк менамоянд. Онҳо то ба мақсаду муҳтавои инноватсия ва нозукиҳои салоҳиятнокӣ сарфаҳм рафтан азият мекашанд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ- педагогӣ самтҳои гуногуни фаъолияти инноватсионӣ дар чунин шакл баён гардидаанд:

- хусусияти умумӣ ва махсуси ин шакли фаъолият дар асарҳои Ф.Н. Гоноболин, В.И.Загвязинск, В.А.Кан-Калик, А.К.Марков, Н.Д. Никандров, Н.Р.Юсуфбеков;

- омӯзиши дастовардҳои педагогӣ ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам дар фаъолияти инноватсионии омӯзгорон аз ҷониби Ю.К. Бабанский, М.М.Поташник;

- мавриди омӯзиш қарор гирифтани хусусияти зуҳуротҳои инноватсионӣ дар системаи муосири таълим дар таҳқиқотҳои М.С.Бургин, В.Кларин, С.Д.Поляков, Л.С.Подымов, А.В.Хуторский.

Иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ тавассути фаъолияти инноватсионӣ тағйирот ва инкишофи ҷараёни таълимӣ-тарбиявиро бо мақсади ноил гардидан ба натиҷаи баланд, соҳиб гардидан ба донишҳои нав, таҷрибаҳои сифатан нави педагогӣ амалӣ менамоянд.

Ба сифати вазифаҳои асосии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти инноватсионӣ омилҳои зерини ҷараёни педагогӣ: ба монанди мақсад, мазмуни таълим, шакл, услуб, технология, воситаҳои таълим, системаи идоракунӣ, муносибати босалоҳият ва ғайраҳо мансубанд [35,84].

Албатта, характери фаъолияти инноватсионии омӯзгор аз шароити мавҷудаи муассисаи таълимӣ ва дараҷаи омодагии шахсии ӯ ба фаъолияти инноватсионӣ ва таъсири иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ сахт вобаста мебошад. Дар зери мафҳуми омодагии касбии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ тамоми сифатҳои касбии

омӯзгор, ки ба навсозии фаъолияти педагогӣ равона гардидаанд, фаҳмида мешавад.

Инчунин иқтидору тавоноии омӯзгор дар масъалаи пешниҳод намудани роҳ ва тарзи ҳалли мушкилоти мавҷудаи таълим ва пайдо намудани роҳ ва тарзи дурусти самараноки ҳалли вазъият аз фаъолияти самараноки иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ сахт вобаста мебошад.

Дар фаъолияти иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, инноватсия метавонад дар чунин шаклҳо зоҳир гардад:

- навгониҳои мутлақ (дар ин соҳа мавҷуд набудани монандӣ ва мухолифат);

- навгониҳои нисбӣ (ворид намудани як миқдор тағйироту дигаргунӣ ба таҷрибаи мавҷуда).

Иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд диққатро ба он равона намояд, ки навгонӣ ҳатман чизи нав не, аммо он ҳатмӣ бошад, ки худ аз худ фаъолият беҳтару хубтар роҳандозӣ шуда бошад. Сарчашмаи андешаҳои инноватсионӣ метавонанд инҳо бошанд:

- ҳодисаҳои ногаҳонӣ (барор ва нобарорӣ, ҳамчун такон ба инкишоф ё васеъ гардидани майдони фаъолият ё ба гузоштани проблемаҳо нигаронида шуда бошад);

- фарқияти номутаносибӣ (байни рафтори ҳақиқии хонандагон ва фаъолияти амалии омӯзгор);

- талаботи ҷараёни педагогӣ (дар методика ҷустани идеяҳои нав ба ҷои идеяҳои куҳна);

- пайдо намудани амсилаҳои нави таҳсилот;

- ба инобат гирифтани омилҳои демографӣ;

- ворид намудани тағйирот ба арзишҳои барқароршавии кӯдакон (иваз намудани муносибати кӯдакон ба таълим, ҷустуҷӯи шаклҳои нави муоширати хонандагон ва рафтори онҳо);

- донишҳои нав (консепсияҳои нав, муносибати нав бо таълим, метод ва технологияи мушаххас).

Дар ин раванд ҷои асосиро, ба фикри мо ҳамчун таҳқиқотчӣ иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ишғол менамояд. Татбиқ гардидани консепсияҳо, муносибат ба таҳсилот, метод ва технологияи мушаххас аз фаъолияти дурусти иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ вобаста мебошад.

Аломатҳои фарққунандаи фаъолияти инноватсионии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ инҳоянд:

- гузоштани навгонӣ дар ҳадаф ва вазифаҳои таълим;

- мазмуни матнро чуқур дарк намудани хонандагон;

- дар иҷрои вазифаҳои педагогӣ омӯзгор бояд аз методҳои кайҳо маълум ва методҳои нави фаъоли таълимӣ васеъ истифода намояд;

- коркарди консепсияи нав, мазмуни фаъолият, технологияи педагогӣ, дар асоси башардӯстона ва фардигардонии ҷараёни таълим;

- шуурона тағйир додан ва таъмин намудани инкишофи хеш дар касб.

Иттиҳодияи методӣ барои татбиқ намудани фаъолияти инноватсионии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд онҳоро дар як гурӯҳ дар чунин шакл муттаҳид намояд:

- дар иттиҳодияи методӣ аз рӯи мавзуи мушаххас ё самти фаъолият;

- дар гурӯҳҳои проблемавӣ (эҷодӣ), ки дар он омӯзгорони самтҳои гуногун муттаҳид гардидаанд, вазифаҳои гуногунро оид ба ҷараёни таълим дида мебароянд;

- гурӯҳҳо, ки дар самтҳои ҷудогонаи методии ҷараёни таълим коркардҳо омода менамоянд;

- гурӯҳҳои иҷрокунандаи вазифаҳои муайяни давраҳои синнусолӣ дар таълим ва тарбияи хонандагон.

Вазифаи асосии фаъолияти инноватсионӣ- аз инкишоф додани омӯзгор ҳамчун шахсияти эҷодӣ, ворид намудани ӯ ба фаъолияти самаранок дар ҷустуҷӯи мустақилонаи ҳалли масъалаҳои методӣ иборат мебошад. Фаъолияти инноватсионӣ омӯзгорро ба коркардкунанда ва муаллифи методҳои навгонӣ ва татбиқкунандаи воситаҳои таълим дар

ташаккули салоҳиятнокии таълим ва тарбия табдил медиҳад. Роҳбарӣ ба фаъолияти инноватсионӣ, ки мутобиқи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020», бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011 зери № 227 тасдиқ шудааст, шаклҳои роҳбариро ба фаъолияти инноватсионӣ дар шаклҳои гуногун пешниҳод менамояд [91,33].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳи бештар ба ворид намудани ҷараёни инноватсионӣ, навоварию ихтироъкорӣ дар мазмуни таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот меравад, ки ин омил аз мо ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

1. Коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ баҳри бунёди тартибе, ки пеш дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надошт (низомнома дар бораи таъсис додани комиссияи равонӣ- тиббӣ- педагогӣ, ҷамъияти илмии хонандагон, гурӯҳҳои проблемавӣ ва омода намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва кор бо методҳои фаъоли таълим);

2. Коркарди ҳуҷҷатҳои методии таъминкунандаи навгонӣ ва фаъолияти таҷрибавӣ- озмоишӣ дар таълим (дастур дар бораи роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ, дастур барои мураттабсозии барнома, омода намудани ҳуҷҷатҳои нашрӣ, тавсияҳо дар бораи паҳн кардани таҷрибаи пешқадами педагогӣ).

Ин аз мо талаб менамояд:

1. Иштирокчиёни фаъолияти инноватсиониро шинос намудан бо талаботи дуруст пур кардани журнал ва ҳуҷҷатҳои шахсӣ (гузоштани баҳои воқеӣ, санҷиш, тақсим кардани хонандагон ба зергурӯҳҳо).

2. Коркарди низомномаи назорат аз болои раванди фаъолияти инноватсионӣ дар муассиса ва натиҷаи экспертӣ оид ба инноватсияи педагогӣ [3,112].

Фаъолияти инноватсионӣ дар иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ анҷом додани амалҳои зеринро талаб менамояд:

1. Иштирок дар таълими фанҳои нав ҷоринамуда бо мақсади мушоҳида намудани рафти амалӣ гардидани дастуру супоришҳое, ки дар Барномаи инноватсионӣ дарҷ гардидаанд. Бо ин роҳ муайян намудани инкишофи дониш, малака ва маҳорати хонандагон имконпазир мегардад.

2. Назорат аз болои рафти татбиқи барномаҳои инноватсионии таълим дар синфҳои ибтидоӣ (тафтиши журнал ва робита пайдо намудани таълим бо воситаҳои технологияи ахборотӣ-коммуникатсионӣ).

3. Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳо ва пешниҳод намудани маълумотнома ба маҷлис, машварат, шӯрои омӯзгорӣ.

4. Назорат аз болои раванди иҷроиши нақшаи кории иттиҳодияи методӣ ва шуъбаи таълим, ки дар он фаъолияти инноватсионӣ дарҷ гардидааст.

5. Аз болои фаъолияти инноватсионӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилотӣ роҳандозӣ мегардад, бояд муовини директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявӣ ва мудири иттиҳодияи методӣ бо фармони директори муассиса роҳбарӣ ва назорат намоянд.

6. Интихоби омӯзгорон барои фаъолияти инноватсионӣ озодона ва бе маҷбуркунӣ бояд сурат гирад .

Бояд дуруст фаҳмид, ки дар марҳилаи аввал на ҳама омӯзгорон хоҳиши ба фаъолияти инноватсионӣ ворид гардидан доранд. Барои майл пайдо намудани онҳо, бояд бештар корҳои фаҳмонидадиҳӣ бурда шавад. Дар байни омӯзгорон коршиносон семинару мизҳои мудаввар гузаронида, онҳоро бо мақсаду муҳтавои фаъолияти инноватсионӣ шинос намоянд, то тарсу воҳима ва дудилагӣ аз вуҷуди онҳо дур гардад.

Ин ҳодисаро мо дар рафти корҳои озмоишӣ, дар ниҳияҳои Ёвон, шаҳри Бохтар, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Қубодиёну Шаҳритус ошкор намудем. Аксар роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бораи мавҷудияти «Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», тарзи ташкили фаъолияти инноватсионӣ, ташкил додани комиссияи тиббӣ- педагогӣ, ташкил додани гурӯҳи корӣ барои фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳо фаҳмиш надоштанд. Ҳатто баъзе роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар куҷо ва чӣ тавр татбиқ намудан фаъолияти инноватсиониро намедонистанд.

Дар баъзе муассисаҳо ҳатто «Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» вуҷуд надошт ва дар бораи он ва талаботҳояш аъзоёни коллектив фаҳмиши умумӣ надоштанд.

Дар ин раванд вазифаи асосии мудири иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассиса аз таъсис додани комиссия, интихоби ҳайати ширкаткунандагон, муҳайё сохтани шароит, ҳамоҳанг сохтани маҳорати касбӣ, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ иборат дониста мешавад. Ин амал дар фаъолияти навҷӯӣ дар чунин шакл бояд сурат гирад:

1. Гузаронидани озмунҳои касбӣ (озмуни барнома, озмуни дарсҳо, «Муаллими сол», мақолаю маърузаҳои беҳтарин ва ғайра);

2. Гузаронидани конференсия ва семинарҳои методӣ оид ба мақсад ва моҳияти фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккули салоҳияти хонандагон;

3. Ҳавасманд гардонидани иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ аз рӯи натиҷаи ба даст овардаи муассиса дар озмунҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ.

Яке аз тадбирҳои асосӣ, ки иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассиса мегузаронад, ин ба танзим даровардан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама, ба воситаи дарсҳои телевизионӣ, ба табъ расонидани мақолаҳо, дастурҳои методӣ, маърузаҳо, баромадҳо, гузаронидани дарсҳои кушод, ширкат дар олимпиадаҳо, ҳисоботҳои эҷодӣ, устои синф (мастер класс) корҳои тарғиботиро ба роҳ монад.

Аз рӯи таҳлили проблемавӣ – равонасозии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия ҳамчун самти асосии таҳлили мушкилотӣ-равонасозӣ дар нақшаи солонаи муассиса бояд дақиқ дарҷ намояд. Фаъолияти самараноки инноватсионии муассиса ва иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва муовини директор аз рӯи ҳуҷҷатҳои зерин дар фаъолияти инноватсионӣ баҳогузорӣ карда мешавад:

1. Аз рӯи мавҷуд будани низомнома дар бораи фаъолияти инноватсионӣ.
2. Фармони роҳбари муассисаи таълимӣ дар бораи ташкили гурӯҳи корӣ дар фаъолияти инноватсионӣ.
3. Барномаи муаллифӣ оид ба ин ё он паҳлуи фаъолияти инноватсионӣ.
4. Харитаи фаъолияти инноватсионии омӯзгорон.
5. Тавсия ва пешниҳодҳои методӣ барои тартиб додани барномаҳо оид ба фаъолияти инноватсионӣ.
6. Ҳисобот оид ба натиҷаи корҳои озмоишӣ.
7. Маълумотномаи таҳлилӣ, ки вазифаи назоратчигии муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбияро тасдиқ намояд.
8. Ҳисоботи даврии омӯзгорон оид ба корҳои инноватсионии анҷомдодашуда.
9. Муайян сохтани сабаби иҷро нагардидан ва ба давраи дигар пешниҳод намудани иҷроиши вазифаҳои гузошташуда.
10. Муайян сохтани сабаби иҷро нагардидани вазифаҳои инноватсионӣ ва андешидани чора нисбати сабабгорон.
11. Хулоса аз натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ [91,39].

Корҳои инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароите натиҷанок мегарданд, ки **агар:**

- дониш ва маърифати роҳбарони муассиса ба ҳалли масъалаҳои касбӣ, талаботҳои воридшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ, дарки мушкилоти омӯзгорон, дараҷаи касбият, мутобиқати маҳорати омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намояд;

- ташкил ва зери назорат қарор додани фаъолияти инноватсионии омӯзгорони иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби маъмурияти муассиса пурзӯр гардонида мешавад;

- танзими инкишофи касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, дастгирии кӯшиш ва ҳаракатҳои шахсии онҳо дар самти татбиқи навгониҳои педагогӣ;

- ворид намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба ҳалли мушкилоти муассисаи таълимӣ тавассути фаъолияти инноватсионӣ.

- бедор намудани майлу хоҳиши омӯзгорон ба ворид гардидан ба навгониҳо дар мазмуни таҳсилот, дар омӯзиши фан, дар сохтори дарс ва дар барномаву китоби дарсӣ ва ғайраҳо.

Дар ин ҷо бояд эътироф кард, ки мушкилоти мавҷударо дар муассиса аз омӯзгори муассиса дида, касе беҳтару хубтар намедонад. Ҳар як муассиса аз рӯи мавқеи ҷойгиршавӣ, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ, экологӣ, мушкилотҳои объективию субъективии ба худаш хосро доро мебошад.

Бо омӯзгорон кор бурдан зарур аст, то дарк намоянд, ки мақсаду муҳтавои «Барномаи инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020 ва минбаъда» аз чӣ иборат аст? Аз омӯзгор дар ин раванд чӣ талаб карда мешавад? Инноватсияро дар педагогика дар куҷо татбиқ намудан мумкин аст? Агар дар муассиса ин корҳо дуруст анҷом дода шаванд, омӯзгорон худашон озодона самти фаъолияташонро муайян намуда, харитаи фаъолияти инноватсиониашонии хешро пешниҳод менамоянд [91,39].

Лаҳзаи муҳимтарин дар фаъолияти инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ,- дар байни омӯзгорон бедор намудани фаъолияти шахсии онҳо ба навгониҳо мебошад. Ҳар омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд кӯшиш намояд, ки дар маркази таввачуҳ қарор гирад ва фаъолияти ӯ дуруст баҳогузорӣ карда шавад, Танҳо иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ метавонад, онҳоро ба фаъолияти инноватсионӣ ворид намуда, харитаи самти фаъолияти онҳоро муайян намояд.

Ширкати омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти инноватсионӣ мухолифатмаъногии зеринро доро мебошад:

- аз як ҷониб, он бояд барои инкишофи касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ манфиатовар буда, аз худ намудани технологияи педагогиро осон гардонида, таҷрибаи нави педагогиро ғанӣ гардонад;

- аз ҷониби дигар, инноватсия фаъолияте мебошад, ки мушкилотро ба миён оварда, омӯзгорро ба бӯҳрони инкишофи касбӣ рӯ ба рӯ месозад.

Мушоҳида ва таҳлили адабиёти педагогӣ нишон медиҳад, ки барои инкишофи бетанаффус ва самараноки касбии омӯзгор- ҳамчун омӯзгори касбӣ дар соҳаи фан, ҳамчун омӯзгор- мураббӣ, ҳамчун омӯзгор-таҳқиқотчӣ, дар охир ҳамчун омӯзгор- навовар- ду омили асосӣ ниҳоят зарурӣ мебошад:

1) Омодагии педагогӣ- психологии омӯзгорони иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти инноватсионӣ.

2) Майлгирии ҳама шаклҳои донишгоҳии таҳсилотҳои касбӣ, ба баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор баҳри нигоҳ доштани ӯ ҳамчун омӯзгор- касбият, кӯшиш баҳри инкишофи бетанаффуси касбӣ.

Мафҳуми "инноватсия" дар охири асри Х1Х дар илм дар кори иқтисодчиён ва маданиятшиносон пайдо гардид. Навгонӣ, қайд карда мешавад, ҳамчун натиҷаи таҳқиқотҳои бунёдӣ, коркард ва корҳои озмоишӣ дар ким- кадом соҳаи фаъолият баҳри баланд бардоштани

сифат ва самаранокӣ фаҳмида мешавад. Навгониҳо дар чунин шакл тазаҳур меёбанд:

- кушода; - навоварӣ, - эҷод; - патентҳо;- нишонаҳои молӣ; - пешниҳодҳои ратсионализаторӣ; ҳуҷҷат барои истеҳсоли маҳсулоти нав ва ғайра.

Навгонӣ инчунин метавонад дар чунин шакл роҳандозӣ шавад: технологӣ, идоракунӣ ё чараёни истеҳсолӣ; ташкилӣ, истеҳсолӣ ё дигар сохторҳо; мафҳум; муносибатҳои илмӣ ё талаботҳо [91,39].

Ворид намудани корҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ, бидуни баинобатгирии самти асосии инкишофи таълими муосир, ки дар ҳуҷҷатҳои зерин ифода гардидааст, номумкин мебошад: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистан (1994, 1999, 2003), Консепсияи дарозмуҳлати инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (то соли 2020); Қонун дар бораи маориф аз 20.04.2004, Консепсияи тарбияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03. 03. 2006 зери №94, Консепсияи навсозии маорифи Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2020; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд», ки 2 августи соли 2011, зери №762 тасдиқ гардидааст.

Кори иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе нағз ба роҳ монда шудааст. Аммо озмоишҳо нишон медиҳанд, ки дар ноҳияҳои дурдаст ва тобеи ҷумҳурӣ дар фаъолияти иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ норасоӣ ва камбудиҳо бештар мушоҳида мегардад.

Мо дар кори таҳқиқотии хеш муҳимтарин самтҳои фаъолияти инноватсионии иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро дар чунин шакл ошкор намудем:

- гузаронидани мониторинги сифати таълими дар синфҳои ибтидоӣ;
- пурзӯр намудани кор бо кӯдакони лаёқатманд аз синфҳои ибтидоӣ;
- ташкил додани кор бо гурӯҳҳои эҷодӣ;

- ворид намудани навгонӣ дар назорат, дар баҳодиҳии натиҷа;
- аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон;
- назорати қатъии татбиқи дастуру супоришҳои мақомоти болоӣ.

Далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки самаранокии мониторинги сифати таълим дар иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ инҳоанд:

- ҷустуҷӯи метод ва усулҳои нави самараноки кори омӯзгорон дар рушди дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон;
- ворид намудани омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ;
- дар таҳсилоти ибтидоӣ истифода бурда тавонистан аз шаклҳои гуногуни назорат;
- таъмини мустақилияти хонандагон;
- таъмини арзиши воқеии натиҷа.

Барои ҳалли ин вазифа омӯзгорони иттиҳодияи методии мо барномаи «Кор бо кӯдакони лаёқатманд дар синфҳои ибтидоӣ»-ро коркард намуданд, ки мақсади асосии он муҳайё намудани шароит барои ошкор намудан, дастгирӣ, таълим, тарбия ва инкишоф додани қобилияти фардии кӯдакони дорои лаёқати табиӣ мебошад. Инчунин барқарор намудани шароит, ки ба ташаккул ёфтани лаёқати эҷодии онҳо дар соҳаҳои гуногун мусоидат намояд.

Дар шароити ҳозира мо дар марҳилаи дуюм- ташкилӣ- амалӣ қарор дорем, ки бо он вобаста мебошад:

- гузаронидани амалиётҳои ташхисӣ;

- назорати нишондиҳандаҳои инкишофи интеллектуалӣ ва эҷодии хонандагони болаёқат;

- омодагии ҷиддии назариявӣ- амалӣ дар омода намудани хонандагони лаёқатманд;

- кор дар самти инкишоф додани лаёқати маърифатии хонандагони лаёқатманди синф;

- назорати натиҷанокӣ, муоинаи навбатӣ, таҳлилӣ;

- мунтазам гузаронидани чорабиниҳои зеҳнӣ- эҷодӣ;

- пурра гардонидани бонки методҳои муоинавӣ;

- дастгирии психологии хонандагони лаёқатманд.

Дар соли таҳсили 2015 дар машварати иттиҳодияҳои методии синфҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 гурӯҳи эҷодӣ ташкил дода шуд. Мақсади асосии ташкил додани гурӯҳҳои эҷодӣ аз инҳо иборат буд:

- ворид намудани омӯзгорон дар корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ- озмоишӣ, ки ба баланд бардоштани сифати таълим нигаронида шуда бошад;

- сайқал додани маҳорати педагогӣ тавассути инкишоф додани ҷустуҷӯҳои эҷодӣ;

- мақсадҳои калидӣ- пешниҳод намудани воситаҳои самаранок, методҳо, шаклҳои ҳамкории омӯзгор ва хонандагон аз он иборат буд, ки сифати таълим дар синфҳои ибтидоӣ беҳбудӣ бахшида шавад.

***Гурӯҳҳои эҷодӣ ин тавр ташкил дода мешаванд:*** гурӯҳи якум- оид ба техникаи хониш, гурӯҳи дуюм- оид ба ҳалли вазифаҳои матнӣ, гурӯҳи сеюм- барои риояи элементҳои хат ва бехатто навиштан, гурӯҳи чорум- оид ба сохтани калима ва ба ҳиҷоҳо тақсим намудани калимаҳо. Ин кор барои се сол пешбинӣ гардида буд, ки давраи якум (соли хониши 2015-2016)- давраи омодагӣ ба шумор мерафт, ки мақсади асосии он омӯзиши проблема мебошад.

Давраи дуюм (соли хониши 2017-2018)– давраи асосӣ ба ҳисоб рафта, мақсади он татбиқи усулҳои самараноки таълим ва мониторинги сифати дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Давраи сеюм (соли хониши 2019-2020)– давраи ҷамъбастӣ, хотимавӣ ва натиҷагирӣ ба шумор меравад. Мақсади он ҷамъбаст намудани рафти татбиқи Барномаи давлатӣ ва пешниҳоди натиҷа мебошад. Дар раванди пурсиши омӯзгорон оид ба ҳисоботи матнӣ маълум гардид, ки 75% омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз ҳисоботи матнии фанни таълимӣ васеъ истифода мебаранд. Ин пеш аз ҳама дар

фанҳои олами атроф, математика, омӯзиши савод, алифбо, забони модарӣ мушоҳида карда мешавад.

Иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд нақшаи кори хешро барои ояндаи наздик дар чунин шакл таҳия намоянд:

1. Гузаронидани машварати иттиҳодияи методӣ дар мавзуи: «Истифодаи пурсишномаҳо, ҳамчун воситаи назорати маҷмӯии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ».

2. Таҳлил намудани барномаҳо, ки дар синфҳои ибтидоӣ истифода мебаранд, талабот нисбати дарс, маҳорату малакаи хонандагон дар охири соли таҳсил дар синфи чорум баргузор карда мешавад.

3. Коркарди тестҳо дар ду намуна.

4. Истифода бурдан аз тестҳои коркардшуда дар амал ва таҳлили натиҷаи он.

5. Барои ҳар соли хониш ва фанҳои таълимӣ тестҳое коркард намудан зарур аст, ки дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоиро муаррифӣ карда тавонанд.

Ба андозаи татбиқи самти фаъолияти инноватсионӣ натиҷаи зеринро иттиҳодияи методӣ метавонад интизор шавад:

- ташаккул додани омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ- педагогӣ;
- батанзимдарорӣ, мубрамгардонӣ ва васеъ намудани донишҳои педагогӣ баҳри татбиқи самараноки фаъолияти педагогӣ;
- инкишоф додани тавоноӣ ва маҳорати касбии омӯзгорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- иштироки муътадили хонандагон ва омӯзгорон, иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ дар ҳаракатҳои намоишӣ (конкурсӣ);
- ташаккул ва инкишоф додани фазои эҷодӣ;
- баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия;
- устувор гардонидани ҳамкории омӯзгор бо хонандагон, ки инро раванди демократикунонии ҷараёни таълим талаб менамояд;

- пайдарҳамӣ ва самаранокии ҷараёни таълим.

Кори иттиҳодияи методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ он вақт самаранок мегардад, ки нақшаи кори солонаи илман асосноки хешро дар чунин шакл мураттаб созад:

**Намунаи нақшаи кории иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва мураббиёни муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №82 шаҳри Душанбе дар соли хониши 2020– 2021.**

**Мавзуъ:** «Башардӯстона, демократӣ ва босалоҳият гардонидани ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ», ки мақсади асосии нақша аз муҳайё сохтани шароит ва навсозӣ дар фаъолияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мебошад. То тавонад инкишофи хонандагонро дар ҷараёни фаъолияти мустақилонаи самараноки онҳо таъмин намояд. Вазифаҳои асосӣ дар чунин шакл муайян мегардад:

1. Таъсир расонидан ба касбият ва баланд бардоштани сифати дарсдиҳии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ тавассути аз ҷониби онҳо аз бар намудани муносибатҳои маданӣ дар таълим ва тарбия.

2. Инкишоф додани фаъолияти мустақилонаи хонандагон баҳри ба даст овардани тамоилҳои арзишӣ тавассути ташаккули дониш, маҳорат ва малака дар ҷараёни таълим.

3. Инкишоф додани ҳамкории омӯзгор бо хонандагон дар ҷараёни таълим баҳри ба даст овардани ҳадафҳои гузошташуда [91,39].

Мудири иттиҳодияи методӣ ___________

**Машварати № 1 (моҳи август)**

**Мавзуъ:** Вазифаҳои дар назди муассисаи таълимӣ, дар назди омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истода, оид ба таъмини муносибати босалоҳият дар ҷараёни таълим.

Мақсади он таъсир расонидан ва муҳайё сохтани шароит барои мақомгирӣ дар лаҳзаи ғазабӣ- иродавӣ баҳри кори бобарор дар соли хониш.

Вазифаҳои асосӣ аз инҳо иборатанд:

1.Омӯхтани мактубҳои дастурӣ- методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба роҳандозии муносибати босалоҳият дар ибтидои соли хониш.

2. Шинос гардидан бо стандартҳои нави таълим, консепсияҳои фанҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ.

3. Дида баромадани вазифаҳо дар соли нави таълим ва онҳоро муқобил гузоштан бо фаъолияти хеш ва хусусиятҳои коллективи хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

4. Ворид намудани тағйирот оиди ба нақшагирии кори иттиҳодияи методӣ дар асоси муҳокима ва ризоияти тарафайн.

Мизи мудаввар дар синфҳои ибтидоӣ бояд дар кадом шакл гузаронида шавад:

Дар кори мизи мудаввар муовини директор оид ба корҳои таълимӣ, муовин оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, мудири китобхонаи муассиса ширкат меварзанд.

***Блоки дастурдиҳӣ- методӣ чорабиниҳои зеринро дар назар дорад:***

1. Омода намудани хонандагон ба гузаронидани маъракаҳои солимгардонии тобистона, дар асоси дастовардҳои педагогӣ дар ин давра (адабиёти педагогӣ, хабарҳо аз рӯзнома, маҷалла, оид ба мавзуъҳои таълим, инкишоф ва тарбияи хонандагон, дар бораи инноватсия дар таълим).

2. Омӯхтани мактубҳои дастурӣ- методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба оғози соли нави хониш.

3. Шиносоӣ бо стандартҳои нави таълим, консепсияҳо, барномаҳои таълимӣ ва китоби дарсӣ.

4. Муайян намудани ҳалли вазифаҳои иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар соли нави хониш.

5. Муҳокимаи нақшаи кори иттиҳодияи методӣ ва ворид намудани тағйирот. Ба устодони варзида вобаста намудани омӯзгорони ҷавон.

6. Интихоби озодонаи мавзуъҳо барои худомӯзӣ дар асоси талаботи хеш.

7. Номгӯи адабиёти нави таълимӣ- методӣ барои фаъолияти касбӣ.

8. Муҳокимаи саволҳои ҷорӣ барои соли нави хониш.

**Машварати № 2 (ноябр)**

**Мавзуъ:** Ноил гардидан ба маҳоратҳои фаъолияти таълимӣ- омили инкишоф ва барқароршавии мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун субъекти фаъолияти таълим.

**Мақсад**: омӯхтани асоси назариявии ташаккули маҳорати фаъолияти таълимӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Шакли гузаронидан:** баргузор намудани семинари назариявӣ, ки дар кори он маърузачӣ, муовини директор оид ба корҳои таълим - тарбия, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, мураббиён ширкат меварзанд.

**Блоки илмӣ- методӣ:** Маъруза дар мавзуи «Воситаҳои педагогии ташаккули салоҳияти таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ».

**Саволҳо барои муҳокима:**

1. Маҳорати ташаккулёфтаистодаи синфҳои ибтидоӣ аз дуруст ташкил додани фаъолияти таълимӣ вобастагӣ дорад.

2. Шароитҳои дидактикӣ, ки маҳорати бобарори фаъолияти таълимиро дар синфҳои ибтидоӣ таъмин менамояд.

3. Методҳои ташкили фаъолияти таълимӣ ва технологияи ташаккули маҳорати фаъолияти таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

**Машварати №3 (моҳи январ)**

**Мавзуъ.** Китоб- сарчашмаи муҳимми дониш ва воситаи инкишофи фаъолияти муоширатӣ ва тарбияи ахлоқиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Мақсад:** дар ҷараёни таълим омӯхтан ва татбиқ намудани усулҳои самаранок, метод ва воситаҳои дар синфҳои ибтидоӣ ташаккулдиҳандаи маҳорати таълимӣ- ахборотӣ, маҳорати кор карда тавонистан бо китоб, сарчашмаҳо, адабиёти роҳнамо ва дигар сарчашмаҳои дониш.

**Шакли баргузорӣ**: семинар – таҷриба.

Дар кори семинар ширкат меварзанд: муовини директор, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, мураббиҳо, намояндаи кумитаи падару модарон, китобдори муассиса.

***Блоки илмӣ-методӣ***

Омода намудани баромад дар мавзуи «Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани салоҳияти таълимӣ- ахборотӣ».

**Саволҳо барои муҳокима:**

1. Гуногуншаклии усул ва методҳо, ки дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳорати кор бо китобу дигар сарчашмаҳои ахборотиро ташаккул медиҳанд.

2. Хониши беруназсинфӣ- омили баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон барои ширкат дар «Фурӯғи субҳи доноӣ…».

3. Мавқеи китобхона дар баланд бардоштани шавқу ҳаваси китобхонии хонандагон.

4. Баҳо додан ба фаъолияти таълимии хонандагон ва раванди одаткунии онҳо ба китобхонӣ.

***Қисми амалӣ:***

1. Ташкил додани дарсҳои кушод ва чорабиниҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз рӯи мавзуи машварат.

2. Бо мақсади қавӣ гардонидани хотираи хонандагон баргузор намудани озмуни қироат ва аз ёд намудани шеър.

3. Намоиши эҷодиёти кӯдакон (иншо, расмҳо, лоиҳаи фардӣ ва гурӯҳӣ).

4. Озмуни синфхонаҳо аз рӯи ороиши онҳо, ки мавзуи машварати иттиҳодияи методӣ қарор дода шудааст.

**Машварати № 4 (моҳи март)**

**Мавзуъ:** Солимӣ ва тарбияи ҷисмонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ сарчашмаи инкишофи шахсиятӣ, сифатӣ, дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Мақсад:** аз рӯи масъалаи инкишофи шахсиятии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути дарси тарбияи ҷисмонӣ ва таҷрибаивазкунӣ.

**Вазифаҳо аз он иборатанд**:

1. Коркард намудани муносибати ягонаи педагогӣ ба дарси тарбияи ҷисмонии синфҳои ибтидоӣ. Ташвиқи тарзи ҳаёти солим дар асоси барнома ва стандарти таҳсилотӣ «Тарбияи ҷисмонӣ ва солимӣ».

2. Ҳамкорӣ намудан баҳри дар муассисаи таълимӣ муҳайё намудани шароит барои инкишофи дурусти ҷисмонии хонандагон.

**Шакли гузаронидан:** бо роҳи таҷрибаивазкунии педагогӣ. Дар ин раванд иштирок карданд: муовини директор, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ, духтури муассиса, мураббиҳо, психологи муассиса.

***Блоки илмӣ- методӣ*** Баромад дар мавзуи: «Ҳифзи солимӣ ва тарбияи ҷисмонии хонандагон- қисми ҷудонашавандаи ҷараёни таълимӣ- тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ»

**Саволҳо барои муҳокима:**

1. Дар хонандагон тарбия намудани маданияти солимнигоҳдорӣ ҳамчун арзиши муҳимми инсон.

2. Дар раванди дарс дар синфҳои ибтидоӣ самаранок истифода бурдан аз дақиқаҳои варзишӣ, ҳамчун истироҳати кӯтоҳмуддат баҳри барқарор гардидани иқтидори кори хонандагон.

3. Мавқеи машғулият оид ба «Асосҳои бехатарии фаъолияти ҳаётӣ» дар зоҳир гардидани меъёрҳои ахлоқӣ.

4. Чорабиниҳои ҷисмонӣ-солимгардонӣ омилҳои беҳтарини нигоҳдории солимии хонандагон.

5. Ташкили чорабиниҳои якҷояи муассиса ва оила баҳри ташаккули додани тарзи ҳаёти солим зери шиори: «Падар, модар ва ман — оилаи варзишӣ».

***Блоки амалӣ***

1. Дарсҳои кушод ва чорабиниҳои беруназмактабӣ аз рӯи мавзуи машварат.

2. Тавсияҳои амалии корманди тиббӣ ва психологии муассиса.

**Машварати № 5 (моҳи май)**

**Мавзуи машварат.** Имконияти коллективи педагогии синфҳои ибтидоӣ дар таъмини салоҳияти хонандагон.

**Мақсад:** хулоса баровардан аз иштироки ҳар омӯзгор ва мураббии гурӯҳи рӯзаш бардавом дар корҳои методӣ дар соли хониши 2018- 2019.

**Вазифаҳо:**

1. Таҳлил намудани натиҷаи фаъолияти коллективи омӯзгорон дар соли хониши 2018- 2019.

2. Муқобилгузории маълумотҳои бадастомада бо мақсадҳои умумии методии гузошташуда.

3. Муаррифии таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва мураббиёни гурӯҳи рӯзаш бардавоми ноҳия, вилоят ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шакли гузаронидан**: манзараи методии «Ҷустуҷӯ, ташвиқ ва татбиқи таҷрибаи пешқадами педагогӣ».

**Ширкат варзиданд:** муовини директор, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, психологи муассиса ва муррабиёни гурӯҳи рӯзаш бардавом.

**Аз натиҷаи кор қарорӣ маъмурӣ қабул карда шуд:**

- ҳавасманд гардонидани кормандони педагогӣ;

- пешниҳод;

- тавсияҳо. (дар асоси ҳуҷҷатҳои нақшавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 15 шаҳри Душанбе)

Алгоритми ташкили фаъолияти инноватсионии иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро дар шакли қадамҳо тасаввур кардан мумкин аст:

1. Дарки зарурияти ворид намудани тағйирот.

2. Омӯхтани назария ва амалияи таълим.

3. Интихоб ва дар таҷриба ворид намудани методҳои баргузор намудани кор.

4. Таҳлил ва муқобилгузории натиҷаи мониторингҳо.

5. Ҷамъбаст ва натиҷагирӣ.

6. Ба низом даровардан (низоми мантиқан хотимаёфтаи ташкили фаъолияти инноватсионӣ).

Қадами охирини алгоритм– ин натиҷаи фаъолият дарояндаи дур мебошад, ки метавонад натиҷаи хуб диҳад. Вай метавонад ба баланд гардидани сифати таълим мусоидат намояд, аз ҷониби дигар- методҳои кориро навсозӣ намуда, идоракунии коллективро такмил медиҳад. Аз дараҷаи маълумотнокӣ, касбият, маҳорати педагогии омӯзгор дар ҳалли масъала дар синфҳои ибтидоӣ вобаста мебошад.

Дар робита бо ин мавқеи иттиҳодияҳои методии минтақавӣ меафзояд, зеро он имконияти бузургро дар баланд бардоштани дараҷаи касбӣ, баланд гардидани маҳорати педагогӣ, навсозии он, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ оид ба истифодаи технологияи ахборотӣ калон мебошад [91,39].

Иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии шаҳри Бохтари Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияи омӯзгорони 25 муассисаи таълимӣ мебошад, ки 85 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоиро фаро мегирад: аз онҳо 12% бо категории олӣ, 40% бо категорияи якум, 48% бо категорияи дуюм фаъолият менамоянд.

Ин омӯзгорон асосан бо “Барномаи инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020” фаъолият намуда онро дар мазмуни таҳсилот татбиқ намуда истодаанд. Тақсими омӯзгорони синфҳои ибтидоии шаҳри Бохтар аз рӯи категория:



**I. Фаъолияти амалии иттиҳодияи методӣ** дар соли хониши 2019-2020 иттиҳодияҳои методии шаҳри Душанбе, шаҳри Бохтар ва ноҳияи Рӯдакии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи зеринро коркард намуданд:

**Мавзуи лоиҳа:** Технологияи инноватсионӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

**Ҳадафи лоиҳа:** баланд бардоштани сифати таълим тавассути фаъолияти инноватсионӣ бо истифода аз технологияи ахборотӣ коммуникативӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

**Вазифаҳои лоиҳа:**

- истифода бурдан аз технологияи муосири педагогӣ ва информатсионӣ, ки сабаби баланд гардидани салоҳияти касбӣ омӯзгорон ва иқтидори эҷодии онҳоро мегардад;
- маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро такмил медиҳад. Умумигардонӣ ва паҳн намудани методҳои пешқадами таълим дар кори омӯзгорони синфҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад;
- кӯшиши ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навсозии ҷараёни таълимро дар асоси муносибатҳои нави педагогӣ инкишоф дода, таълим ва тарбияи синфҳои ибтидоиро беҳтар менамоем.

Навсозии таҳсилотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе татбиқи технологияи иттилоотӣ ба худ тасаввур намудан мушкил аст. Муассисаҳои таълимӣ ғайр аз одаткунӣ ба асри технологияи иттилоотӣ роҳи дигар надоранд. Аз ин рӯ, ба хонандагон ёд додан зарур аст, ки коркарди ахборро ёд гиранд, вазифаҳои амалиро ҳал намоянд, бо одамон муошират карда тавонанд ва ба моҳияти тағйиротҳои ҷамъият сарфаҳм раванд ва худро ба он омода созанд.

Кори иттиҳодияи методӣ он вақт самаранок мегардад, ки дар назди он гурӯҳи эҷодӣ ташкил дода шавад. Мақсади ин гурӯҳ- коркарди барномаи фанни таълимии кишваршиносӣ “гӯшаи Кишвари ман” мебошад. Барномаи ин фан ба хонандагони синфи 2 таъллуқ дошта, аз худ амсилаи бузургро мемонад. Саёҳат, дарсҳои амалӣ, таҳқиқот ва

корҳои эҷодӣ амсилаҳоро баҳри фаъолияти амалии хонандагони синфҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Ин барнома дар шӯрои ташхисии шуъбаи вилоятии маорифи шаҳри Бохтар дида баромада, маъқул дониста шуд. Технологияи мазкур вазифаҳои зеринро иҷро менамояд: машғулшавӣ, муоширатӣ, иҷтимоигардонӣ, ислоҳкунӣ ва ғайра. Дар натиҷаи корҳои гузаронидашуда хонандагон дар охири синфи 1- ум ба чунин сифатҳо ноил мегарданд:

- ҳисси ҷавобгарии иҷтимоиашон на барои хеш, балки барои рафиқон меафзояд;
- муттаҳидии коллективи хонандагон дар чорабиниҳои беруназсинфӣ бештар аз иҷтимоишавии онҳо гувоҳӣ медиҳад;
- хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди иҷтимоишавӣ нисбати ҳамдигар бештар бо сабру тоқат мегарданд;
- ба андешаи ҳамдигар ва атрофиён бештар диққат медодагӣ мегарданд, ки нишонаи иҷтимоишавӣ мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани кор аз рӯи мавзуи: “Татбиқ намудани технологияи муосири педагогӣ бо истифода аз технологияи ахборотӣ-муоширатӣ” омӯзгорони муассисаи мазкур:

- дар бораи тарзу воситаи истифодаи технологияи муосири педагогӣ тасаввурот ҳосил менамоянд;
- хусусиятҳои махсуси низоми педагогиро аз методҳои татбиқшаванда фарқ карда метавонанд;
- метавонанд таҷрибаи омӯзгоронро таҳлил ва баҳогузорӣ намоянд;
- норасоӣ ва арзиши технологияи педагогиро дар муассисаи муосир ошкор созанд.

Истифодаи дурусти технологияи педагогӣ ва психологии муосир дар таҷриба метавонад сифати донишро баланд бардорад, хизматрасонии таълимиро ба кӯдакон дар соҳаи маълумот тавассути лоиҳаҳои гуногун васеъ намояд [65,165].

### 1.3.Ташаккул додани маданияти зеҳнӣ- маърифатӣ дар Стандарти синфҳои ибтидоӣ

Давраи нави инкишофи ҷамъият дар назди илми педагогика вазифаҳои нави бештар мураккабро мегузорад, ки яке аз асоситарин вазифаҳо ташаккули шахсияти дорои тафаккури эҷодӣ мебошад. Шахсияти муосир бояд дорои ақли солим бошад ва дар муҳлати кӯтоҳ қобилияти аз бар намудани ахбори зиёдро дошта бошад. Ҷараёни таълими муосир аз ҳар як фард дараҷаи баланди инкишофи интеллектуалӣ ва маданиятнокиро талаб менамояд [44,131-154].

Дар зери мафҳуми зеҳн тавоноии шахс ба татбиқ намудани ҷараёни маърифат ва самаранок ҳал намудани проблема дар доираи вазифаҳо фаҳмида мешавад. Аз рӯи таҳқиқоти академикҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М.Лутфуллозода ва У.Зубайдов, ба ҳадаф расидан дар ягон вақт ва ба ягон кас бе саъю талоши иловагӣ, бе заҳмату меҳнати пайгирона муяссар нагардидааст [101, 330].

Ба андешаи академик Н.Н.Моисеев зеҳн ё фаросат - ин, пеш аз ҳама, ҳадафгузорӣ, нақшагирии захираҳо ва сохтани стратегияи ба ҳадаф расидан мебошад. Инкишофи зеҳн дар инсон онро аз ҳайвон ҷудо кард ва ибтидои инкишофи иҷтимоӣ гардид, ки минбаъд ба севилизатсияи инсоният расонид. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло метавон ба китоби Ф. Энгелс «Дар бораи пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат» ва «Назарияи таҳаввулот»-и Ч.Дарвин ошно гардид.

Аз 1-уми сентябри соли 2013 тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Стандарти нави таҳсилоти ибтидоӣ гузаштанд. Хусусияти фарққунандаи стандартҳои нав дар он мебошад, ки мақсади он на танҳо инкишоф додани фанни таълимӣ, балки сифатҳои шахсиятӣ мебошад. Пеш аз ҳама, шахсияти худи кӯдак ва он рӯйдиҳандаҳое, ки дар ҷараёни таълим ба вуҷуд меоянд, муҳим мебошад.

Зеҳн - ҳамчун иқтидору тавоноии инсон тавассути чунин маҳоратҳо амалӣ мегардад: донистан, маърифат намудан, мутолиа кардан,

мантиқан андешидан, ба танзим даровардани ахбор, таҳлил ва таснифи он қонуният ва фарқиятҳо мебошад. Кунҷкоб ё кунҷкобӣ ин кӯшиши шахсӣ барои дар сатҳи чуқур донистани муносибатҳои мавҷуда мебошад [101,305].

Оид ба масъалаи кунҷкобии инсон ва талоши он барои донистани асрори ҳастӣ Ҳаким Саноӣ таъкид менамояд:

Чизеро гар намедонӣ, зи пурсидан макун парво,

Ки нодон оқибат доно тавонад шуд, зи пурсидан.

Дар ташаккули маърифати хонандагони синфҳои ибтидоӣ килеро сомон додан зарур аст, ки хонандагон тамоми калима ва ибораҳои нофаҳморо пурсида гиранд, аз савол додан, аниқ намудани мазмуну маъно, худдорӣ накунанд.

Стандарти давлатии таҳсилоти Тоҷикистон- ин мавҷудияти се талаботи низомӣ мебошад:

- талабот ба натиҷаи таҳсилот;

- талабот ба таркиби барномаҳои асосии таълимӣ (муассиса фаъолияти таълимии хешро чӣ тавр месозад);

- талабот ба шароити татбиқи стандарт (кадрҳо, молия, базаи моддӣ- техникӣ, таъминоти ахборотӣ).

Дар Стандарти соли 2005 мазмуни таълимии мавзуъ бо ягонагии дидактикӣ баён гардидааст. Дар Стандарти соли 2013 мазмуни таълими мавзуъ пурра ифода наёфтааст, аммо талаботҳо ба натиҷаи он аниқ ифода гардидаанд, ки инҳоянд:

- шахсиятӣ (омодагӣ ва қудрати худинкишоф, худташаккул ба мақомбахшии таълим ва маърифат, сифатҳои шахсӣ, ки бе он салоҳиятнокии иҷтимоӣ ташаккул намеёбад) ;

- фаннӣ (хонда тавонистан);

- маҳорати фаннӣ [65,165-167].

Ба сифати натиҷаи асосии таҳсилот метавонанд меъёрҳои фаъолияти таълимии универсалӣ баромад намоянд, ки имконият медиҳанд вазифаҳои муҳимтарини ҳаётӣ ва касбиро гузошта, ҳал

намоем. Пеш аз ҳама, дар вобастагӣ аз вазифаҳо, ки бо онҳо бевосита рӯ ба рӯ шудани мактаббача ва хатмкунанда дар ҳаёти калонсолӣ пеш меояд коркарди стандарти навро талаб менамояд.

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ база ё таҳкурсии тамоми давраи минбаъдаи таълими инсон ба ҳисоб меравад. Дар навбати аввал ин ба ташаккули амалиёти таълимии универсалӣ маҳсуб мебошад. Ноил будан ба амалиётҳои таълимии универсалӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки мустақилона дониш, малака ва маҳорат пайдо намуда, маҳорати хондани матнҳоро пайдо намояд. Ин имконият медиҳад, ки амалҳои универсалии таълимӣ, ба амалҳои умумигардонии тавлидкунандаи мақоми таълим дар иҷтимоишавӣ гардад ва ба хонанда имконият диҳад, ки бо соҳаҳои дониш аз фанҳои гуногун сарукор гирад. Натиҷаи таълимӣ дар стандарт сабт гардида, тафриқавӣ мебошад. Дараҷаи базавӣ, ҳатмӣ будани он дар блоки «Хатмкунанда ёд мегирад...» навишта шудааст. Дар вобастагӣ бо имкониятҳо, шавқу ҳаваси хонандагон ва талаботи онҳо ба аз худ намудани барномаҳои таълимӣ, бояд аз доираи донишҳои базавӣ берун бараояд (донишро чуқур аз бар намудана, бо паҳноӣ фаро гирад)» [111,36-39].

Ҳамин тавр, ҳар як хонанда худаш барои худаш дараҷаи ба даст овардани натиҷаи таълимро интихоб менамояд. Натиҷаҳои шахсиятӣ дар болои муносибатҳои арзишии хонандагон- нисбат ба худ, нисбат ба дигар иштирокчиёни ҷараёни таълим, нисбати худи ҷараёни таълим, объекти маърифат, натиҷаи амалиётҳои таълимӣ ошкор мегардад.

Дар тамоми давраи фаъолияти муассисаҳо ба ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ, танҳо дар Стандарти насли дуюм натиҷаи тарбия муайян карда шудааст: дарки арзишҳои шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, мақомбахшии таълим, талош ба маърифат, тавоноии муоширатӣ, ҳалли ҷавобгарӣ барои қарори қабулнамуда, таҳаммулпазирӣ ва ғайра [124,39].

Дар ибтидои Стандарт консепсияи инкишофи маънавӣ - ахлоқӣ, тарбияи шахсиятии хонандагон, ки дар шароити муосир муҳиммият пайдо намудааст, ҷой дода шудааст. Дар Стандарти насли дуюм

«Симои» (портрет)-и хатмкунандаи синфҳои ибтидоӣ чунин ифода ёфтааст:

- дӯстдори халқи хеш, анъанаҳои миллӣ, гӯшаи хеш, Ватани хеш;

- эҳтиромкунанда ва қабулдоштаи арзишҳои оилавӣ, миллӣ ва ҷамъиятӣ;

- кунҷкоб нисбати донистани асрори олам будан дар иҷтимоишавӣ;

- хоҳиши хондан доштан, фаъолияти шахсии хешро ташкил карда тавонистан;

- ба мустақилона амал намудан ва масъул будан барои рафтораш дар назди оила ва ҷамъият;

- ҳамсуҳбатро шунида тавонистан, асоснок намудани мавқеи хеш, дар лаҳзаи зарурӣ баён намудани андешаи хеш;

- иҷро намудани қоидаи бехатарии солимӣ ва бехатарии ҳаёт [118,123].

Зеҳн аз тафаккур бо мазмуннокии муайян фарқ мекунад. А.А.Брудный қайд менамояд: « Интеллект – ин тавоноӣ ба фаҳмидан мебошад, ки дар худ на танҳо натиҷаи фаъолияти маърифатӣ, балки тарзи махсуси ин амалро қайд менамояд ва ростию росткорӣ аз зеҳн, аз фаъолияти маърифатӣ вобаста мебошад» [25, 111].

Дониш асоси зеҳн буда, байни он ва зеҳн ба монанди маҳсулот ва ҷараён робитаи диалектикӣ вуҷуд дорад. Агар, аз як тараф дониш натиҷаи фаъолияти маърифатӣ бошад, аз ҷониби дигар дар фаъолияти инсон ворид гардида, ҳамчун омили дониш баромад менамояд.

«Ҳар як санади аз худ намуда, ин ё он донишро ифода намояд- менависад С.Л. Рубинштейн, - ба сифати шароитҳои дохилӣ тафаккури пешқадамро дар назар дошта, барои аз бар намудани дониши минбаъда зарур мебошад». Проблемаи нигоҳдорӣ ва инкишоф додани дониш дар даҳсолаҳои охир ҷои намоёнро дар стратегияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд [111, 12- 13].

Ташаккул ёфтани тарзи ҳаёти солим бояд бе танаффус ва мақсаднок рӯй диҳад. Ин проблема махсусан, барои муассисаҳои таҳсилоти

ибтидоӣ, ки бо тағйиротҳои қатъӣ робитаманданд, дар тартиби одаткардаи ҳаёти бачагон, аз худ намудани нақши иҷтимоии «хонанда» таассуроти калон дорад.

Фоизи зиёди хонандагони синфҳои якум ба муассисаи таълимӣ бо бемориҳои ҷисмонӣ меоянд. Стандарти насли дуюм ташаккулёбии донишро таъмин намуда, меъёрҳои ахлоқро ба низом даровардa, солимии кӯдакони синфҳои ибтидоиро таъмин менамояд. Муносибати ғамхоронаи волидон нисбат ба солимии фарзандони худ, донистани омилҳои пешгирикунандаи ин хатар дар ҳамкории оила, муассиса, аҳли чамъият ниҳоят муҳим мебошад. Шаклҳои фаъолияте, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дошта бошанд ва тавонанд бояд дар Стандарти давлатии таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёни хешро ёбанд.

Махсусан, фаъолияти зеҳнӣ, дар Стандарт ҳамчун асоситарин арзиши таълимӣ муайян карда шудааст. Дар шароите, ки ҳаҷми ахбор чандин маротиба меафзояд, тахминан баъди ҳар панҷ сол ба инсон додани на танҳо дониш, балки шаклҳои нави фаъолиятро таъмин намудан зарур меояд. Дар ҷараёни дарс ва фаъолияти беруназдарсӣ диққати асосӣ ба инкишофи шаклҳои гуногуни фаъолияти хонандагон, равона намудан зарур аст. Диққат додан зарур аст, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ лоиҳаи гуногун, корҳои эҷодиро чӣ тавр иҷро мекунанд.

Барномаи асосии таълими синфҳои ибтидоӣ низоми меъёрҳо, мазмун ва ташкили ҷараёни таҳсилотро муайян намуда, ба даст овардани натиҷаи нақшавиро таъмин менамоянд. Дар барномаи таълимӣ натиҷаҳои нақшавии кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидааст. Низоми баҳогузорӣ, нақшаи таълим, махсусан ташкили ҷараёни таълим, технологияи истифодашаванда ислоҳоти ҷиддиро дар синфҳои ибтидоӣ хоҳон мебошад.

Асосан барномаи таълимӣ ба ташаккул додани маданияти умумӣ, маънавӣ- ахлоқӣ, иҷтимоӣ, шахсӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони

синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Ба бунёд намудани асос барои татбиқи мустақилонаи фаъолияти таълимӣ, ки таъминкунандаи комёбиҳои иҷтимоӣ, инкишофи иқтидору тавоноии эҷодӣ, худинкишоф ва худтакмил, нигоҳдорӣ ва пурқувват гардонидани солимии хонандагон мебошад, диққати махсус бояд дод.

Ба монанди тамоми зуҳуротҳои иҷтимоӣ, зеҳн тавассути мафҳуми «маданият» тавсиф карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ягон шахси аз зеҳн маҳрум, дорои маданият буда наметавонад, [50, 39]. Дар фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ маданияти зеҳнӣ ташаккул додани маҳорат ва малакаро дар назар дорад. Он асос меёбад дар болои маҳорати тафаккур карда тавонистани хонанда, ки ин маҳорат вазифаҳои таълимиро ҷудо намуда, коркарди ақлии онро таъмин намуда, дараҷаи давомоти хонандаро муайян менамояд.

Дараҷаи инкишофи зеҳнии хонанда бо ду ченак тавсиф карда мешавад:

- завқӣ (эрудиции) – шеър, ҳикоя ё ҳаҷми калони ахборро аз худ намудан;

- инкишофи зеҳнӣ- тавоноии истифода бурдани ахбор дар ҳалли вазифаҳои гуногун дар ҷараёни фаъолият фаҳмида мешавад.

Таҳқиқоти мушкилоти ташаккулёбии маданияти зеҳнӣ дар кори олимони зерин ифодаи хешро ёфтааст:

- П.Я.Галперин, Н.Ф. Тализин - дар бораи ташаккул ёфтани фаъолияти ақлонӣ;

- В.В. Давидов, И.С. Якиманская - таълими инкишофдиҳанда ва муносибати шахсиятӣ- майлкунӣ ба таълим;

- Н.А.Менчинская, Д.Н. Богоявленский, З.И.Калмикова- дар бораи тарзҳои фаъолияти маърифатӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ;

- В.В. Рубтсов, Г.И.Тсукерман - таъсири инкишофдиҳандаи якҷояи фаъолияти муоширатии таълимӣ. Дар иҷрои ин қисми диссертатсия мо

тавонистем аз маводи номбурда васеъ истифода барем ва дар ҳалли проблемаи мазкур бо онҳо пурра ҳамфикрем.

Л.С.Виготской андеша дорад, ки зеҳн дар синни хурди мактабӣ пуршиддат инкишоф меёбад ва дар инкишофи он мавқеи асосиро тафаккур иҷро менамояд. Зеҳн ифодаи абстрактӣ, умумигардонии симои ҳастӣ, фаҳмиши чуқури моҳият ва сабаби зуҳуротро ифода менамояд. Зеҳн ин тавр ифода меёбад:

1. Дар синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи зеҳн, қисман хаёлот, истифода бурда мешавад ва дар давраи бахотироварӣ, ки инкишофи натиҷаноки маърифатро таъмин менамояд, ба ҷараёни таълим бетаъсир намемонад.

2. Дар соҳаи таҳсилот истифода бурдани доираи васеи шаклҳои ташкили корҳои таълимӣ, истифода аз методҳои гуногуни таълим ниҳоят муҳим мебошад, ки завқу шавқи хонандагонро ба ҷаҳони дониш зиёд мегардонад.

То ба имрӯз суханони В.А.Сухомлинский мубрамияти хешро гум накардаанд, ки навишта буд: «Беадаб барои ҷамъият хатарнок аст ва худаш хушбахт буда наметавонад, аммо ба дигарон зарар мерасонад. Аз деворҳои мактаб то ҳатто касоне баромада метавонанд, ки чизеро намедонанд, аммо ӯ бояд инсони бохирад бошад» [123,148-149].

Ташкил ва гузаронидани ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳи ҳалли вазифаҳо аз омӯзгор муносибати махсуси инноватсиониро талаб менамояд. Дар ин давра пай дар пай ва бонизомона ташаккул додани маҳорати одии зеҳнӣ, омили асосии инкишофи минбаъда дар бобати аз худ намудани мафҳумҳои мураккаб мегардад.

Таркиби дохилии маданияти зеҳнӣ аз омилҳои зерин иборат аст:

- шахсиятӣ;
- зеҳнӣ, фаросатӣ;
- зебопарастӣ;
- ташкилӣ- фаъолиятӣ;
- гигиенӣ ва ғайраҳо.

Ташаккули омилҳои маданияти зеҳнӣ дар омодагии мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ ба татбиқи маҳорати хеш, фаҳмидани роҳҳои худтарбия ва худинкишоф вобаста мебошад. Дараҷаи инкишофи маданияти зеҳнии хонандагон, тамоми паҳлуҳои таълимро фаро мегирад:

- сифати дониш, маҳорат ва малака то як дараҷа аз зеҳн вобастагӣ дорад;

- фаъолияти маърифатии хонандагон, аз инкишофи тафаккури онҳо ва тавоноии эҷодӣ аз зеҳн вобастагӣ дорад;

- ҳосилнокии меҳнати таълимӣ, дараҷа ва ҳаҷми маводи таълимӣ, зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоиро сайқал медиҳад;

- самаранок истифода бурдан аз имкониятҳои тарбиявӣ дар ҷараёни таълимиҷтимоишавии бачаро метезонад;

- омодагии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва хатмкунандагони он ба ҳаёт ва фаъолияти мустақилона.

Аксари муаллифони китоҳоби дарсӣ ва дар пайравии онҳо, бисёре аз омӯзгорон асосан дар бораи он ғамхорӣ менамоянд, ки маҳорати махсуси омӯзонидани фанни хешро ҳосил намоянд. Масалан, аз рӯи маълумотҳои таҳқиқотии Ю.К.Бабанский «Таҳлили сабаби нодавомнокии як ҳазор хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар синфҳои боло нишон дод, ки 50% хонандагон аз хониш қафо мемонанд, ки сабабаш таъсири суст доштани фанҳои таълимӣ мебошад. Дар натиҷаи он хонандагон 80% маълумоти олӣ гирифта натавониста аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешаванд» [20, 5].

Мувофиқи андешаи бисёр педагогон ва методистони машҳур, коркард ва устувор гардонидани маҳорати таълимӣ- маърифатӣ бояд доимӣ дар раванди донишгирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ татбиқ карда шавад. Ба ин раванд В.А.Сухомлинский диққати доимӣ зоҳир намуда, қайд менамояд: «Бе майл доштан ва руҳбаландӣ,- бе дарки меҳнати фикрӣ ҳамчун ҷустуҷӯ ва дарёфт, таълим ба азёдкунӣ табдил меёбад; аз он мақсади асосии мактаб- инкишофи умумии ақлонӣ,

ташаккули ақли кунҷкобӣ, тарбияи ташнагии дониш меафтад» [125,-148-149].

Дар ҷараёни фаҳмонидани маҳорати зеҳнӣ қадамҳои зерин иҷро карда мешаванд:

а) тавсифи умумии маҳорати зеҳнӣ ва мафҳуми он дода мешавад;

б) амалҳои ақлонӣ ҷудо карда шуда, аз онҳо роҳҳои истифодабарӣ сохта мешавад;

в) машқҳои таълимӣ гузаронида мешавад.

Ҳамин тавр, ба дараҷаи назариявии маҳорати таълимӣ- маърифатӣ гузашта, мо онҳоро ба объекти асосии омӯзиш табдил дода, шароитро баҳри чуқур ва устувор аз бар намудан омода менамоем. Ин ба методикаи таълими инкишофёбанда мувофиқ буда, ҷараёни таълимро дар асоси татбиқи пурраи талаботҳои дидактикӣ дар донишҳои назариявӣ амалишаванда мегардонад.

Масалан, агар дар дарси забони тоҷикӣ дар хонандагон маҳорати тақриз додан ба ҷавоби ҳамсинфон инкишоф дода шавад, хонандагон метавонанд ин маҳоратро дар рафти омӯзиши дигар фанҳо дар он ҳолате истифода баранд, ки омӯзгор ба онҳо аз кадом намуди амали ақлона истифода бурданро фаҳмонад. Онҳо бояд пухта донанд, ки амалиёти ақлонӣ худаш чист ва аз кадом усулҳои педагогӣ ибтидо мегирад. Ин маънои онро дорад, ки усулро ба ҳолати нав гузаронида, умумӣ гардонида, исботи бовариноки онро аз худ намуда мегиранд.

Таҳлили таърихи педагогикаи ватанӣ нишон медиҳад, ки мақсади таҳсилоти ибтидоӣ амалан иваз нагардидааст ва ба он расонида шудааст: - дар зинаи якуми таълим хонанда бояд малакаю маҳорати ҳисоб кардан, навиштан, хондан ва майл ба донистани ҳодисаҳои олами атрофро ҳосил намояд. Мақсади мазкур дар доираи модели устувори таҳсилоти ибтидоӣ, ки омӯзгор бо тарзи маъмурӣ кор мебурд ва тамоми таваҷҷуҳ ба ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ равона гардида, таълим характери ҳосилнок доштанро пайдо менамояд.

Амсилаи анъанавии таҳсилоти ибтидоӣ дар вақтҳои охир оид ба фаҳмиши имкониятҳои таълим ва тарбия хеле тағйир ёфт. Мавриди таҷдиди назар қарор додани мақсади асосии таҳсилоти ибтидоиро инкишофи илмӣ- техникӣ талаб менамояд, ки аз хонандаи зинаи ибтидоӣ инкишофи донишро дар вазъияти нав талаб менамояд. Таҳсилоти ибтидоӣ хонандаеро хоҳон аст, ки тафаккури тез ва андешаи чуқур дошта, фаъолияти эҷодӣ зоҳир намояд, маҳораташро сайқал диҳад, фаъолияти таълимиашро ба нақша гирад, раванди таълими хешро аз нуқтаи назари танқидӣ баҳогузорӣ ва назорат карда тавонад [64,12-18].

Дар сарчашмаҳои педагогӣ- психологӣ таҷриба як хел муайян карда намешавад ва шуда ҳам наметавонад. Ба андешаи И. Бем- ин таълим дар таҷриба баён гардидааст. Олимон, В.В.Краевский ва И.Я Лернер, таҷрибаи иҷтимоии шахсиятиро тавсиф дода, ҳамчун аломати таркибии таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ- муаррифӣ намуданд.

Таъкид менамоем, ки дар шароити муосир ҳар як муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тартиби корашро мустақилона муайян менамояд, ҳафтаи таълимии (5- рӯза ё 6-рӯза) мебошад. Давомнокии дарс дар синфҳои ибтидоӣ бояд ин тавр бошад:

- дар синфи 1 — соати дарс 35 дақиқа (дар ҳолати шароити махсус надоштани ҷадвали зангҳо барои синфҳои якум, фазаи фаъоли дарс на бояд аз 35 дақиқа беш бошад);

- дар синфҳои 2 ва 4 - давомнокии дарс 40–45 дақиқа (бо қарори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ) муайян карда шудааст.

Давомнокии соли хониш:

- дар синфҳои 1-ум— на камтар аз 33 ҳафтаи таълимӣ;

- дар синфҳои 2 ва 4-ум— 34 ҳафтаи таълимӣ муайян гардидааст.

Дар Стандарт се гурӯҳи талаботҳо пешниҳод карда мешаванд:

- Талабот ба натиҷаи азбаркунии барномаи асосии таълим дар синфҳои ибтидоӣ.

- Талабот ба таркиби асосии барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ.

-Талабот ба шароити татбиқи барномаи асосии таълим дар синфҳои ибтидоӣ.

Хусусияти фарққунандаи Стандарти нави таълим дар характери фаъолиятии он зоҳир мегардад, ки мақсади асосии он инкишоф додани шахсияти хонанда мебошад. Низоми таълим аз тасаввуротҳои анъанавии натиҷаи таълим дар шакли дониш, маҳорат ва малака даст кашида, дар шаклҳои воқеии амалиёт, ки хонанда бояд дар охири соли хониш ноил гардад, такя менамояд [17,18-22].

Талабот ба натиҷаи таълим дар шакли шахсиятӣ, байнифаннӣ ва натиҷанокии фанни таълимӣ баромад мекунанд. Натиҷаи таълим қисми ҷудонашавандаи ядрои стандартҳои нав буда, фаъолиятҳои универсалии таълимиро ташкил медиҳад. Аломати муҳимтарини ташаккулёбии фаъолиятҳои универсалии таълимии хонандагонро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, ки таъминкунандаи натиҷанокӣ мебошад, майлгирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ахбор ва технологияи муоширатӣ ташкил медиҳад. Дар ин раванд аз хонандагон синфҳои ибтидоӣ талаб карда мешавад, ки маҳораташонро то дараҷае ташаккул диҳанд, ки онро босаводона истифода бурда тавонанд.

Истифода бурдан аз дастгоҳои рақамии муосир ва воситаҳои муоширатӣ ҳамчун шакли табиии ташаккул додани амалҳои универсалии таълим дар зербарномаи ташаккули салоҳияти технологияи ахборотӣ- коммуникатсионӣ ишора гардидааст [90, 17].

Татбиқи барномаи ташаккул додани амалҳои универсалии таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ- вазифаи калидии татбиқи стандартҳои нави таҳсилот мебошад. Ҳар як муассисаи таълимӣ барномаи таълимии хешро коркард намуда, дар он таклифу пешниҳодҳои волидонро ба инобат мегирад.

Зеҳнро ҳамчун шакли маърифат тавсиф намудан мумкин аст, ки дар натиҷаи ахбори бадастовардаи онҳо коркард менамоянд. Аз ин рӯ, он шакли махсуси фаъолият дар раванди иҷтимоишавӣ ба ҳисоб меравад. Дар як қатор таҳқиқотҳои олимон Д. Майбуров ва В. Хоров як қатор

шаклҳои зеҳн ҳамчун шакли маърифати математикӣ фарқ мекунанд, ки ба онҳо мисол шуда метавонад зеҳни ҳиссӣ, зеҳни маърифатӣ ва пешбиникунанда (догатку).

Дар ҷараёни таълим чор шакли ҳаракати маърифат мавҷуд аст:

- маърифати ҳиссӣ;
- маърифати мантиқӣ- аз як мафҳум ба мафҳуми дигар гузаштан;
- ҳамкории ҳиссӣ ва мантиқӣ- аз образ ба мафҳум гузаштан;
- ҳамкории маърифатӣ- мантиқӣ- ҳиссӣ, аз дарк ба образ.

А.Пуанкаре менависад, ки мантиқ наметавонад ба мо тасаввуротро дар бораи илм дар маҷмуъ таъмин намояд, инро ба мо бояд зеҳн таъмин намояд. Бе ташаккул додани зеҳни хонандагон дониш як чизи рӯякӣ мебошад, ки дар худ характери ахборотӣ- намоиширо мегирад.

Декарт дар «Қоида барои роҳбарии ақл» қайд менамояд: «Дар зери мафҳуми зеҳн ман дар назар дорам на дину эътиқодро, на муҳокимаҳои бетартибӣ фиребдиҳандаро, балки акли расоро, ки он қадар одӣ ва фаҳмо мебошад. Он ҳеҷ гоҳ дудилагиро дар бораи он, ки мо андеша менамоем боқӣ намегузорад».

Лейбниц дар асари худаш «Таҷрибаҳои нав дар бораи хиради инсон» қайд менамояд: «Дар чунин зеҳни интеллектуалӣ ягон чизи ғайри анъанавӣ вуҷуд надорад. Ба ҷадвали карат нигоҳ карда, бе мушкилӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки он таркиб ёфтааст дар асоси алоқаманд намудани як саҳифа ба дигараш. Агар дар ин ҷо мо ба зеҳн такя наменамудем, бе ёрдамчӣ мемондем».

Барои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ зарур аст, зеҳни математикӣ хонандагони синфҳои ибтидоиро ташаккул диҳанд, ки ин тарзи ёфтан ва дуруст ҳал намудани мисолу масъалаҳо мебошад. А.Д.Кудрявсев навиштааст, ки дониш ва зеҳн омилҳои асосии маданияти математикӣ мебошанд. Дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бояд диққати бештарро ба робитаҳои байнифаннӣ зоҳир намояд, то ки хонандагон фаъолияти универсалии таълимиро аз худ намуда, салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва калидиашон ташаккул ёбад.

Натиҷаи аз таълими фан бадастомадаро гурӯҳбандӣ карда, хулосаи зарурии хешро мебарорем, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар кадом соҳа лаёқати хешро бештар зоҳир намуда метавонанд. Омӯзгори ботаҷриба аз он хулоса бароварда кори худро ба самти зарурӣ равона менамояд, ки хонандагон ба тамоми фанҳои таълимӣ дилбастагӣ пайдо намоянд. Онҳо ташаккул ёфта, дар мафҳуми «хатмкунанда», он талаботҳоеро мебинанд, ки ба он дониш, маҳорат ва малакаи онҳо мутобиқат намояд.

Дар педагогикаи солҳои 50- 60-ум ва низоми таълими қарни гузашта хонандаи синфҳои ибтидоиро бо сабаби аз бар нанамудани барномаи таълимӣ дар синфаш такроран мемононданд, ҳоло бошад, ин анъана қариб аз байн рафтааст, ки масъулиятшиносии хонандагонро халалдор мегардонад. Хусусияти фарққунандаи таҳсилоти синфҳои ибтидоӣ дар он мебошад, ки хонанда дар баробари навиштани анъанавии хат бо чидани ҳарфҳои матн дар клавиатура одат пайдо менамояд.

Дар шароити муосир бисёре волидон компютерро дар ҳаёти касбӣ ва ҳаёти шахсӣ истифода мебаранд, имкониятҳои онро барои ташкил додани матн ва ислоҳ намудани он мефаҳманд. Мо бояд муҳиммияти дар таълим ворид намудани ин омилро донем, вале аз унсури анъанавӣ низ истифодаи васеъ дар робита ва омезиш истифода барем.

Омӯзиши олами атроф пешниҳод менамояд, ки барои хонанда, на танҳо омӯхтани маводи китоби дарсӣ, балки мушоҳидаҳои амалиро, ки ба воситаи дастгоҳҳои ченкунӣ, микроскопҳои рақамӣ, дастгоҳҳои суратгирӣ ва камераи видеоӣ ба даст оварда шудааст, ниҳоят муҳим мебошад. Мушоҳида ва таҷрибаҳои дар рисола қайд гардида, дар шакли рақамӣ пешниҳод карда мешаванд, ки омили салоҳияти иҷтимоӣ мебошанд.

Дар матни омӯзиши тамоми фанҳо бояд сарчашмаҳои гуногуни ахборотӣ, аз он ҷумла Интернет васеъ истифода бурда шавад. Дар муассисаҳои таҳсилотии муосир бештар аз методҳои лоиҳақашӣ

истифода мебаранд. Воситаҳои технологӣ- коммуникативӣ воситаҳои бештар паҳнгардида дар татбиқи методҳои лоиҳавии таълим мебошанд.

Волидон бояд бо ҳар восита кӯдаконро ба чунин фаъолиятҳои манфиатовар ҳавасманд гардонанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзандон» аз 02.08.2011 зери № 762 ба ин масъалаи ниҳоят муҳим диққати хосса зоҳир намудаанд [90,30].

Муносибати тафриқавӣ ба таълим, истифодаи он дар давраи тартиб додани стандартҳои нав, фаъолона истифода бурдан аз донишҳоеро пешниҳод менамояд, ки дар давраи омӯзиши як фан дар дарси дигар фан омӯхта мешавад.

Мисол, дар дарси забони русӣ ҳангоми кор бо матн - тарзи дуруст навиштани ҷумла ва ибора гузаронида мешавад. Дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ бачагон як осониро дарк менамоянд. Ин амал дар дарси муҳити атроф бо хонандагон ҳангоми омӯзиши фаслҳои сол ташкил дода мешавад, ки хонандагон дар раванди он ягон мушкилотро дарк наменамоянд. Натиҷаи ин фаъолият, шарҳи видеоӣ, тасвири расми манзараҳои табиат, зуҳуроти табиӣ ва олами ҳайвоноту набототи Тоҷикистон шуда метавонад [124,34-35].

Стандарти нав вазифа мегузорад, ки барои синфҳои ибтидоӣ маҷмуи таълимӣ- методӣ коркард карда шавад, ки дар шароити ҳозира ҳалли худро ёфта истодааст. Дар баробари муносибати фаъолиятӣ ба мазмуни маводи таълимӣ муаллифон бояд ҳолати воситаҳои ба ҷамъият расонидани ахборо тавассути фитаю диск ва Интернет ба инобат гиранд.

Талабот ба муҳити ахборотӣ- таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ қисми таркибии Стандарти давлатӣ мебошад. Муҳити ахборотӣ- таҳсилотӣ бояд имконияти ахборикунонии кори ҳар як омӯзгор ва хонандаро таъмин намояд. Муҳити ахборотӣ- таҳсилотӣ ба хонандагон мусоидат менамояд, ки дастрасии назоратро дар таълими фосилавӣ ва корҳои берун аз синфӣ нисбати захираҳои таълимӣ ва Интернетӣ ноил шаванд. Волидон бояд дар муҳити ахборотӣ-таҳсилотии фарзандонашон,

натиҷаи сифатии таълими фарзандон ва баҳои омӯзгорро бинанд ва аз раванди таҳсили фарзандон огаҳ бошанд.

Муҳити муосири таълим давраи гузаришро аз таълими майлдошта пеш аз ҳама, ба «аз худ намудани тамоми ҳаҷми дониш, ки инсоният эҷод намудааст», ба таълими дар ҷараёни он ташаккулдиҳандаи инсон, ки дорои қудрати худмуайянкунӣ ва худзоҳиркунӣ дорад, нигаронад. Муҳити муосири таълим инсонро дар рӯҳияи бутунии ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд тарбия менамояд, то ки баҳри пойдории сохт талош варзанд [118, 120-123].

Таҷрибаи ба таври фронталӣ бо тамоми хонандагон кор бурдани омӯзгор ба фаромӯшӣ рафта истодааст. Шакли фронталии дарс ташкил додани шаклҳои гуногуни корҳои фардӣ ва гурӯҳиро талаб менамояд ва тамоми бачаҳо ба фаъолият ворид мегарданд. Пай дар пай дар низоми таълим тарзи маъмурӣ- фармонфармоӣ бартараф гардида, шакли ҳамкорӣ, боварӣ ва муносибатҳои демократӣ паҳн гардида истодааст, ки талаботи педагогикаи муосир мебошад.

Дарси анъанавӣ бояд аз табиатшиносӣ ва муҳити атроф чӣ тавр гузаронида шавад? Омӯзгор хонандаро барои ҷавоб додани вазифаи хонагӣ ба назди тахтаи синф даъват менамояд- ҷавобашро шунида, аз китоб матнро хононда ба донишаш баҳо мегузорад. Хонандаи дуюмро аз рӯи яке аз саволҳои гузошта, пурсида баҳо мегузорад. Ҳамин тавр, то ҳал гардидани мавзуъ хонандагонро пурсида баҳо мегузорад ва пурсишро ҷамъбаст намуда, ба қисми дуюми дарс мегузарад. Дар ин қисмат мавзуи навро нақл намуда, мустаҳкамкунӣ ва хулосабарорӣ намуда, барои хона вазифа месупорад.

Дар мувофиқа бо стандарти нави таҳсилот, пеш аз ҳама зарур аст, ки мақоми хонадаро ба донистани муҳити атроф пурқувват намуда, ба ӯ намоиш додан зарур аст, ки дониши мактабӣ- ин на танҳо гирифтани шуғл аз ҳаёти дониш, донистани он, ҷустуҷӯи ахбори зарурӣ ва малакаи истифодабарӣ аз он дар ҳаёти воқеӣ-иҷтимоӣ мебошад.

Агар дар бораи методҳо мушаххас гап занем, фаъолияти таълимии универсалӣ дар худ сайёҳиро низ фаро мегирад. Дар он ҷустуҷӯи маводҳои иловагӣ оид ба мавзуъ ва мубодилаи афкор ва ошкор намудани саволҳои баҳснок ва муҳокимаи гурӯҳӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Дар ин раванд хонанда бояд иштирокчии зиндаи ҷараёни таълим гардад.

Дар шароити имрӯза баъзе хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар давоми дарс аз чашм паноҳ мемонанд, ки сабаби он аз меъёр зиёд будани теъдоди хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Ниҳоят хуб мебошад, агар онҳо дар давоми дарс чизеро шунида, ё чизеро фаҳмида бошанд. Аз ин гуфтаҳо хулоса намудан зарур аст, ки иштироки мунтазами дарс, хомӯш нишаста гӯш кардан низ барои хонанда ниҳоят муҳим мебошад [108, 3-4].

Афзалияти вазифаи инкишофдиҳандагии таълим, дар таъмини барқароршавии шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят калон мебошад. Зеро ки он имкониятҳои фардии ӯро мекушояд ва метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ ва мувофиқ аз дониш, маҳорат ва малакаи шахсӣ истифода барад. Дониш худаш воситаи асосии инкишофи шахсият мебошад, зеро ки маорифпарварон донишро қувваи ҳалкунанда медонистанд.

Дар омӯзиши фанни математика, масалан, имконият дода мешавад бачагон барои шинохтан ва номбаркунии фигураҳои фазоӣ, баҳри маҳорати дарёфти ин фигураҳо дар олами иҳотанамуда ва кор кардан бо онҳо талош варзанд. Дар робита бо ин, дар дарсҳои муҳити атроф, пешниҳод карда мешавад, ки аз худ кардани дониши на он қадар зиёд, балки ёд гирифтани корро бо матнҳои машҳури табиӣ-илмӣ, расмҳо, таблитса ва схемаҳои одӣ бо мақсади интихоб намудани сарчашмаҳо, ҷустуҷӯ ва интихоби ахбор барои ташкил додани матнҳои шахсии даҳонӣ ё хаттӣ, ҷавоб ба саволҳо, пешниҳоди нуқтаи назари хешро хонандагон ёд гиранд.

***Супоришҳои самаранок – воситаи муҳимми ноил гардидан ба натиҷаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ***

| **Супоришҳои анъанавӣ** | **Супориш аз китоби «Мактаб 2015»** |
|---|---|
| Тоҷикистон аз кадом сол соҳибистиқлол гардид? | Дастовардҳои Тоҷикистонро дар 30 соли соҳибистиқлолӣ дар чӣ мебинед? |
| Фарқияти растаниҳоро аз ҳайвонотҳо гӯед. | Қурбоққача парид ва фарёд кард: «Ман сабзам - ин тавр бошад, ман растаниям!» |
| Исмҳои хос ва ҷинсро номбар кунед ва тарзи навиштани онҳоро гӯед. | Исми хосро аз ҷинс бо кадом аломатҳояшон фарқ мекунед? |
| Майдони росткунҷаро муайян кунед. | Муайян кунед, ки кадоме аз қолинҳои пешниҳодгардида сақфро мепӯшонад. |

Аз хоҳиш ва хислати омӯзгор ва дараҷаи омодагии касбии ӯ ва таҷрибаи ҳосилнамудааш бисёр чиз вобастагӣ дорад. Агар инсон худаш барои фаъолияти инноватсионӣ омода бошад ва аз тағйиротҳо натарсад, гузоштани қадамҳои аввалин дар шароити нав барои ӯ чандон мушкил набуда, дар муҳлати кӯтоҳ вазифаи гузоштаро ҳал менамояд.

Омӯзгор, муносибати ӯ ба ҷараёни таълим, эҷодиёт ва касбияти ӯ, хоҳиши кушода гардонидани тавоноии ҳар як хонанда- ҳамаи ҳамин захираи асосӣ ба ҳисоб меравад, ки бе он татбиқ намудани стандартҳои нав ва фаъолияти инноватсионию муносибати босалоҳият ва иҷтимоишавӣ номумкин мебошад [110, 122].

Ба фаъолияти беруназдарсии хонандагон дохил мешавад: иҷрои вазифаи хонагӣ, машғулиятҳои фардӣ бо бачаҳо, дастгириҳои педагогӣ-психологӣ, дастгириҳои ислоҳкунӣ, машваратҳои фардӣ ва гурӯҳӣ бо кӯдакони синну соли гуногун. Инчунин ба фаъолияти беруназдарсӣ дохил мешавад: саёҳат, маҳфилҳои гуногун, сексияҳо, мизи мудаввар,

конференсия, ҷамъияти илмии мактаб, олимпиадаҳо, мусобиқа, таҳқиқотҳои ҷустуҷӯӣ ва илмӣ [111, 11].

Вақти барои фаъолияти беруназдарсӣ ҷудонамуда ба сарбории хонандагон ворид намегардад. Фаъолияти дарсӣ ва беруназдарсии хонандагонро муассисаи таълимӣ муайян намуда, бо кумитаи падару модарон мувофиқа менамояд. Гузаштан ба Стандартҳои нав давра ба давра рӯй медиҳад. Аз соли хониши 2011-2012 Стандартҳои нав дар синфҳои 1-уми муассисаҳои озмоишии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шуданд.

Фарқияти махсуси стандартҳои нав дар он зоҳир мегардад, ки мақсади онҳо фанни таълимӣ не, балки натиҷаи шахсӣ мебошад. Стандарти давлатии таҳсилотӣ- маҷмуи се талаботи низомӣ мебошад:

- талабот ба натиҷаи таълим ва тарбия;

- талабот ба тартиби барномаҳои асосии таълимӣ (муассиса фаъолияти таълимии хешро чӣ тавр ба роҳ мемонад);

- талабот ба шароити татбиқи стандарт (таъминоти кадрӣ, маблағгузорӣ, базаи моддӣ- техникӣ, дастрасии ахбор.).

Талабот ба натиҷа аз инҳо иборат аст:

- шахсиятӣ (омодагӣ ва тавоноӣ ба худинкишоф, мақомгирӣ ба таълим ва маърифат, сифатҳои шахсӣ,);

- метафаннӣ (маҳорати хондан);

- маҳорати фаннӣ [111, 5-6].

Ба сифати натиҷаи асосии таҳсилот, доштани маҷмуи фаъолияти универсалии таълим баромад менамояд, ки гузоштан ва ҳал намудани вазифаҳои муҳимми ҳаёти касбиро имкон медиҳад. Таҳсилот дар синфҳои ибтидоӣ база, таҳкурсии тамоми давраи таълим ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давра дар навбати аввал фаъолияти таълимии универсалӣ ташаккул меёбад.

Ноил гардидан ба фаъолияти универсалии таълим, ба хонандагон имконият медиҳад, ки донишҳои навро мустақилона ва бобарор аз бар намуда ва маҳорату малакаи хешро ташаккул диҳанд. Ин имкониятро он

муҳайё месозад, ки фаъолияти универсалии таълим, ин амали маҷмуии тавлидкунандаи мақом ба таълим дар соҳаҳои гуногуни маърифат мебошад.

Дар тамоми давру замон фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ба ҳал намудани вазифаҳои тарбиявӣ нигаронида шуда буд, танҳо дар Стандарти насли дуюм натиҷаҳои тарбия чунин муайян карда шуданд: ҳисси ифтихори шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, мақоми таълим, талош баҳри маърифат, тавоноии муоширатӣ, ҳисси масъулият дар рафтор ва қарордодҳо, таҳаммулпазирӣ ва ғайра. Консепсияи инкишофи маънавӣ-ахлоқӣ дар ибтидои Стандарт қарор гирифта, тарбияи шахсиятии хонандагони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода менамояд.

Стандарти насли дуюм, ба ташаккули дониш мусоидат намуда, меъёрҳои ахлоқ, нигоҳдорӣ ва устувор гардонидани солимӣ, муносибати ҳавасмандонаро ба солимии хеш, дониши омилҳои мусбиро оид ба хатар ба солимӣ таъмин менамояд [119, 17].

Дар Стандарти давлатии таҳсилоти Тоҷикистон шаклҳои фаъолият қайд гардидаанд, ки хонандаи синфҳои ибтидоӣ онҳоро бояд донад. Дар Стандарт фаъолият ҳамчун арзиши асосии таълим муайян гардидааст. Дар шароите, ки ҳаҷми ахбор дар панҷ сол ду баробар меафзояд, ба одам додани дониш не, балки ёд додани аз худ намудани донишҳои нав, шаклҳои нави фаъолият муҳим мебошад.

Дар шароити муосир ин тағйироти ҷиддӣ мебошад, ки дар дарс ва фаъолияти беруназсинфӣ диққати махсус ба шаклҳои гуногуни фаъолияти бача, иҷрои лоиҳаҳои гуногун ва корҳои эҷодӣ дода мешавад. Дар барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ натиҷаи нақшавӣ, низоми баҳогузорӣ, нақшаи таълим, махсусияти ташкили ҷараёни таълим, технологияи истифодашаванда қайд гардидааст. Асоси барномаи таълимии синфҳои ибтидоиро ташаккул додани маданияти умумии хонандагон ва салоҳияти онҳо ташкил медиҳад. Инкишофи маънавӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ, шахсӣ ва ташаккули зеҳнии хонандагон, бунёд намудани асос барои мустақилона татбиқ намудани фаъолияти таълимӣ,

таъминкунандаи бобарори иҷтимоӣ, инкишофи қудрати эҷодӣ, худинкишоф ва худнавсозӣ, нигоҳдорӣ ва пурқувват намудани солимии хонандагон дар барномаи таълимӣ ва стандарти давлатӣ баён ёфтааст.

Стандарти давлатии таҳсилот дар асоси талаботҳои «Қонун дар бораи маориф» ва ё худ «маҷмуи талаботҳо, ки дар татбиқи барномаҳои асосии таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ, хатмианд, ифода меёбад». Стандарт асосан се гурӯҳи талаботҳоро пеш мегузорад:

- талабот ба натиҷаи аз барномаи асосии синфҳои ибтидоӣ баромада;

- талабот ба таркиби асосии барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ;

- талабот ба шароити татбиқи барномаи асосии таълимии таҳсилоти ибтидоии умумӣ.

Хусусияти фарққунандаи стандарти нав дар характери фаъолиятӣ доштани он мебошад, ки мақсади асосии он инкишофи шахсиятии хонандаро дар наздаш мегузорад. Стандарт талаботро ба натиҷаи ба даст овардаи хонандагон дар азхудкунии асосҳои барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ мегузорад. Хусусияти фарққунандаи таҳсилоти ибтидоӣ аз он иборат аст, ки дар баробари хати анъанавӣ, хонандагон кор бо компютерро ёд мегирад. Вай ба чидани ҳарфҳои клавиатура ва сохтани матн оғоз менамояд, ки аз ҷиҳати педагогӣ ва методӣ ниҳоят манфиатовар мебошад [118, 65].

Дар матни омӯзиши тамоми фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ, бояд аз сарчашмаҳои гуногуни ахборӣ васеъ истифода бурда, сифати таълимро боло бардорем. Дар ин ҷо хонандагони синфҳои ибтидоӣ, бояд аз Интернет, телевизор ва дигар расонаҳо васеъ истифода бурда тавонанд. Бино ба ақидаи академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Шарифзода Ф. Интернет ба таълим мувофиқ мебошад. Ӯ истифодаи Интернетро тавассути коркарди стандартҳои нави таҳсилотӣ пешниҳод менамояд. Зимнан таъкид менамояд, ки дар раванди таълим аз донишҳои мавҷуда фаъолона истифода бурдан дар мутобиқат ба фанни таълимӣ зарур аст.

Масалан, дар давраи омӯзиши фанни забони тоҷикӣ, вақте сухан дар бораи кор бо матн меравад, навиштани он метавонад дар дарси забони русӣ ё олами атроф дар давраи омӯхтани вақтҳои сол давом ёбад. Натиҷаи ин фаъолият метавонад, шореҳи табиат, баёнгари манзараи табиат ё зуҳуроти табииро ба хонандагон ошно гардонад [124,75].

Стандарт дар баробари дар муассисаҳои таълимӣ татбиқ намудани фаъолияти дарсӣ, фаъолиятҳои беруназдарсиро низ пешниҳод менамояд. Вазифаи асосии фаъолияти беруназсинфӣ ташаккул додани шахсияти хонанда мебошад. Фаъолияти беруназсинфӣ баҳри он ташкил дода мешавад, ки шахсияти бачаро ташаккул диҳем. Мазмуни таҳсилот бояд аз ҳисоби хоҳиши хонандагон ва падару модарон ташаккул ва такмил ёбад.

Дарси анъанавӣ аз фанни хониш дар синфҳои 2-3- юм чӣ тавр гузаронида мешавад? Омӯзгор хонандаро барои нақл кардани вазифаи хонагӣ ба назди тахтаи синф даъват намояд, пас аз нақл кардани хонанда омӯзгор аз ӯ хоҳиш менамояд, ки матнро аз китоб хонад. Баъдан аз хондани матн хоҳиш менамояд, ки мазмуни онро мухтасар гуфта диҳад. Пас ба ӯ баҳо гузошта мешинонад ва хонандаи дигарро барои давом додани фикру андешааш даъват менамояд.

Пас ба хонанда баҳо гузошта, дигарашро мепурсад. Дар қисми дуюми дарс – омӯзгор мавзуи навро кушода дода, барои хона вазифа месупорад.

Акнун мувофиқи талаботи стандарти нав, зарур аст, ки пеш аз ҳама, зеҳни хонандаро ба дарк намудани олами берунӣ ва дарёфти мазмуни матн ҷалб намоем. Ба ӯ намоиш додан зарур аст, ки донишҳои дар муассисаи таълимӣ ҳосилнамудааш барои ӯ дар ҳаёти мустақилона чӣ муҳиммияте доранд. Хонанда бояд асрори оламро, ки дар раванди таълим дар муассиса ҳосил намуда буд, дар зеҳн ҷой намояд ва дар ҷои зарурӣ аз он истифода барад [125, 93].

Дарс дар шароити муосир бояд тамоман бо дигар тартиб гузаронида шавад, то ҷавобгӯи талаботи педагогӣ, методӣ ва психологӣ бошад. Дар

шароити ҳозира аз ҳама шакли паҳнгардидаи дарс методи фаҳмонидадиҳӣ- намоишдиҳӣ мебошад, ки дар он омӯзгор дар назди синф истода, мавзуъро мефаҳмонад ва баъд пурсиши интихобӣ мегузаронад.

Дар ин раванд дар робита бо тағйиротҳои мавҷуда, бояд ба ҳамкории хонандагон, омӯзгор ва тамоми синф бештар такя намуд. Хонанда бояд иштирокчии зиндаи ҷараёни таълим бошад, на шунавандаи ғайрифаъол. Омӯзгор ва муносибати ӯ ба ҷараёни таълим, эҷодкорӣ ва маҳорати касбияти ӯ, боиси кушода гардонидани тавоноии зеҳнии ҳар як хонанда гардида, зеҳн омили асосие мебошад, ки бо ташаккул ёфтани он ҳамаи захираҳои дигари хонанда метавонад рушд кунад [128,29- 30].

## Хулосаи боби якум

Мақсади асосии методҳои фаъоли таълим додани дониши тайёр набуда, балки хонандаро ба ҳосил намудан ва ба даст овардани дониш сафарбар намудан мебошад, ки омили иҷтимоӣ мебошад. Фарқияти байни «додани дониш» ва «ба даст овардан ва фаҳмидани он» ниҳоят калон мебошад ва касе, ки донишро дар шакли тайёр ноил шудан умедвор бошад, хато мекунад. Касе ба таври механикӣ донишро дар хотир нигоҳ доштанӣ бошад, бояд фаҳмад, ки он ба зудӣ дар хонанда фаромӯш мешавад. Ақли мо аз он ҳақиқат ҷудо шуда наметавонад, ки донишро барои худ исботгардида ҳисобем.

Дар ҳолати аз ҷониби омӯзгор дар дарс истифода гардидани методҳои ғайрифаъол худи омӯзгор дар дарс мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар ин ҳолат тартиби муошмрати гуфтугӯӣ бештар ҳис карда мешавад ва омӯзгор корро худаш аз рӯи нақшаи пешакӣ тартибдодашуда мегузаронад ва хонандагон ба субъекти ғайрифаъол табдил меёбанд.

Ба ҷараёни муосири таҳсилот, технологияи нави педагогӣ, шаклҳои самараноки ташкили он ва методҳои фаъоли таълим заруранд. Махсусан, дар раванди ҷаҳонишавии таҳсилот, талаботро ба ворид намудани методҳои фаъол дар таълим ва фаъолияти инноватсионӣ ва дар беҳдошти сифати таълим ва ташаккули муносибати босалоҳияти иҷтимоӣ дар назди тамоми зинаҳои таҳсилот мегузорад. Истифодаи дурусти методҳои фаъоли таълим имконият медиҳад, ки на танҳо комёбиҳои фаннӣ, балки байнифаннӣ ва шахсиятиро дар мувофиқа бо Стандартҳои давлатии таҳсилотии Тоҷикистон соҳиб гардем.

Дар раванди фаъолият бо методҳои фаъоли таълим мо бояд ба саволҳои зерин ҷавоб дода тавонем: Таълими фаъол худаш чӣ маъно дорад? Он ба чӣ нигаронида шудааст? Аз он мо чиро интизорем? Тавассути он ба кадом дастовардҳо ноил гардидан мехоҳем?

Таълими фаъол- ин, пеш аз ҳама, таълими муошмратӣ мебошад, ки дар раванди он ҳамкории омӯзгор бо хонандагон рӯй медиҳад.

Ҳамкории омӯзгор бо хонанда бе боварӣ шуда наметавонад ва худи боварӣ омили асосии рушду ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ мегардад. Кадом метод ва усуле набошад, ҳамон вақт ба муваффақият ноил мегардад, ки ҳамдигарфаҳмӣ ва боввариро ба вуҷуд оварда тавонад.

Бояд иқрор шуд, ки таълими фаъол- ин шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон мебошад. Бе фаъолияти маърифатӣ салоҳияти иҷтимоиро ташаккул додан ғайриимкон мебошад. Моҳияти таълими фаъол дар он мебошад, ки ҷараёни таълим тарзе ташкил карда мешавад, ки тамоми хонандагон дар мувофиқа бо Стандартҳои давлатии Тоҷикистон ба донистан ҷалб карда мешаванд. Тавассути таълими интерактивӣ онҳо имконият пайдо менамоянд, ки маводи барномаи таълимиро фаҳманд ва оид ба он чизе медонанд ва фақр мекунанд, андешаашонро озодона баён намоянд.

Дар синфҳои ибтидоӣ яке аз методҳои беҳтарин ва манфиатнок ташкил ва инкишоф додани муошири байниҳамдигарии хонандагон мебошад. Ин метод онҳоро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамтаъсиррасонӣ дар ҳалли якҷояи вазифаҳои умумӣ ва моҳиятнок барои ҳар як иштирокчии ҷараёни таълим бурда мерасонад.

Таълими фаъол ҳукмронии як фикру андешаро ба фикру андешаи дигар тарафдорӣ наменамояд. Дар он бештар муқобилгузорӣ, муқоиса дида мешавад, ки боиси ҳосил гардидани чизи пешқадам мегардад. Дар раванди муошират тафаккури танқидии хонандагон инкишоф ёфта, аз банди таълими анъанавӣ раҳо меёбанд. Дар натиҷаи таҳлили ҳолати ҳал кардани вазифаҳои мураккаб ва ахбори мувофиқ, ба озмудани фикрҳои алтернативӣ оғоз намуда, ба коркарди қарори пухта кӯшиш менамоянд, ки ба иштибоҳ роҳ надиҳанд. Дар чунин ҳолат дар байни онҳо баҳс ва муоширатҳои самаранок оғоз мегардад, ки ташаккулдиҳандаи салоҳияти иҷтимоӣ-маърифатии хонандагон мебошад.

Барқарор гардидани сифатҳои шахсиятии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз омӯзгор, аз лаёқати педагогии ӯ, маҳорати методии ӯ ва сифатҳои шахсиятиаш вобаста мебошад. Мақсади стратегии сиёсати

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф- баланд бардоштани дастрасии таҳсилоти босифат, ҷавобгӯи талаботи инкишофи инноватсионии иқтисод, талаботҳои муосири ҷамъият ва ҳар як шаҳрванд иборат мебошад.

Дар ин раванд заруият ба вуҷуд омадааст, ки дар омӯзиши чуқури роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ ва ҳал намудани мухолифатҳои дар ин раванд ҷойдошта, саҳмгузорӣ намоем. Мухолифат байни зарурияти фаъолона ворид намудани навгонӣ дар таҷрибаи педагогӣ, таркиб ва мазмуни ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар кори иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дида мешавад.

Мафҳуми "инноватсия" дар илм аз охири асри Х1Х дар асарҳои иқтисодчиён ва маданиятшиносон пайдо гардидааст. Навгонӣ— натиҷаи таҳқиқотҳои заминавӣ, коркард ё корҳои озмоишӣ дар ким кадом соҳаи фаъолият баҳри баланд бардоштани самаранокии он гузаронида мешавад.

Навгониро дар шакли ихтироъкорӣ; патентҳо; нишонаи молӣ; пешниҳоди ратсионализаторӣ; ҳуҷҷатҳо барои маҳсулоти нав ё такмилдода қайд намудан мумкин аст. Навгонӣ, аз он ҷумла стандарт, тавсия, методика, дастур; натиҷаи таҳқиқоти маркетингӣ мебошад.

Корҳои инноватсиониро дар муассисаҳои таълимӣ бидуни ба инобат гирифтани самтҳои асосии инкишофи таҳсилоти муосир, ки дар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидаанд, татбиқ намудан мумкин нест.

Дар ин ҷо бояд ҳамкории байниҳамдигарии хонандагонро фаромӯш нанамоем ва тадбире андешем, ки он инкишоф ёбад, ки дар ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ мақоми хоса дорад. Омӯзгор бояд дар хотир дошта бошад, ки дар миёни иштирокчиёни зиндаи ҷараёни таълим қарор дорад. Хоҳиши онҳоро ба инобат гирифта, муҳаббат ва дилбастагии онҳоро ба фанҳои таълимӣ бедор намуда, муносибатро ба ҷараёни таълимӣ- тарбиявӣ демократӣ ва башардӯстона гардонад…

# БОБИ II. МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИҶТИМОИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 2.1. Амсилаи истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва натиҷанокии он дар дарси муосири синфҳои ибтидоӣ

Мо дар фаъолияти кори омӯзгории хеш шаклҳои фаъоли таълимро дар синфҳои ибтидоӣ ин тавр татбиқ менамудем: кор бо ҷуфтҳо, кор бо гурӯҳҳои хурд ва калон, корҳои фардӣ бо ҳар як хонандаи алоҳида. Бо тарзу усул ва фикру андешаи дигар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят мулоҳизакорона муносибат менамудем, ки ба андешаҳоямон дар бораи истифодаи технологияи фаъоли таълим мухолиф буданд.

Табиист, ки методҳои фаъоли таълим аз омӯзгор меҳнату заҳмат ва дида баромадани бисёр муносибатҳои одаткардаро талаб менамояд. Масалан, дар назари аввал ворид намудани муошırати озоди хонандагон дар синф байни ҳамдигар осон менамояд. Аммо бе эҳтироми ҳамдигарӣ, бе маҳорати ба ҳамдигар гӯш дода тавонистан, бе роҳбарии дурусти умумӣ дар гузаронидани дарс ягон чизи фоидаовар ба даст намеояд. Дар ин масъала дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот вуҷуд надорад, зеро ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи эҳтиром ба калонсолон ва гӯш кардан ба андешаи онҳо дар оила тарбия ёфтаанд.

Дар раванди ворид намудани методҳои фаъоли таълим мушкилот бештар дар сершумор будани теъдоди хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳис карда мешавад. Аз ин рӯ, зарур меояд, ки омӯзгор аввал худаш методҳоро омӯхта, тарзи истифодаи онҳоро аз бар намуда, баъд дар амал татбиқ намуда, натиҷаашро хулосабарорӣ намояд.

Ниҳоят нозукона ва пайгирона дар синф онро татбиқ намуда, рафтору кирдори хонандагонро мушоҳида намояд. Ба зудӣ ба он боварӣ ҳосил менамояд, ки муносибати ҳамкории боварибахши хонандагони синф ташаккул ёфта, хонандагон дар дарс торафт фаъолтар гардида истодаанд.

Агар пештар мо бештар кӯшиш менамудем, ки хонандагонро бовар кунонем, ки дар ҳақиқат чунин аст, акнун чунин намекунем, барои он ки ҳисоб мекунем, ки ҳар як кас ба доштани андешаи шахсӣ нисбати ин ё он масъала, ҳақ дорад. Дар асоси муносибати демократӣ бо хонандагон ҷараёни таълим метавонад озодбаёнӣ, озодандеширо тақвият бахшад. Агар андешаи хонанда далелнок бошад, аз он хурсандӣ намудан зарур аст, ки хонандагон андешаи хешро озодона ба муҳокима гузошта ба ин ё он савол ҷавоби дилхоҳ медиҳанд [26, 33-34].

Таълими интерактивӣ аз забони англисии "interact"– гирифта шуда, маънояш дар зери таъсир қарор гирифтан, амал кардан ба ҳамдигар; таълим тавассути иштирок, таъсир расонидан дар гурӯҳи ҳайаташ тағйирёбанда мебошад.

Мо раванди дарсгузарӣ ва таълимро ҳамон вақт фаъол гуфта метавонем, ки байни хонандагон, инчунин, байни хонандагон ва омӯзгор дараҷаи баланди ҳамкорӣ вуҷуд дошта бошад. Чунин ҳамкориҳо одатан дар давраи муҳокимаи масъалае рӯй медиҳанд, ки барои ҳал намудани он таклифи пешниҳодгардида то кадом андоза боиси дастгирӣ мебошад. Мушкилот дар нарасидани омӯзгорони касбӣ ва омодагии пасти хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Озмоиш собит месозад, ки аксари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ омӯзгорони ғайрикасбӣ ё бе омодагии кор бо синфҳои ибтидоӣ мебошанд [2, 56].

Дар ин ҷо фаҳмидан зарур аст, ки мушкилоти ҳалли масъала низ нисбат ба ҷавоб бар он муҳиммият пайдо менамояд. Ин ба он робитаманд мебошад, ки мақсади методҳои фаъоли таълим, на танҳо додани ахбор, балки дар хонандагон бедор намудани маҳорати ҷавоб пайдо намудан ба саволҳо мебошад.

Ҳайати миқдории хонандагони гурӯҳ, сифати таълим ва ҳамкориро муайян карда наметавонад. Хосияти калидии методи «ҳамкорӣ» аз он иборат аст, ки ҷараёнро ошкоро намоиш дода, моҳияти он тавассути боварӣ ва ҳамкорӣ зоҳир ёбад.

Омӯзгороне, ки аз методҳои фаъоли таълим дар фаъолияти хеш бештар истифода мебаранд, боварӣ доранд, ки таълим танҳо тавассути ҳамкорӣ бобарор мегардад. Онҳо ҳисоб мекунанд, ки дар чунин ҳолат хонандагон тезтар мехонанд ва бештар дар хотир нигоҳ медоранд он чиро, ки дар раванди баҳс шунидаанд. Ин вазъият бо сабабҳои зерин рӯй медиҳад:

- хонандагон на танҳо ахборро ба даст меоранд, балки онро шарҳи мантиқӣ дода, мефаҳмонанд, ки барои чӣ роҳи ҳалли он ва худи ҳал беҳтарин восита мебошад;
- хонандагон андешаи шахсии хешро чуқур коркард намуда, медонанд, ки баҳсу мунозираро бо ҷамъбаст анҷом додан ва ба он омода гардидан зарур аст;
- хонандагон дар давраи ҳалли проблема аз таҷрибаи хеш ва бегона истифода мебаранд. Фонди умумии дониши баъзе хонандагон аз дониши хонандагони ҷудогона зиёд аст;
- омӯзгор низ метавонад дар ҷараёни дарс аз хонандагон чизи наверо дониста гирад ва онро такмил диҳад.

Дар бисёр синфҳо баъзан чунин мешавад, ки омӯзгор танҳо бо хонандагони беҳтарин кор мебарад, боқимондагон хомӯш меистанд ва ягон амалеро иҷро наменамоянд. Рафти корҳои озмоишӣ дар синфҳои ибтидоӣ собит сохт, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бештар бо хонандагоне сарукор мегиранд, ки пешқадаманд. Мо инро дар давраи ворид гардидан ба дарси дигар омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисахои таълимӣ ва такягоҳӣ мушоҳида намудем. Хонанда бояд дар дараҷаи муайян ба омӯзгор боварӣ дошта бошад, ки ихтиёран барои дар назди аҳли синф ҷавоб додан даъват карда мешавад. Махсусан, агар савол ба кушода додани ягон далел мансуб бошад ва хатари ба он ҷавоби нодуруст додани хонанда дарк гардад, омӯзгор бояд тадбире андешад, ки хонанда аз он дилхунук нагардад. Мумкин, шумо дар ибтидо аз барқарор намудани ҳамкорӣ бо баъзе хонандагон саркашӣ

кунед, то даме, ки онҳо ба саволи «Шумо чӣ фикр доред?» ба ҷои саволи анъанавии «Оё шумо медонед?» одат накунанд. Дар якҷоягӣ бо ин тамоми такяро ба қавӣ гардидани ҳамкории байни ҳамдигарии хонандагон равона намудан зарур аст [10, 33-34].

Барои бо тамоми майлу хоҳиш баён намудани андеша ва ақидаи хонандагон, омӯзгор метавонад аз усулҳои манфиатовар бештар истифода барад:

1) омӯзгор ташаккур гуфтанро ба хонанда барои ибрози андешааш фаромӯш нанамояд;

2) омӯзгор набояд гӯяд, ки ҷавоби додаи хонандаро нодуруст меҳисобад, ба ҷои он пурсад, ки шумо бо нуқтаи назари дигар хонандагон розӣ ҳастед. Агар маълум гардад, ки тамоми синф моҳияти саволро нодуруст фаҳмидаанд, дар он ҳолат омӯзгор метавонад нуқтаи назари хешро иброз намояд. Бо ҳамин усул рафтор кардани омӯзгор зарур аст, ки хонандагон наранҷанд.

3) омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд кӯшиш намояд, ки бештар хонандагони ғайрифаъолро интихоб намояд. Баъзан гурӯҳе аз хонандагон ғайрифаъол менамоянд, аммо онҳо фикру андешаи ниҳоят баланд ва фавқулода доранд. Ин гурӯҳи хонандагон синфро маҷбур менамоянд, ки ба ҳалли масъала дигар хел назар кунанд [10, 22-23].

Ба мо зарур аст, ки хулосабарориро омӯзем, муайян сохта тавонем, ки бо айби кӣ бисёре аз хонандагон қафомонда гардидаанд. Дар методҳои фаъоли таълим ба монанди тамоми дигар методҳои дарсгузарӣ, усулҳои сершуморе мавҷуданд, ки ташкил ҳамкориро дар гурӯҳ ривоҷ медиҳанд.

Ин усулҳоро ба таври зерин табақабандӣ менамоем:

1. Монандӣ / фарқият
2. Ороиш (Ранжирование)
3. Ҷустуҷӯи мутобиқат
4. Рейтинги сифат
5. Табақабандӣ

6. Умумигардонӣ
7. Дуруст / нодуруст
8. Дуруст ё тағйиротро мехоҳад
9. Бартарӣ ва норасоӣ
10. Муайян намудани пайдарҳамӣ
11. Шумо чӣ фикр доред?
12. Таҳқиқ ва ҳисобот
13. Бозиҳои нақшӣ
14. Ҳуҷуми зеҳнӣ
15. Мубоҳиса, баҳс (Дебаты)

Шаклҳои дигари супоришҳое мавҷуданд, ки метавонанд фаъол бошанд ва он аз эҷодкории омӯзгор вобаста аст. Дар бисёр муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар синфҳои ибтидоӣ нарасидани омӯзгорони соҳибкасб ҳис карда мешавад, ки ин ба ворид намудани технологияи нави таълим халал мерасонад [28, 123].

Биёед, ҳозир мо ҳамроҳи шумо дар мисоли ороиш, вазифаи зеринро иҷро менамоем «Барои ман чӣ муҳим аст?». Ба худ тасаввур намоед, ки шумо барои саёҳат ба ҷазираи аз худ нашуда рафтаниед. Метавонед бо худ панҷ чизро аз рӯйхати умумӣ интихоб намоед: шишаҳои об, қутбнамо, чатр, харита, ресмон, ручка, китоб, нон, айнак, калапӯш. Аз рӯйхат панҷ чизро интихоб намуда, онҳоро аз рӯи муҳиммияташон ба борхалта гузоред.

Дар раванди иҷрои ин кор аз хонандагон талаб карда мешавад, ки ба муҳиммият ва номуҳиммии ин ашёҳо нисбати ҳамдигар фикру андешаашонро баён намоянд. Дар ин ҷо як хонанда илова менамояд, ки мо чизи асоситарин- гӯгирдро фаромӯш кардем. Бе он мо ба сафар ба ҷазираи кашфношуда рафта наметавонем. **Баъдтар аз усули ҷустуҷӯи мувофиқат.** Дар давраи иҷрои ин супориш аз хонандагон муайян намудани мувофиқати калима ё ифодаҳоро талаб менамоем. Ин супориши хубест барои мустаҳкам намудани мазмуни мафҳумҳо.

Дар синфҳои ибтидоӣ боз мутобиқи андешаи мо ҳамчун таҳқиқотчии проблема бозиҳои ниҳоят ҷолиб, ба монанди «Театри тасвирӣ», «Идоракунии эҳосоти ман», «Чароғаки раҳнамо» мавҷуданд, ки ин бозиҳо метавонанд тафаккури шахшудаи хонандагонро ташаккул дода, нимкурраи чапи мағзи сари онҳоро фаъол гардонида, тафаккурашонро рушдёбанда гардонад, ки таблитсаҳои зерин шарҳ дода шудаанд:

| *Тафаккури шахшуда* | |
|---|---|
| **Навъи тафаккур** | **Татбиқ** |
| - Муваффақият табиатан ба даст меояд<br>- Дастоварди бидуни хушҳолӣ<br>- Таваҷҷуҳ ба баҳо равона шудааст<br>- Зеҳн шахшуда аст | - Аз мушкилиҳо дурӣ меҷӯяд<br>- Таваҷҷуҳ аз байн меравад, вақте фаолият хуб иҷро намекунад<br>- Роҳ додан ба хатогӣ ба талаба таъсир мерасонад, ба ӯ"тамға" мегузорад<br>- Вақте ба хатогӣ роҳ медиҳад, камтар кӯшиш мекунад |

| **Тафаккури рушдёбанда** | |
|---|---|
| **Навъи тафаккур** | **Татбиқ** |
| - Муваффақият аз саъю кӯшиш ва заҳмат меояд<br>- Аз омӯзиш баҳравар мегардад<br>- Барои ба мақсад расидан, саъю кӯшиш ва амалия мутаммарказ мешавад:<br>- Инкишофи ақлонӣ метавонад тавассути омӯзиш тағир ёбад | - Мушкилотро дӯст медорад ва паси сар мекунад<br>- Ҳангоми душворӣ таваҷҷӯҳро аз даст намедиҳад<br>- Нокомиро  роњи њалашро меёбад<br>- Агар муваффақ нашавад, бештар мехонад |

Аз ин бармеояд, ки рушди тафаккур замина барои аз худ кардани салоҳиятҳо аз ҷониби наврасон мебошад. Он бо тавонмандсозӣ, ситоиш

ва ибрози фикру мулоҳизаҳо такмил дода мешавад ва  аз ҷониби муҳаққиқон дар тамоми давраи омӯзишӣ мавриди назар қарор дода шуд.

**Усули дигар дар инкишофи ҳаматарафаи хонандагони синфҳои ибтидои рейтинг мебошад.** Ба монанди ороиш дар ин машғулият аз хонандагон талаб карда мешавад, ки баъзе тасдиқот ва меъёри рейтинги онҳоро дар шакли баҳо дида бароянд. Онҳо бояд ба хулоса оянд, ки ба ҳар як пешниҳод кадом рейтинг дода мешавад. Ҷавоб ба чунин шакли супоришҳо дар андешаҳои шахсӣ бисёр баҳсу мунозираро пеш меорад.

Барои муайян сохтани хонандагон, ки то кадом андоза ба саволҳои мавҷуда сарфаҳм рафтаанд, ниҳоят муҳим мебошанд. Аммо барои баҳогузории дониши онҳо истифода бурда намешаванд.

**Супориш аз афсонаҳои халқи тоҷик**

**Ҷадвали 2.**

| | Андешаи хонандагон | Андешаи шумо |
|---|---|---|
| | Афсонаҳои халқи тоҷик, осон хонда ва фаҳмида мешаванд ва тамоми хонандагон онҳоро дӯст медоранд | Ҳа |
| | Афсонаҳоро ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон мехонанд ва дӯст медоранд | Ҳа |
| | Афсонаҳо саропо саршори муъҷиза мебошанд | Ниҳоят |
| | Афсонаҳо ҳамеша бо хурсандӣ анҷом меёбанд | на ҳамеша |
| | Ман ҳам метавонам афсона нависам | Мумкин |
| | Ман метавонам афсонаҳои русиро хонда бо забони тоҷикӣ нақл кунам ё тарҷума намоям | Ҳа |
| | Афсонаҳои халқиро қисса намудан мумкин нест | ҳа. |
| | Ман афсонаҳои халқи тоҷикро дӯст медорам | на танҳо ту |
| | Ман афсонаҳои халқи тоҷикро ба забони русӣ тарҷума карда ва гуфта метавонам | Ҳа |

Дар давраи иҷро намудани чунин усул хонандагон бо диққат мушоҳида намуда, машқро иҷро менамоянд, ба он таваҷҷуҳ менамоянд, ки дуруст ё нодуруст ҳал намудаанд. Ин тарзи беҳтарини мустаҳкамкунии фаҳмиши куҳнаи хонандагон буда, онҳоро барои

ҷустуҷӯи ҷавоби дуруст сафарбар менамояд. Барои дарёфти ҷавоби дуруст онҳо ҳуҷҷатҳои заруриро кофтукоб намуда, такрор ва дарку омӯзиши забони русӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инкишоф меёбад. Дар ин раванд, одатан бисёр мубоҳисаҳо бармехезанд.

**Ҷадвали 3.**

| № | Машқ | Дуруст - Нодуруст |
|---|---|---|
| 1 | Мирсаид Миршакар шоири бузурги халқи тоҷик мебошад | Дуруст |
| 2 | Афсонаҳои халқи тоҷикро ба ман бори аввал модарам хонда доданд | Дуруст |
| 3 | Афсонаҳо- худ дар худ нақлҳои бофташуда мебошанд | Дуруст |
| 4 | Ҳар як афсонаи халқӣ характери тарбиявӣ дорад | Дуруст |
| 5 | Инсон дар зери таъсири афсона метавонад хулоса барорад | Дуруст |
| 6 | Афсонаҳо ҳамеша характери тарбиявӣ – ахлоқӣ доранд | Дуруст |

Дар давраи иҷрои ин супориш хонандагон ба машқ нигоҳ карда тасдиқ менамоянд, ки ҳақанд ё ноҳақ. Агар он тавр набошад, машқро тарзе рӯйбардор намоянд, ки ба дурустии он боварӣ доранд.

**Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки дар чунин шакл “Хатоҳояшонро ислоҳ кунанд”:**

(Пешниҳоди 1)

1. Велосипед ду чарх дорад.
2. Ба гов алаф дода, шир мехӯранд.
3. Дар қишлоқи мо китобхона ҳаст, аммо участкаи милитсия нест.

Дар ин супориш ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки як қатор таснифотро аз рӯи дараҷаашон табақабандӣ намоянд. Тавассути он хонандагон бештар дар бораи моҳияти дараҷаи пешниҳоднамуда дониш ҳосил менамоянд.

**Супориш дар бораи “Мафҳумҳои умумӣ”**

(Пешниҳоди 2)

**Пойтахт, сабз, дарзмол, замин, дӯстона, санг, сурудан, гарм, бозӣ, хушнудӣ.**

Категория:

1. Исм
2. Ҷонишин
3. Феъл

Дар раванди иҷрои ин супорш ба хонандагон зарур меояд, ки фикр кунанд, ки чӣ тавр ин хел мешавад. Дар ин ҷо андешаҳои гуногун пайдо мешаванд. Пас аз ин хонандагон кӯшиш менамоянд, ки дар асоси фаҳмиши хеш, машқро иҷро намоянд. Ба кори онҳо дахолат кардан заруият надорад. Мақсади чунин шакли дониш- шинос намудани хонандагон ба нуқтаҳои назари гуногун ва пайдо намудани мушкилот мебошад. Дар робита ба мавзуъ, онҳоро ба он оварда расонидан зарур мебошад, ки андешаи шахсии хешро ҳосил намоянд.

**Супориш “Афсонаҳои халқи тоҷик ба мо чиро меомӯзанд?”** Хонандагон кӯшиш менамоянд, ки ба саволи гузошташуда тез ва ҳушёрона ҷавоб диҳанд. Омӯзгор дар натиҷаи он бояд зиракию ҳушёрии хонандагонро муайян намояд. Омӯзгор барои ҳосил намудани боварии хонандагон чунин илова менамояд, ки ҷавоби киро шумо бештар дуруст ва ба ҳақиқат наздик меҳисобед?

**Мансур:** Гӯед, афсонаҳои халқи тоҷик ва афсонаҳои Пушкин ба мо ҳалимиро меомӯзонад, ки мо дар дақиқаҳои мушкил ба ёрии ҳамдигар оем. Дар ин ҷо мо мушоҳида менамоем, ки дар Мансур ба таври қатъи дуруст талаффуз намудани калима ташаккул наёфтааст. Дар чунин ҳолат ба омӯзгор зарур меояд, ки корро ба ислоҳ кардани нутқи Мансур ва хонандагони ба ӯ монанд ба роҳ монад.

**Аскар:** Ман дар ин бора ягон бор фикр накарда будам. Одатан мехонам, ки ба саволҳо ҷавоб дода, баҳои хуб гирам. Аммо кадом моҳияти тарбиявиро ноил будани афсона ба ман фарқ надорад. Акнун фаҳмидам, ки афсонаҳо дорои хусусияти тарбиявӣ-ахлоқӣ будаанд ва ба кас таъсир расонида метавонистаанд.

**Анзурат:** Афсонаҳои халқи тоҷик ва Пушкин, ки бо забони тоҷикӣ тарҷима гардидаанд, хело шавқовар мебошанд. Онҳо аз лаҳзаю тасвири манзараҳои аҷиб таркиб ёфта, хонанда наметавонад аз онҳо ҷудо шавад. Китоби афсонаҳоро ба даст гирифта, кас интизор мешавад, ки канӣ, бинам дар давоми афсона чӣ ҳодисаҳои аҷибе рӯй медиҳанд. Ҳамин тавр, хонанда чӣ тавр гузаштани вақтро ҳис накарда мемонад ва ин оҳиста-оҳиста боиси ба одат табдил ёфтани китобхонӣ мегардад. Ин одат бошад дар ташаккули маърифати хонандагон ниҳоят нақши муҳим дорад. Афсонаҳо ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ хаёлоти рангин, тасаввуроти бой, ҳиссиёти ҳақиқӣ, муҳаббат ва садоқатро парвариш менамоянд.

**Саодат:** Ман фикр мекунам, ки афсонаҳои халқи тоҷик ва афсонаҳои Пушкин ба мо бисёр чизҳоро меомӯзонанд. Дар онҳо сухан асосан дар бораи муҳаббат ба табиат, ҳайвонот, наздикон, дилсӯзию накукорӣ нисбат ба муҳтоҷону дармондагон меравад. Афсонаҳо ба кӯдакон нотарсӣ ва далериро талқин намуда, характери омӯзишӣ ва пайравӣ доранд.

Масалан, дар давраи хондани афсона кӯдакон мушоҳида менамоянд, ки кампири ҳарис аз ҳама бойигарӣ маҳрум гардида, бо тағораи шикаста монд. Ин ҳолат хонандагонро водор менамояд, ки андеша намуда, хулосаи шахсии хешро дар бораи хасисӣ ва ноқаноатмандӣ бароранд.

Аз ин мебарояд, ки тасдиқ намудани он, ки методҳои фаъоли таълим нисбат ба методҳои анъанавӣ беҳтаранд ё бадтаранд хато мебошад. Ин баробарвазни он мебошад, ки дар сохтмони хона ким кӣ тасдиқ менамояд, ки болға аз арра муҳимтар мебошад. Дар таҷрибаи амалӣ дар 45 дақиқаи дарс шумо метавонед 5 ё 6 методи гуногунро истифода баред.

Мутахассиси баландмоя, омӯзгор ё дуредгар медонад кай ва дар куҷо, барои бобарор иҷро намудани вазифаи гузошташуда дастгоҳҳои гуногунро истифода намояд. Дида баромадани мақсадҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ аз инкишофи илмӣ- техникии кишвар вобастагӣ дорад. Мақсади таҳсилоти ибтидоӣ аз хонандагони синфҳои ибтидоӣ

маҳорати гузаронидани донишро ба вазъияти нав, тафаккури интиқодӣ, зоҳир намудани амалҳои эҷодӣ, инкишофи тавоноӣ, ба нақша даровардани фаъолияти таълимӣ, назорат ва баҳо додани натиҷаи таълим талаб карда мешавад [101, 300].

Имрӯз дар низоми таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мушкилотҳо мавҷуданд:

- байни муносибати муътадили хонанда ба фаъолияти таълимӣ ва дар дараҷаи баланд дарк накардани мақсадҳои таҳсилот;

- байни барқарор гардидани мавқеи субъективӣ ба ҷараёни таълим ва мавҷуд набудани таҷрибаи гузориши мақсадҳои таълимии хеш ва татбиқи онҳо;

- байни омодагии татбиқи интихоби фаъолияти хеш ва маҳдудияти ин ҳуқуқ дар фаъолияти мактабӣ.

Ҳамин тавр, тамсилаи пешинаи таҳсилоти ибтидоӣ, ки майл ба баёни ахбор дошт, имрӯз таҷриба нишон медиҳад, ки ба талабот чандон ҷавобгӯ нест. Имрӯз талаб карда мешавад, ки хонанда тарзи ҳосил намудани ахбор, коркард ва истифодаи онро дошта бошад.

Педагог ва методистони немис аз методҳои алтернативӣ истифода бурда, мустақилият ва андешаҳои эҷодии хонандагонро инкишоф медиҳанд, ки раванди иҷтимоишавиро осон мегардонад. Дар таҷрибаи мактабҳои немисӣ «методи лоиҳа»-и Д. Дьюи ва «кори озод»-и С.Френе бобарор ба инобат гирифта мешаванд. Он имконият медиҳад, ки соҳаҳои гуногуни тафаккури маърифатии инсонӣ ба таври тафриқавӣ дастрас карда шавад [124, 133].

Фикр мекунем, вақти он расидааст, ки дар Тоҷикистон низ ба проблемаи коркарди курсҳои тафриқавӣ рӯ биёрем ва аз таҷрибаи методи фаъол дар синфҳои ибтидоӣ самаранок истифода барем. Бо ин мақсад омӯзгори муосир, бояд ҳал кардани вазифаҳои зерини дидактикиро ёд гирад ва донад:

- тарзи амалии истифодабарии донишро дар вазъияти нави нестандартӣ тавонад;

- дар хонандагон ташаккул додани маҳорати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ бо истифода аз «таҳқиқотҳои касбӣ ва иҷтимоӣ»;

- майл кунонидани мазмуни таҳсилоти ибтидоӣ ба инкишофи салоҳиятҳои калидии иҷтимоӣ;

- истифодаи шакли амалӣ- майлкунии ташкили фаъолияти беруназдарсӣ;

- аз рӯи арзиш баҳо додан ба дастовардҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар мо камтар мушоҳида мегардад.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда аз ҷониби мо дастури методӣ оид ба «Проблемаҳои мубрами таҳсилоти ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба донишҷӯён имконият медиҳад дар факултети педагогика ва методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ методология, назария ва методикаи ташаккули таҷрибаи самараноки кор бо синфҳои ибтидоиро омӯзанд. Дар шароити муосир мақсади дарси замонавӣ на он қадар тағйир ёфтааст ва на танҳо, аз ҳосил намудани маҷмуи дониш, малака ва маҳорат иборат мебошад, балки аз омода намудани хонанда ҳамчун субъекти масоҳати таҳсилотии хеш ба иҷтимоишавӣ мебошад. Ин вазифаҳо даҳсолаҳо мешавад, ки дар назди дарс бе тағйир боқӣ мемонанд: ин чун пештара тарбия ва инкишофи шахсият мебошад, ки воситаи асосии он фаъолияти маърифатӣ боқӣ мемонад [125, 36].

Фарқияти байни «додани дониш» ва «ба фаҳмидан мушарраф гардидан» ниҳоят калон мебошад. Ба таври механикӣ дар хотири хонанда нигоҳ доштани дониш ба тезӣ ба фаромӯш кардан оварда мерасонад. Ақли мо аз он ҳақиқатҳое ҷудо шуда намехоҳад, ки барои худ исботгардида меҳисобем. Аз ин рӯ, донишҳои даркгардида ва ҳаматарафа дар таҷрибаи ҳаётӣ санҷидашуда дастоварди ҳақиқии инсоният ба шумор меравtotalitarianand. Ҷадвали мазкур ба таври аёнӣ намоиш медиҳад, ки аз худ намудани маводи таълимӣ, аз дараҷаи шавқу ҳаваси хонанда ба ҷараёни маърифат вобаста мебошад. Омӯзгор бояд роҳу

воситаҳоеро ёбад, кашф намояд, ки майлу хоҳиши хонандагони синфҳои ибтидоиро ба таълим бедор ва баланд бардошта тавонанд.

Дар таҷрибаи фаъолияти омӯзгорӣ дар синфҳои ибтидоӣ, методҳои гуногун ва шаклу усулҳои зиёди таълим: аз қабили, методҳои анъанавӣ, ғайрифаъол, фаъол истифода бурда мешавад, ки дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ салоҳиятнокии иҷтимоиро ташаккул диҳанд.

**Ҷадвали 4.**

| **ДАР ХОТИР ДОШТАН** | | **ДАРАҶАИ ҶАЛБНАМОИИ ХОНАНДАГОН БА МАЪРИФАТ** |
|---|---|---|
| **10% маводи хониш** | **Қабули калима** | **Сохтани калима** |
| **20% он чиро, ки мешунаванд** | **Намоиш** | |
| **30% он чиро, ки мебинанд** | **Кино, намоишгох, мушоҳидаи ҷараён** | |
| **50% он чиро, ки мебинанд ва мешунаванд** | **Ширкат дар суҳбат ва баҳс** | **Сохтани калима аз чизи шунида** |
| **70% он чиро, ки мегӯянд** | **Талаффузи такрорӣ, такрори амали воқеӣ** | **Ширкат ва қабул** |
| **90% онро, ки мегӯянд ва иҷро менамоянд** | | **Фаъолияти шахсӣ** |

Дар давраи баргузор намудани дарс тавассути методҳои ғайрифаъол омӯзгор дар дарс мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар ин ҷо мавқеи асосиро тартиби муоширати гуфтугӯӣ ташкил медиҳад. Омӯзгор худаш кор ва ахбори зарурирo таъмин намуда, нақшаи дарсро пешакӣ месозад. Хонандагон дар чунин дарсҳо ва методҳои ғайрифаъол ба объекти таъсиррасонии калонсолон табдил меёбанд.

Бенжамин Блум ба хотир меорад: «Мақсади таҳсилоти муосир тағйир додани фикр, ҳиссиёт ва фаъолияти кӯдакон мебошад. Натиҷаи охирини таълим пайдоиши арзишҳои ахлоқӣ ва боварӣ мебошад». Албатта, дар педагогика ва психология қонунҳои умумии инкишофи хонандагон мавҷуданд, аммо ифодаи мушаххаси ин қонунҳо дар робита ба он ки таълим чӣ тавр ба роҳ гузошта шудааст, тағйир меёбад, [94,9].

Ба андешаи Ҷ.Дюи «Таълим- ин ҷараёни ҷамъиятӣ мебошад. Таълим- ин инкишоф. Таълим- ин омодагӣ на ба ҳаёт; таълим- ин худаш ҳаёт мебошад». Албатта, таълим ва зарурияти он талаботи ҳаёт ва мавҷудияти инсон мебошад, ки дар тамоми давраҳои мавҷудияти инсон дар шаклҳои ба худ хос вуҷуд дошт ва дорад.

**Ҷадвали 5 (методи ғайрифаъол)**




Ба ҷадвали мазкур нигаред, мебинед, ки дар методҳои ғайрифаъол ҷойи асосиро омӯзгор ишғол менамояд, ки дар он робита ва ҳамкорӣ умуман, мушоҳида карда намешавад. Дар давраи истифода бурдан аз методҳои фаъоли таълим дар дарсҳо, аз методи муҳокимаи мушкилот васеъ истифода мебаранд. Хонандагон акнун шунавандаи ғайрифаъол не, балки метавонанд савол дода, ба ҳалли он дахолат намоянд, роҳи ҳалли хешро пешниҳод намоянд. Дар чунин дарсҳо ин ё он проблема дар натиҷаи муҳокимаи якҷоя ҳал карда мешавад.

Баланд гардидани сифати таълим, дар асоси маҳорати истифода бурда тавонистан аз методҳои фаъоли таълим, ки тағйир додани

характери машғулиятро талаб менамоянд, муайян мегардад. Дар шароити муосир муътадил гардонидани дарсҳои анъанавӣ ҳамчун тарзи додани дониши тайёр дар шакли гуфтугӯ ва мубодилаи афкор рӯй медиҳад. Тавассути методҳои фаъоли таълим омӯзгор метавонад дарсро зеботар гузаронад ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз он манфиати бештар бардоранд.

Виготский Л.С. мегӯяд: «Дониши устувор ва фаҳмишро ҷамъият тавассути муошират, фаъолият ва ҳамкорӣ, бо роҳи ҳалли мушкилотҳои мушаххас ноил мегардад». Калимаи «интерактивность» ба мо аз забони лотинии «interactio», гузашта, ифодакунандаи «inter» – «ҳамкорӣ, байни» ва «actio» фаъолият мебошад.

**Ҷадвали 6** (методҳои фаъол)

Субъектҳои таълим ва тарбия дар методҳои фаъол инҳоянд:




Методҳои фаъоли таълим-низоми қоидаҳои ташкили таъсири самараноки фаъолияти хонандагон байни ҳам ва бо омӯзгор дар шакли таълимӣ, корӣ, бозиҳои нақшӣ, мубоҳиса, ки тавассути он аз худ намудани таҷрибаи нав ва дониши нав рӯй медиҳад, ифода меёбад.

«Ҳамкории педагогии интерактивӣ- ин пурзӯр намудани фаъолияти ҳадафноки омӯзгор ва хонандагон дар ташкили ҳамкории байни хеш бо мақсади инкишоф мебошад». Мафҳуми «методҳои интерактивӣ» чун анъана бо ду гурӯҳи робитадори методҳо алоқаманд мебошад: гурӯҳи якум – таълиме, ки дар муошират бо компютер роҳандозӣ мешавад ва гурӯҳи дуюм- бе компютер- таъсири таълимии махсусе, ки бевосита ба хонандагон нигаронида шудааст.

Моҳияти таълими фаъол дар синфҳои ибтидоӣ, дар он зоҳир мегардад, ки ҷараёни таълим тарзе ташкил карда шудааст, ки дар амал

тамоми хонандагон ба ҷараёни маърифат ҷалб гардидаанд. Хонандагон имконият доранд, фаҳманд ва одат кунанд, ки медонанд ва андеша доранд. Фаъолияти якҷояи хонандагон дар ҷараёни маърифат, оид ба аз худ намудани маводи таълимӣ маънои онро дорад, ки ҳар яки онҳо ҳиссаи фардии худро дар ин ҷараён мегузоранд.

Дар ин ҷо мубодилаи дониш, ақида ва тарзи фаъолият рӯй медиҳад, ки ягон хонандаро аз ин раванд дар канор намегузорад. Ғайр аз ин, ҳама хонандагон дар фазои хайрхоҳӣ ва дастгирии тарафайн дохил гардида, имконият пайдо менамоянд, ки на танҳо донишҳои навро ноил гарданд, балки маҷмуи фаъолияти дарккунии онҳо инкишоф меёбад. Ин имкон медиҳад, ки омӯзгор онро дар шакли баландтари кооператсия ва ҳамкорӣ гузаронад. Шакли мазкури таълим бо аломатҳои зерин тавсиф карда мешавад:

- ин ҳамкории хонандагон байни худ ва омӯзгор (бевосита ва бавосита) мебошад;
- ин ҷараёни муошırати «баробар», ки ҳама иштирокчиён ба чунин муошират майл дошта, омодаанд, ки ахбор иваз намоянд, ақидаҳои худро иброз намоянд ва мушкилотро муҳокима намуда, нуқтаи назари хешро ҳифз намоянд;
- таълим бояд дар болои «воқеият», олами моро иҳотанамуда қарор гирад.

Дар мутобиқат бо вазифаи ин ё он метод дар ташкили ҳамкории педагогӣ, метавон методҳои таълимро ба гурӯҳи зерин тасниф кард:

***1. методи муҳайё намудани фазои мусоиди ташкили муошират: ки*** асоси мурофиавии хешро ҳамчун «ҳуҷуми муоширатӣ», ки омӯзгор барои фаъолияти фаврии ҳар як иштирокчии ҷараёни педагогӣ ташкил медиҳад бояд донист.

Аз замонҳои қадимтарин методҳои ба танзим даровардани фаъолияти инсон, ба монанди ҳавасмандкунӣ ва ҷазодиҳӣ маълум ва машҳур мебошанд. Педагогикаи асри XX инчунин диққати хешро ба методҳои кӯҳна- ба монанди методи танзимбахшӣ- мусобиқавӣ равона

менамояд. Ҳавасмандгардониро ифодаи баҳои мусбати фаъолияти хонандагон донистан зарур мебошад.

**Ҷадвали 6.**




Дар раванди муошират бо хонандагон омӯзгор бояд омода бошад, ки хонандагон муоширатро дар як самти муайян набаранд. Мумкин яке аз онҳо боду ҳаворо донистан мехоҳад, дигаре мехоҳад фаҳмад, ки кадом амалҳои инсонӣ боиси баланд гардидани ному нишони инсон мегардад. Дигаре мехоҳад фаҳмад, ки кӣ аз кучои шаҳрамон мебошад ва дигаре бештар суханони ситоиширо дӯст медорад.

2. ***Методҳои мубодилаи фаъолият-*** дар синфҳои ибтидоӣ дар назар дошта мешавад таносуби корҳои гурӯҳӣ ва фардии иштирокчиёни ҳамкории педагогӣ дар чунин шакл:

**Ҷадвали 7.**



*3. Методи андешаҳосилнамоӣ,* ки дар синфҳои ибтидоӣ муҳайё намудани фазои мусоидро талаб намуда, имкониятҳои эҷодии хонандагонро пурзӯр намуда, аз ҷониби дигар фаъолияти андешаронии онҳоро такмил медиҳад:

**Ҷадвали 8.**




• *Методи мазмунофарӣ-* вазифаи пешбарандаи ин метод дар ташкил додани мазмуни инфиродии аз ҷониби хонандагон дар омӯхтани зуҳуротҳо, мушкилотҳо ва ивазкунии ин мазмунҳо;

Баъзан хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ матнро хонда медиҳанд, аммо дар дарк намудани мазмуни он ба мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд. Коре кардан зарур аст, ки дар як вақт хонанда ҳам ифоданок хонад ва ба мазмуни матн сарфаҳм равад.

**Ҷадвали 9.**



*5. Методҳои фаъолияти одаткунӣ* ба он равона гардидааст, ки иштирокчиёни ҷараёни педагогӣ холати инкишофи хешро ба қайд гирифта, сабабашро муайян намуда ва ҳолати ҳамкориро баҳогузории воқеӣ намоянд.

**Ҷадвали 10.**




*6. Бозиҳои интерактивӣ* талаботи методҳои фаъол буда, дар синфҳои ибтидоӣ тамоми вазифаҳои пешбарандаро дар хеш муттаҳид намуда, яке аз методҳои фаъол дар педагогика ба шумор мераванд. Ҳакимони Шарқ мегӯянд, ки барои донистани он, ки ту куҷо меравӣ, донистан зарур аст, ки ту аз куҷо баромадаӣ.

**Нишонаҳои фарқкунандаи таълими анъанавӣ инҳоянд:**

1. Дар тамоми давраи таълими мактабӣ, хонандагони як синну сол ва дараҷаи омодагии якхела синфро ташкил медиҳанд;

2.Синф аз рӯи нақшаи ягонаи солона ва барномаю ҷадвал кор мебарад;

3.Асоси дониш дарс мебошад;

4. Кори хонандагонро омӯзгор роҳбарӣ менамояд;

5. Китоб барои иҷрои вазифаи хонагӣ истифода бурда мешавад.

Ташкили методҳои интерактивӣ аз мо дар аксари ҳолат доштани таҷҳизотҳои махсуси педагогиро талаб менамоянд, ки гурӯҳ бо онҳо таъмин бошад. Аз ин рӯ, ҳама методҳоро дар синфҳои ибтидоӣ истифода бурдан мақсаднок мебошад.

1. «Кластер»
2. «Шамъ»
3. «Мавқеъ гирифтан»
4. «Хазидан»
5. «Карусел»
6. «Бо олам бо риштаҳо»
7. «Аквариум»
8. «Танҳо – бо ду нафар– якҷоя»
9. «Ҳуҷуми зеҳнӣ»
10. «Дарахти ҳал»
11. Бозиҳои нақшӣ(корӣ)
12. Кор бо ҷуфтҳо
13. Омодашавӣ
14. Супоришҳои эҷодӣ
15. Мазмундарккунӣ
16. Сегонаи ивазшаванда
17. Таклифҳои ноанҷом
18. Таҳлили амалҳо
19. Шореҳӣ (Интервю) [19, 36].

Методҳои фаъоли таълим имконият медиҳанд, ки вазифаҳои зеринро ҳал намоем:

- Фаъолона ворид намудани ҳар як хонанда ба ҷараёни аз бар намудани маводи таълим;
- Баланд бардоштани мақоми маърифатии таълим;
- Аз худ намудани малакаи муошırати бобарор (гӯш карда тавонистани якдигар, барқарор намудани гуфтугӯ, додани савол ва талош барои фаҳмидан);
- Пайдо намудани маҳорати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ;
- Тарбияи сифатҳои пешвоӣ ё пешоҳангӣ;
- Маҳорати кор бо ҳайат ва дар ҳайат;

- Ҷавобгарӣ барои фаъолияти якҷоя ва шахсӣ, барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ, масъулиятро ба зимма гирифтан.

Мутобиқи методҳои фаъоли таълим ҳар як дарс мавзуъ, ҳадаф, мақсад дошта, омӯзгор то охир талаботҳои онро риоя намуда, технологияи инноватсиониро дар таълим ворид менамояд.

**Мақсади дарс:** мо ҳамеша хонандагонро пеш аз ҳама, бо мафҳумҳо, мисол, «майдони ҷисм» ва ягонагии ченаки майдон «сантиметри квадратӣ» шинос менамоем, ки ташаккулдиҳандаи салоҳияти иҷтимоӣ шуда метавонад.

**Вазифаҳо:**

- хонандагон бояд тарзи ёфтан, муқоиса ва ҳисоб кардани майдони шаклҳо (фигураҳо)-ро ёд гиранд;
- хонандагонро бо сантиметр ҳамчун ченаки ягонаи ченкунии майдон шинос намоем;
- инкишоф додани роҳҳои ёфтан, таҳлил намудани тарзи манфиатноки ҳалли вазифаҳо;
- инкишоф додани фаъолияти тафаккури хонандагон;
- ташаккул додани малакаи корҳои коллективӣ;
- тарбияи масъулият барои амалиёти шахсӣ ва дар ҳамбастагӣ.

***Шакли дарс:*** гуногун мешавад, ки яке аз он омӯхтани маводи нав аст.

***Таркиби лаҳзаи дарс*:** (риояи лаҳзаҳои дарс аз ҳама омӯзгорон муносибати ягонаро талаб менамояд):

1. Лаҳзаи ташкилӣ.
2. Тамрин.
3. Эълони мавзуи дарс.
4. Муқоисаи майдони шакл (фигураҳо). (кори амалӣ).
5. Ёфтани майдони фигураҳо (кор бо ҷуфтҳо).
6. Мустаҳкамкунии маводи нав (кор дар гурӯҳ).
7. Одаткунӣ (Рефлексия).
9. Баҳои кор.

Шакли кор дар дарс чунин шуда метавонад: ба таври фронталӣ, гурӯҳӣ, фардӣ. Дар дарсҳои синфҳои ибтидоӣ аз методҳои зерин истифода бурдан мумкин аст: интерактивӣ, калимагӣ, аёнӣ, амалӣ, аналитикӣ, синтетикӣ, умумигардонӣ.

Таҷҳизотҳои дарс: дар раванди дарс бояд плакат, ҷадвал, компютер, экран, тахтаи намоишии барқӣ, маводҳои тақсимотӣ мавҷуд бошад. Дар ин ҳолат дарс метавонад ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардад ва хонандагон аз он чизи даркориро гирифта тавонанд [1, 236].

## 2.2. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи арзёбии пешрафти хонандагон ва рушди салоҳиятҳои иҷтимоии онҳо

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030»-ро ба тавсиб расонид, ки диққати бештари хешро ба муносибати босалоҳият ба таълим равона менамояд. Дар таҳсилоти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ рӯй доданд, барномаҳои ягонаи таълимӣ, китоби дарсӣ, Стандартҳои давлатӣ, факултетҳои нав, захираҳои электронӣ оҳиста-оҳиста пайдо гардидан гирифтанд. Мавқеи омӯзгор торафт афзуда, талабот ба сифати касбии онҳо торафт зиёд гардид.

Дар майдони фаъолияти педагогӣ на танҳо кадрҳои касбӣ, балки пешбарандагони ҳақиқии кори хеш лозиманд. Дар шароити муосир шахсиятҳои намоёне лозиманд, ки қодир бошанд мушкилоти пешомадаро дар таълиму тарбия бартараф намоянд ва эҷодкорона заҳмат кашанд. Омӯзгор дар шароите гузошта шудааст, ки ба ӯ доштани маҳорати эҷодӣ, шароити ҳатмии ташаккули субъекти педагогӣ, дониши методӣ ниҳоят зарур аст. Танҳо тавассути чунин омӯзгорони дорои маҳорати баланди педагогӣ дар бораи сифати таълим андешаронӣ кардан мумкин аст.

Сифати таълим- ин нишондоди инкишофи ҷамъият, маданияти миллӣ ва худшиносии миллӣ ва ифтихору ғурур мебошад. Дар синфҳои ибтидоӣ мафҳуми дараҷаи инкишофи шахсӣ чунин гузошта шудааст:

- тавоноии хонанда ба худзоҳиркунӣ тавассути фаҳмидани фардият ва моҳияти хеш;

- дараҷаи ҷавобгарӣ барои хеш, рафторҳои хеш, дарки олами берунӣ, мустақилият дар қабул кардани қарор;

- маҳорати фаҳмонидан ва исбот намудани интихоби хеш, пешгӯи карда тавонистани оқибати амали хеш, дараҷаи дар қабули қарор ва ҳалли масъала дарки масъулият дар назди калонсолон.

Барои гирифтани ахбори воқеӣ оид ба натиҷаи таълим, барои муайян намудани шароити баланд бардоштани давомоти хонандагон,

ворид намудани онҳо ба ҳаёти фаъол ва омодагӣ дар тамоми ҳаёт, гирифтани дониш, системаи назорати сифати таълим зарур аст. Воситаи нави муосири назорат, имконият медиҳад ба таври дигар ба ҷараёни таълиму тарбия назар намоем, *ин мониторинги сифати* таълим мебошад.

Мафҳуми *"мониторинг"* ба педагогика аз сотсиология ворид гардидааст. Дар сарчашмаҳои гуногуни адабиёти педагогӣ якчанд мафҳуми мониторинг мавҷуданд. Аз нигоҳи мо, бештар муносибаш ин мебошад: *"Мониторинг – ин назорати доимӣ ба ким- кадом ҷараён бо мақсади муқоисаи ҳолати мавҷуда бо интизории натиҷа, назорати раванди ким- кадом ҷараён бо нишондоди амиқ мебошад"* [1, 136].

Мониторинги таҳсилот – ин низоми ташкилӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва паҳн намудани ахбор мебошад, ки имкон медиҳад инкишофи низоми педагогиро пешгӯӣ намоем.

Вазифаи асосии мониторинг- таъмин намудани тамоми иштирокчиёни ҷараёни таълим бо робитаи баргарданда, ки имкон медиҳад тағйироти пай дар пайро дар татбиқи барномаи таълим барои баланд бардоштани сифати натиҷаи он ворид намоем. Объекти асосии мониторинг ҷараёни таълим ва натиҷаи он, тавсифи шахсиятии тамоми ширкаткунандагони ҷараёни таълим ва талаботҳои онҳо шуда метавонад.

Ба сифати субъекти мониторинг метавонанд иштирокчиёни ҷараёни таълим баромад кунанд. Дараҷаи ширкати онҳо гуногун буда, аммо ҳамаи онҳо (ҳам омӯзгорон, ҳам хонандагон, волидон ва ахли ҷомеа) ахборро дастрас намуда, таҳлил менамоянд.

**Мақсади** гузаронидани мониторинги сифати таълим беҳтар гардонидани омодагии умумии хонандагон тавассути муайян намудани мушкилот ва корҳои мақсадноки ислоҳнамоӣ мебошад. Аз ин рӯ, мо дар назди худ, ҳамчун омӯзгор ва муҳаққиқ **вазифаҳои** зеринро гузоштем:

- муайян намудани дастовардҳои хонандагон аз мавзуи фанни омӯхташаванда;
- татбиқи имкониятҳои фардӣ ва тавоногии хонандагон;

- назорати натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагон аз фанҳои таълимӣ.

Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва ташкили самараноки мониторинг ба мо алгоритми назорати фаъолияти таълимии хонандагон ёрӣ мерасонад:

1. Омодагӣ ба гузаронидани тестҳо, корҳои назоратӣ (сентябр).
2. Баҳои ташхисии дониш, маҳорат ва малака.
3. Муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон.
4. Мушаххас гардонидани вазифаҳо барои ислоҳи дониш, маҳорат ва малака.
5. Гузаронидани корҳои ислоҳкунӣ дар байни хонандагон.
6. Баҳогузории даврии дониш, маҳорат ва малака (декабр).
7. Корҳои ислоҳкунӣ баҳри бартараф намудани мушкилоти дониш, маҳорат ва малака.
8. Баҳогузории ҷамъбастии дараҷаи дастовардҳои таълимӣ.
9. Тартиб додани ҷадвал, диаграмма, таблитсаи натиҷаи мониторинг.
10. Таҳлили назорати дониш, маҳорат ва малака, натиҷаи умумӣ.
11. Ислоҳи нақшаҳои тақвимӣ- мавзуӣ.

**Талаботи асосии мониторинги** сифати таълим пайдарҳамии таҳқиқот ва мушоҳида, **дастрасӣ ва ошкорӣ** дар гирифтани ахбор мебошад. Аз ин рӯ, дар кори хеш мо зимнан аз як дарси гузаронидаи худ дар мактабҳои озмоишӣ мисол меорем.

**Ҷадвали 11.**



Мониторинги базавӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 9-и ноҳияи Рӯдакӣ аз муқаддима, мавсимӣ ва назорати ҷамъбастӣ барои муайян намудани сифати таълим иборат аст. Дар асоси ҷадвали овардашуда таҳлил ва муқобилгузорӣ намуда, бо ёрии он назорат намудани динамикаи тағйирёбии давомоти ҳар хонандаро баровардем.

**Ҷадвали 12[а]**

**Натиҷаи назорат**

| № Т/Т | Ному насаб | Воридшавӣ | Мавсимӣ | Ҷамъбастӣ | Хулоса |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Алиев Д. | 3 | 3 | 4 | 1 |
| 2. | Тиллоев О. | 3 | 4 | 4 | 2 |
| 3. | Раҷабов С. | 4 | 4 | 4 | 3 |

Барои он ки фаъолияти таълимӣ дуруст ба нақша гирифта шавад ва дуруст ташкил карда шавад, бояд назорати воридшавӣ гузаронида шавад. Дар натиҷаи он хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда ва имкониятҳояш бояд дуруст ба ҳисоб гирифта шаванд.

**Ҷадвали 12[б]**

| № Т/Т | Ному насаб | Сентябр дараҷаи дониш | Рейтинг | Май дараҷаи дониш | Рейтинг | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Асоев Н. | 48,7% | 1 | 51,4% | 2 | 4 |
| | Лолаева Ш. | 56,8% | 3 | 56,8% | 2 | 4 |
| | Боев С. | 50,3% | 4 | 43,3% | 1 | 3 |

Таҳлил ва муқоисаро аз рӯи ҷадвал гузаронида, хулоса мебарорем: дар охири соли хониш як зумра хонандагон дар дараҷаи пештараашон қарор гирифтанд, аз баъзеҳо дараҷаи омодагиашон баланд, аз баъзеҳо паст монд. Пас, барои ба даст овардани натиҷаи интизорбуда, аз ҷониби мо қайдҳо мавҷуданд. Баъд аз кори назоратии воридгардӣ дараҷаи дониш, маҳорат ва малака муайян карда шуда, нақшаи ислоҳкунии фардии ҳар як хонанда муайян карда шуд. Дар ин кор ба мо аз ҳама бештар мониторинги мавзуӣ ёрӣ расонида метавонад. Барои ҳар як

хонанда картаи фардӣ тартиб додем. Дар картаи мазкур шакли норасоиҳоро нишон дода, роҳҳоиислоҳи онро пешниҳод намудем.

Дар давраи омодагӣ ба дарс, корҳои назоратӣ гузаронида ва мустақилияти хонандагонро баланд бардошта, намудҳои гуногуни супоришҳоро тайёр намуда, нуқсонҳои мавҷудаи хонандагонро бартараф намудем. Масалан, ҳангоми мустаҳкамкунии мавзуи «Ҷамъу тарҳ» аз машқҳои зиёди таъсиррасон ба мафкураи хонандагон истифода намудем, ки ин қобилияти тез ҷавоб додани хонандагонро ташаккул дода тавонист.

Дар давраи омӯхтани мавзуи: «Касрҳои даҳӣ» диктанти математикӣ барои инкишоф додани хотираи шунавоии хонандагон гузаронида шуд. Дар шакли касрҳои даҳӣ ададҳои зеринро нависед: 7, 8; 4, 601; 9, 03; 0, 005 ва ғайра, [3, 36]. Баъдтар таҳлил ва ислоҳи натиҷаи мавзуи омӯхташударо гузаронида, корро дар шакли дарс дуруст ба нақша гирифта ва корҳои мустақилонаро тартиб дода, саволномаҳо сохта, диктантҳоро дар мувофиқа бо тавоноии фардии хонандагон баргузор намудем.

Харитаи мавҷудаи фардӣ имкон дод, ки динамикаи сифати дониши хонандагон муайян карда шавад ва дар ҳолати ба пастшавӣ рӯ овардани он тадбирҳои зарурӣ андешидем:

- динамикаи объективии дониши математикии хонандагонро дар давраи муайяни таълим муайян намудем;
- имконияти доимӣ ислоҳ намудани кори хеш, дар вобастагӣ аз таҳлили динамикӣ;
- имконияти таъсир расонидан ба паҳлуҳои фаъолу сусти хонанда ва синф дар маҷмуъ;
- назорати доимӣ аз болои сифати дониши гирифтаи хонандагон аз ҳисоби имкониятҳои фардии онҳо.

Барои хонандагони «фаъол» мониторинги номбурда рейтинги панҷхононро баровард, қобилияти хатоҳоро ёфтан ва онҳоро ислоҳ

намудан, ҷустуҷӯи муносибатҳои навро дар ҳалли вазифаҳо бедор намуда тавонистем.

Барои хонандагони «суст» мониторинг муътадилиро дар кӯшиш баҳри баланд бардоштани сифати фаъолият, барои ба даст овардани комёбиҳо таъмин намудем. Арзишнокии мониторинг дар он зоҳир мегардад, ки муваффақияти на чандон калони хонандагон аз назар пинҳон намемонад. Барои мо ин мониторинг боз воситаи ташхис мебошад, ки дар асоси он мушоҳида намудани инкишофи хонандагон (аз рӯи вақт ва характер) мақоми таълими ҳар як хонанда ва синф он дар маҷмуъ ошкор гардад.

Дар ибтидои мониторинг назорат маҳдуд аст, ки беҳтарин омил барои синфҳои ибтидоӣ мебошад. Ҷараёни таълимро бе робитаҳои доимии баргарданда тасаввур кардан мумкин нест, дар ин раванд омӯзгори огоҳ аз ҳолати дониши ҳар як хонанда огоҳ мегардад.

Дар бораи мушкилоти дар раванди таълим пайдогардида, дар бораи давомот ва дониши онҳо, оид ба дараҷаи азхудкунии дониши онҳо шиносоӣ пайдо намуда, роҳу воситаҳои зарурӣ ҷуста мешавад. Чунин робитаи баргарданда бо тарзҳои гуногуни назорати дониш, маҳорат ва малака барқарор карда мешавад [11, 36].

Назорат - ин тафтиши ҷараён ва натиҷаи меҳнат, ин системаи назорат мебошад. Назорати педагогӣ як қатор вазифаҳоро ба ҷо меорад: *ба монанди баҳодиҳӣ, танзимбахшӣ, инкишофдиҳандагӣ, таҳсилотӣ, ташхисӣ, тарбиявӣ.* Дар ҷараёни таҳсилоти муосир якчанд намуди назорати фарққунанда вуҷуд дорад, ки ба он мисол шуда метавонанд: *назорати пешакӣ, навбатӣ, тематикӣ, ҳудудӣ, ҷамъбастӣ ва хотимавӣ.*

Аз он се намудаш асосӣ ва ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд: пешакӣ, ҷорӣ, ҷамъбастӣ. Низоми назорат аз пурсиши даҳонӣ, корҳои назоратӣ, семинар, машварат ва имтиҳон иборат мебошад. Дар давраи тафтиши сифати давомот ошкор сохтан зарур аст, ки сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон, дар кадом дараҷа қарор дорад. Ҳамаи ин,

заруриятро ба вуҷуд меорад, ки методҳои гуногуни тафтиш ва баҳодиҳии донишро коркард намоем.

Интихоби шакли назорат аз мақсад, мазмун, метод, вақту ҷой вобаста мебошад. Назорати пешакӣ барои муоинаи раванди ҷараёни дидактикӣ зарур аст, тавассути он ошкор сохтани динамикаи охирин бо лоиҳакашӣ амалӣ мегардад. Ғайр аз вазифаи пешгӯикунандаи хеш назорати пешакӣ ва қайди дониш, меҳнати таълимии хонандагонро танзим мебахшад. Холигии муайянро ошкор сохта, саривақт хонандагонро тавоно мегардонад ва дар раванди аз бар намудани мавод ва баланд гардидани маҳсулнокии умумии меҳнати таълимӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Ғайр аз ин, мушоҳидаи ҳаррӯзаи корҳои таълимӣ, ба омӯзгор имконият медиҳад, ки хотира, майлу хоҳиш ва қобилияти хонандагонро муайян намоем. Омӯзгор дар раванди кор бо синф, дар бораи хусусиятҳои хоссаи ҳар хонанда маълумот ҳосил намуда, корҳои хонандагонро дар раванди таълим, ба таври доимӣ мушоҳида, такмил ва ба самти зарурӣ равона менамояд. Муваффақияти таълим аз ягонагии ду шакли робитаи байни омӯзгор ва хонандагон вобаста мебошад. Омӯзгор метавонад дар ҷараёни таълим ба хонандагон ва хонандагон, баръакс, ба омӯзгор таъсир расонанд.

Хонандагон ҳамеша бояд донанд, ки ҷараёни аз бар намудани дониш, вақту имконияти ҳудудии худро доро буда, бояд бо натиҷаи муайян ба анҷом расанд ва ҳатман баҳогузорӣ карда шаванд. Ин маънои онро дорад, ки ғайр аз назорат, ки вазифаи робитаҳои баргардандаро иҷро менамояд, шаклҳои дигари назорат низ заруранд, ки дар бораи натиҷаи ноилгардида маълумот ҳосил намоем. Дар раванди таълим таҷриба нишон медиҳад, ки аз назорати ҷамъбастӣ истифода бурдан зарур меояд. Барои баҳо додан ба натиҷаи таълим, ки дар охири ба анҷом расидани барномаи фанни таълимӣ гузаронида мешавад, бояд воқеъият мавҷуд бошад [11, 39].

Назорати ҷамъбастӣ дар давраи такрорӣ- ҷамъбастӣ дар чоряк ё охири соли хониш, дар ҷараёни машварат ё имтиҳонҳо амалӣ гардад. Махсусан, дар ин давра ҷараёни дидактикии маводи таълимӣ пайиҳам ва умумигардонӣ карда мешавад. Талаботи асосӣ ба вазифаҳои хотимавии тестҳо- аз он иборат мебошад, ки онҳо бояд ба дараҷаи стандартҳои миллии таҳсилот мутобиқ бошанд.

Яке аз шаклҳои васеъ паҳнгардидаи технологияи тестии ҷамъбастӣ бо истифодаи компютер ва барномаҳои махсус мебошад. Яке аз воситаҳои воқеии назорат баҳри ошкор намудани натиҷаи таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ саволнома мебошад, ки характери иҷтимоӣ дорад.

Саволнома дар мазмуни умумиилмӣ- ин санҷиши муфассали стандартикунонидашуда мебошад, ки ахборро дар муҳлати кӯтоҳтарин ҳосил намудан мумкин аст. Доимӣ гузаронидани саволномаҳои мавзуӣ имконият медиҳад, ки робитаҳои баргардандаро барқарор намоем, мушкилоти хонандагонро доир ба ҳар як мавзӯъ фаҳмем ва онҳоро бартараф намоем.

Ин тарзи кор ҳамчун саволномаи назорати ҷамъбастӣ имконият медиҳад, ки ҳаҷми калони маводҳои таълимӣ ва миқдори зиёди хонандагонро тафтиш намоем. Аз рӯи натиҷаи мониторинг нақшаи ислоҳкунӣ тартиб дода шуда, корҳо барои баланд бардоштани сифати таълим бурда мешаванд [11, 40].

Мақсади асосии мониторинг инҳоанд:

- баҳои натиҷанокии ҷараёни таълими ташкилнамудаи ҳар як омӯзгор ва коллектив, дар маҷмуъ, салоҳияти иҷтимоиро бедор месозад;
- баҳои динамикаи тағйирот дар фаъолияти таълимии ҳар як хонанда ва ҳар як гурӯҳ бароварда мешавад;
- баҳои мувофиқати усулҳои педагогӣ, методӣ, технологияи фанни таълимӣ, таъминкунандаи салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагон мегардад;

- самт ва ҳаҷми кори ҳар як омӯзгор аз рӯи фанни хеш ва кори ӯ бо ҳар як хонандаи мушаххас муайян мегардад.

Дар хотима мехоҳем қайд намоем, ки мониторинг- дастгоҳи идоракунии ҷараёни таълим ва тарбияв дар муассиса мебошад. Таҳқиқоти мониторингӣ гузаронида, бояд дар хотир дошт, ки мақсади асосии он- ёрӣ расонидан, на баҳогузорӣ ва ошкор сохтани норасоӣ ва муваффақиятҳо мебошад. Низоми мавҷудаи кор ба мо ҳамчун таҳқиқотчӣ чунин имконият медиҳад:

- Дараҷаи ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагон барои аз худ намудани барнамои фанни таълимӣ муайян карда шавад;
- Имконият медиҳад, ки маводҳои методӣ оид ба бартараф намудани мушкилот ва ислоҳи дониш коркард гарданд;
- Имконият медиҳад, ки омил ва шароитҳои таъсиррасонанда ба сифати таълим ошкор гарданд;
- Барои омӯзгорон мақсаднок он аст, ки мунтазам технологияи нави педагогиро дар ҷараёни таълим ворид намуда, салоҳияти иҷтимоии хонандагонро ташаккул диҳанд;
- Коркарди саривақтӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада боиси беҳ гардидани сифати таълим хоҳанд шуд.

**Тавсияҳо:**

Омӯзгорони фаннӣ ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд мунтазам мониторинги дастовардҳои хонандагонро бо мақсади баланд бардоштани салоҳияти иҷтимоии хонандагон ва беҳдошти сифати таълим гузаронанд.

- Ташаккул додани майлу хоҳиши хонандагон ба иҷтимоишавӣ ва фанни таълимӣ тавассути дарс, китоб ва корҳои беруназсинфӣ.
- Мунтазам истифода бурдан аз технологияи муосири педагогӣ ва методҳои фаъоли таълим.

- Бо мақсади баланд бардоштани майли китобхонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба онҳо дар охири дарс барои мустақилона хондан китоби иловагӣ тавсия намудан.

Дар давраи ташаккул додани мониторинги маълумоти мактабӣ, на танҳо аз натиҷаи охирини фаъолияти муассисаи таълимӣ, балки омилҳои таъсиррасон ба сифати натиҷаи охирин ба инобат гирифта мешавад. Мехостем пурратар дар бораи блоки «дараҷаи омодагии хонандагон»-и синфҳои ибтидоӣ истода гузарем:

- дараҷаи дониш, маҳорат ва малака дар маҷмуъ, дар муассиса, аз фан, синф, ва омӯзгор;
- дараҷаи воқеии имкониятҳои хонандагони синфи ибтидоӣ;
- сифати ташаккули дониши пешбаранда ва тарзи фаъолият;
- тавсифи сифатии дониш, маҳорат ва малака дар асоси корҳои ҷамъбастӣ;
- сифати ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ, маҳорат ва малака дар асоси аттестатсияи ҷорӣ ва ҷамъбастии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Дар бораи ҳолати баҳодиҳии сифати таълим дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳар як муассиса бояд низомномаи хешро дар чунин шакл дошта бошад:

**1. Низомномаи умумӣ**

1.1. Дар бораи низоми баҳои сифати таълими синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4, ноҳияи Рӯдакӣ, ки муайянкунандаи мақсад, вазифа, талаботҳои амалиёти низоми баҳои сифати таълим мебошад, дар ташкил ва талаботи амалиёти ягона барқарор карда мешавад.

1.2. Истифодаи амалии низоми баҳогузории сифати таълим дар синфҳои ибтидоӣ дар мувофиқа ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилот ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи татбиқкунандаи назорат ва баҳодиҳандаи сифати таълим.

1.3. Низоми баҳодиҳии сифати таълим дар синфҳои ибтидоӣ- ин маҷмуи сохтори ташкилӣ ва вазифавӣ, меъёр ва қоида, амалиёти муоинавӣ- баҳодиҳӣ, таъминкунандаи ягонагии асоси дастовардҳои умумитаълимии хонандагон мебошад.

1.4. Истифодабарандагони асосии натиҷаи низоми баҳодиҳии сифати таълими синфҳои ибтидоӣ инҳоянд:

- хонандагон ва волидони онҳо (намояндагони қонунӣ);
- маъмурияти муассиса, муассисон;
- шӯрои муассиса;
- ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ба баҳои сифати таълим манфиатноканд.

1.5. Дар Низомнома мафҳумҳои зерин истифода бурда мешаванд:

*1. сифати таълим* – тавсифи интегралии низоми таълим, ифодакунандаи дараҷаи мувофиқати таъминоти захиравии ҷараёни таълим, натиҷаи таълимӣ, талаботҳои меъёрӣ, интизории иҷтимоӣ ва шахсӣ мебошад.

*2. баҳои сифати таълим*- бо ёрии ташхис ва амалиёти баҳодиҳии дараҷаи мувофиқати таъминоти захиравӣ дар ҷараёни таълим муайян карда шуда, натиҷаҳои таълимӣ, талаботҳои меъёрӣ, интизории иҷтимоӣ ва шахсиятӣ мебошад. Тавассути таълим инсон ташаккул ёфта, дар раванди иҷтимоӣ ба чизе мушарраф мегардад.

Мақсади низоми баҳодиҳии сифати таҳсилот дар синфҳои ибтидоӣ дар мувофиқа бо талаботи Стандарти давлатии таҳсилот инҳоянд:

- баҳои натиҷаи фаъолияти муассиса ва кормандони педагогӣ барои гирифтан, коркард ва пешниҳод намудани ахбор дар бораи сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва фаъолияти самараноки муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баҳо ба ҳисоби миёна ва ҷамъбасти дастовардҳои таълимии хонандагон дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ.
- Вазифаи низоми баҳодиҳии сифати таълими синфҳои ибтидоӣ:

•коркард ва татбиқи низоми самараноки назорати баҳо ва таҳлили дастовардҳои таълимӣ;

•ташаккули фаҳмиши консептуалӣ- методологии проблемаи сифати таълим ва муносибат баҳри тағйири он;

•таъминоти ахборотӣ, аналитикӣ ва таъминоти мониторинги низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

•таъмини дастрасии таълими самаранок;

•баҳои ташкили ҷараёни таълимӣ;

•низоми таҳлили муқоисавии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

•таъмини муқобилгузории дастовардҳои таълимии хонандагон дар зинаҳои гуногуни таълим;

•баҳои шароити ташкили ҷараёни таълим ва базаи моддӣ- техникии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

•муайян намудани натиҷанокии ҷараёни таълим, самаранокии барномаҳои таълимӣ, метод ва технология, мувофиқати онҳо ба меъёрҳо ва талаботи стандартҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• баланд бардоштани дараҷаи огоҳии иштирокчиёни ҷараёни таълим ва аҳли ҷамъият оид ба натиҷанокии ҷараёни таълим;

Мазмуни асосии баҳои натиҷаҳои шахсиятӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар атрофи баҳо бунёд меёбад: ташаккулёбии мавқеи дохилии хонандагон, асосҳои ҳисси шаҳрвандӣ, худбаҳодиҳӣ, мақоми фаъолияти таълимӣ, донистани меъёрҳои ахлоқӣ аз синфҳои ибтидоӣ оғоз мегардад. Объекти асосии баҳодиҳии натиҷаи байнифаннӣ дар хонандагон ташаккул додани фаъолияти таълимии танзимбахшӣ, муоширатӣ, фаъолияти таълимии универсалӣ мебошад. Баҳои натиҷаи байнифаннӣ дар раванди ҷамъбасти корҳои назоратӣ аз рӯи фан ва корҳои маҷмуӣ дар асоси робитаҳои байнифаннӣ гузаронида мешавад.

Ба натиҷаи дастоварди фаннӣ дар раванди баҳодиҳии ҷорӣ ва мобайнӣ ва корҳои хотимавӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Объекти баҳои сифати таълим инҳо шуда метавонанд:

- самаранокӣ, касбият ва дараҷанокии корманди педагогӣ;
- барномаҳои таълимӣ;
- базаи моддӣ- техникии муассиса;
- муҳити хуби таълим;
- одаткунии хонандагон- тарбиягирандагон ба муҳит;
- одаткунии хатмкунандагони синфҳои ибтидоӣ дар синфҳои панҷум;
- дастрасии таҳсилот;
- нигоҳдории саршумори хонандагон;
- тартиби гирифтани хизматрасониҳои иловагии таълимӣ;
- ташкили хӯроки хонандагон;
- ҳолати солимии онҳо;
- корҳои тарбиявии ба ҳадаф нигаронидашуда;
- таъминоти молиявӣ;
- 14.фаъолияти ошкор.

Роҳҳои татбиқ, ҳадаф ва вазифаи низоми баҳои сифати таълим дар синфҳои ибтидоӣ мутобиқи нақша гузаронида шуда, ба таҳлили проблемавии низоми таҳсилот нигаронида мешавад. Дар ин раванд муайян намудани методология, технология ва дастгоҳи баҳодиҳии сифати таълим ниҳоят муҳим мебошад. Параметрҳои баҳои сифати дастовардҳои фардии таълим инҳо шуда метавонанд:

- натиҷаи аттестатсияи мобайнӣ ва ҷамъбастии хонандагон (мониторинг ва ташхиси саводи онҳо);
- натиҷаи таҳқиқоти мониторӣ (ошкор сохтани сифати дониш ва ташаккули хонандагони синфҳои 1-4 аз фанҳои забони модарӣ, забони русӣ, математика, муҳити атроф);

- андешидани тадбирҳои судманд оид ба одаткунии хонандагони синфи 1-ум ба таълим;
- раванди одаткунии хонандагони синфи 5- ум ба талаботҳои дохилии муассиса дар зинаи асосӣ;
- ширкати хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар олимпиадаҳои фаннии муассиса, конкурс, фестивал, чорабинии «Фурӯғи субҳи доноӣ…» ва бозиҳои маҳоратӣ.

Ба сифати дастовардҳои инфиродии таълимӣ дида баромада мешавад, дастовардҳои таълимӣ аз фани ҷудогона ва динамикаи онҳо, муносибат ба фанҳои таълимӣ, қаноатмандӣ аз таълим, дараҷаи ширкат дар ҷараёни таълим (фаъолият дар дарсҳо, ширкат дар корҳои беруназсинфӣ).шуда метавонад.

Меъёрҳои баҳогузории салоҳияти касбии омӯзгорон ва фаъолияти онҳо баҳри таъмини талаботҳои сифати таълим дар худ фаро мегиранд:

- навсозии низоми баҳогузорӣ;
- омодагии омӯзгор ба баланд бардоштани маҳорати педагогӣ (пайдарҳамии гузаштан аз курсҳои такмилӣ, ширкат дар корҳои иттиҳодияи методӣ, шӯрои педагогӣ, конференсияҳои педагогии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ);
- доштани дониш оид ба истифода бурдан аз методикаи муосири педагогӣ, методӣ ва технологӣ;
- дастовардҳои таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо роҳи назорат чен карда мешавад (бо гирифтани баҳои «4» ва «5», аълочиён, ғолибони олимпиада, конкурс, фестивал ва бозиҳои маҳоратӣ);
- дастовардҳои шахсӣ, дар конкурсҳои касбии дараҷаи гуногун.

Сифати ҷараёни таълим дар муассиса аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

- натиҷанокии фаъолияти муассиса мувофиқи барномаи инкишоф;
- маҳсулнокӣ ва натиҷанокии барномаи таълимӣ;

- натиҷаи литсензиядиҳӣ, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассиса;
- самаранокии механизмҳои худбаҳодиҳӣ, баҳои арзишӣ ва беарзишии фаъолияти таълимӣ, илмӣ- методӣ, маъмурӣ ва фаъолияти хоҷагӣ ва қабули вазифаҳои стратегӣ.

Дараҷаи баҳои ҳолати солимии хонандагон дар худ фаро мегирад:

- мавҷудияти утоқи тиббӣ дар муассиса ва таъминоти он дар мувофиқа бо талаботи муосир;
- мунтазам ва босифат гузаронидани чораҳои санитарӣ-эпидемиологӣ ва пешгирикунанда аз бемориҳо дар муассисаҳо;
- баҳодиҳӣ ба беморшавии хонандагон, омӯзгорон ва дигар кормандон;
- баҳо ба самаранокии чорабиниҳои солимгардонӣ (омилҳои солимгардонии мазмуни фанҳои таълимӣ, барномаҳои солимнигоҳдорӣ, тартиби рӯз, ташкили истироҳат ва солимгардонии кӯдакон дар давраи таътил);
- баҳо ба ҳолати корҳои ҷисмонӣ- солимнигоҳдории хонандагон (тақсим намудани хонандагон мувофиқи инкишофи ҷисмонӣ, гурӯҳи таваккал, гурӯҳи солим, гурӯҳи тарбияи ҷисмонӣ);

Аз ҷониби дигар самтҳои баҳои сифати корҳои тарбиявӣ инҳоро дар худ фаро мегирад:

- дараҷаи ҷалби коллективи омӯзгорон ва волидон ба ҷараёни тарбия;
- фарогирии хонандагон ба фаъолияте, ки ба завқу талаботи онҳо мувофиқ бошад;
- қаноатмандии хонандагон ва волидон аз ҷараёни тарбия ва мавҷудияти динамикаи мусбати натиҷаи он.

Сифати таълим дар шакли зерин баҳогузорӣ карда мешавад:

- *аттестатсияи ҷорӣ*- пурсиши даҳонӣ, кори мустақилонаи хаттӣ;

- диктант, рӯйнавис, супоришҳои тестӣ, корҳои графикӣ, иншо, нақли хаттӣ, маъруза, кори эҷодӣ.

*Кори огозӣ* дар ибтидои соли хониш гузаронида шуда, мубрамияти дараҷаи дониши хонандагонро муайян кардан дорад. Дар асоси далелҳои ба даст омада, омӯзгор корҳои ислоҳкунӣ- тафриқавии дарсҳои «Такрорӣ»-ро мегузаронад.

*Назорати ҷорӣ* имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии маводи барномаи таълимӣ дар давраи омӯзиш ошкор карда шавад. Омӯзгор дар мувофиқа бо барнома ҳаҷми донишро аз фанҳои таълимӣ муайян намуда, характери маҳорат ва малакаи махсус, давраи ташаккули салоҳияти иҷтимоиро дар таълим муайян менамояд [21, 46].

*Корҳои ташхиси тестӣ* дар худ вазифаҳоеро фаро мегиранд, ки ба тафтиш ва ҳавасманд гардонидани ҳайати хонандагон нигаронида шудаанд.

*Корҳои тафтишоти мавзуӣ* аз рӯи мавзуи пеш омӯхташуда гузаронида шуда, имконият медиҳад, ки дараҷаи азбарнамоии маводи барномавӣ дар давраи омӯзиши он муайян карда шавад. Омӯзгор дар мувофиқа бо барнома аз рӯи ҳар як мавзуъ сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи махсусро, ки дар ҷараёни таълим ташаккул меёбад, муайян менамояд.

*Корҳои тафтишоти мавзуӣ*- пас аз омӯзиши мавзуъҳои муҳимми барнома гузаронида мешавад.

*Корҳои тафтишоти хотимавӣ* дар нимаи соли хониш ё охири соли хониш баргузор карда мешаванд. Дар синфи якум– чунин тадбирҳо танҳо дар охири соли хониш гузаронида мешаванд.

*Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд «Портфели дастоварди» хонандагонро дошта бошад* (намоиши дастоварди хонандагон бо пешниҳоди маводи дар давоми сол бадастомада). Дар он корҳои эҷодии хонандагон, ки завқу ҳаваси онҳоро ба ким-кадом соҳаи таълим ифода менамояд, дохил мешаванд. Маҳсули таълимӣ- маърифатии фаъолияти

хонанда, ахбори мустақилона пайдо намудаи хонанда, маводҳои тасдиқӣ аз сарчашмаҳои гуногун, маъруза, ахборҳо мебошад [104.- 136].

Дар оянадаи наздик тамоми намудҳои корҳои назоратӣ- баҳодиҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳури Тоҷикистон бо фанҳои таълимӣ аз рӯи низоми балӣ холгузорӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Ин гузариш ба шакли нави баҳодиҳии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон, мебошад, ки дар чунин шакл ифода меёбад:

- дараҷаи баланд - 95-100% - «5»;
- дараҷаи олии миёна- 75-94 % - «4»;
- дараҷаи миёна- 50-74 % - «3»;
- дараҷаи паст- камтар аз 50 % - «2»;

Дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2020 гузаштан ба баҳогузории 100-хола дар назар буд, аммо ин амал ҳанӯз анҷом напазируфтааст. Баҳо додан ба сифати таълим дар муассиса дар чунин шакл татбиқ карда мешуд:

1. Маъмурияти муассиса.
2. Омӯзгорони муассиса дар ҳайати иттиҳодияи методӣ.
3. Шӯрои омӯзгорӣ.
4. Шурои муассиса.

Мавқеи маъмурияти муассиса дар баҳодиҳии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ:

- ташаккул додани блоки санадҳои локалӣ, танзимбахшандаи амали низоми баҳодиҳии сифати таълими синфҳои ибтидоӣ ва пешниҳод ба он;
- бо фармони роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ санадҳои локалии танзимбахшандаи низоми баҳогузорӣ ва назорати иҷроиши он;
- низоми мониторинги сифати таҳсилотро дар муассиса ташкил намуда, ғуноварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва пешниҳод намудани

ахборро дар бораи ҳолат ва динамикаи инкишоф таъмин намуда, натиҷаи баҳоро ба сифати таҳсилот таҳлил менамояд;

- дар иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ гузаронидани амалиёти назоратӣ- баҳодиҳиро таъмин намуда, таҳқиқоти мониторӣ, иҷтимоӣ ва оморӣ оид ба масъалаи сифати таълим гузаронида мешавад;
- омӯзиши талаботҳои ахборотӣ оид ба истифодабарандагони асосии низоми баҳогузории сифати таҳсилот ташкил дода мешавад;
- баҳри омода намудани кормандони муассиса ва ташхисгарони ҷамъиятӣ, барои назорати раванди баҳогузорӣ шароитро таъмин намудан;
- пешниҳоди ахборро дар бораи сифати таълим таъмин намуда, дар ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳо низоми баҳогузории сифати таълимро ба танзим даровардан;
- омӯзиш, умумигардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадамро таъмин намуда, фаъолият ва инкишофи низоми баҳогузории иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро назорат намудан;
- қарорҳои идоракунанда оид ба инкишофи сифати таълим қабул намуда, аз натиҷаи бадастомада дар бораи сифати таълим тадбирҳо андешидан;
- маводи ахборотӣ- аналитикӣ аз натиҷаи баҳодиҳии сифати таълим ташкил ёфта; таҳлили кори иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ дар давоми сол дар маърузаи муассиса дарҷ намудан;
- таъмин намудани дастгирии ахборотии баҳодиҳии сифати таълим дар синфҳои ибтидоӣ;

Баҳогузорӣ ба сифати дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҷониби иттиҳодияи методӣ дар чунин шакл сурат мегирад:

- методикаи баҳодиҳии сифати таълим коркард гардид;

- таҳқиқотҳои мониторӣ аз рӯи масъалаи сифати таълим гузаронида шуд;
- низоми мониторинги сифати таълим дар муассиса ташкил дода, ғункунӣ, коркарди ахбор дар бораи динамикаи инкишофи таълим дар муассиса амал намуда, натиҷаи баҳои сифати таълимро муҳокима намоянд;
- омӯзиши талаботҳои асосии ахбории истифодабарандагони хизматрасониҳои таълимӣ коркард гардид;
- чорабиниҳо матраҳ гардида, таклифҳо оид ба такмил додани низоми назорат ва баҳодиҳии сифати таълим коркард гардид;
- такмил додани базаи меъёрӣ- ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои иттиҳодияи методӣ оид ба баҳодиҳии сифати таълим омода гардид;
- таҷрибаи пешқадам мавриди омӯзиш, умумигардонӣ ва паҳн намудан қарор гирифта, низоми баҳогузории сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард гардид;
- гузаронидани олимпиада, намоиш, конкурс, ярмарка, фестивал, озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ» ва дигар чорабиниҳои варзишӣ коркард гардид;
- ширкат варзидан дар аттестатсияи илмӣ- методии кадрҳои омӯзгории муассисаҳои озмоишӣ;
- таъмини ташхиси барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ.

Мавқеи Шурои омӯзгорон дар инкишофи таълим дар муассиса:

- шурои педагогӣ дар коркарди методии баҳогузорӣ ба сифати таълим ширкат варзида, ҳолат ва тавсифи динамикаи инкишофи таълимро дар муассиса ошкор намояд;
- гузаронидани таҳқиқоти мониториро дар муассиса оид ба сифати таълим ва назоратӣ- баҳодиҳӣ таъмин намояд;
- низоми мониторингро дар муассиса ташкил дода, ғункунӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди ахборро дар бораи динамикаи

афзоиши сифати дониш, маҳорат ва малака дар дараҷаи умумимуассисавӣ таъмин намояд;

- чорабиниро матраҳ намуда, таклифҳоро дар бораи баҳодиҳии сифати таълим пешниҳод намояд;
- таҷрибаи пешқадами педагогиро омӯхта, умумӣ гардонида, паҳн намуда, ҳавасманд гардонад;
- ташхису ташкили мазмун ва натиҷаи аттестатсияи хонандагони синфҳои ибтидоиро гузаронида, аз рӯи натиҷа қарори дилхоҳ қабул намояд;
- қарори идоракунии сифати таълимро дар дараҷаи муассиса қабул намояд ва нисбати хунукназарон тадбири зарурӣ андешанд;

Натиҷаи мониторинг дар муайян намудани сифати дониши фаннӣ дар синфҳои ибтидоӣ:

1. Баҳо додани дараҷаи дастовардҳои фаннии хонандагон дар мувофиқа ба талаботи стандарти давлатии фан.

2. Баҳо додан ба маҳорати умумии таълимӣ:

- маҳорати муқоисакунӣ ва муқобилгузорӣ;

- аз сарчашмаҳо баровардани ахбороти зарурӣ, ки дар аломатҳои гуногун ифода меёбад.

3. Баровардани фарзия дар бораи мавҷудияти вобастагии натиҷаи таълими математика дар муассисаҳои таълимӣ. [3, 36].

Дар раванди мониторинги баҳодиҳии дастовардҳои фаннии хонандагон дар шакли бланка бо маводҳои ченкунӣ гузаронида мешавад.

Дар асоси гузаронидани амалиёти баҳогузорӣ талаботҳои зерини ташкилӣ гузаронида мешавад:

- воқеият, боварибахшӣ ва пайдарҳамии ахбор дар бораи сифати таълими умумӣ;

- талаботи воқеӣ, меъёр ва нишондодҳои таҳсилоти умумӣ ва моҳияти иҷтимоӣ ва шахсиятии он;

- кушодагӣ, равшании сифати баҳои таълим;

- муқобилгузории низоми нишондодҳо бо монандиҳои ҷумҳуриявӣ ва ҷаҳонӣ;

- дастрасии ахбор дар бораи сифати таълим барои гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагон;

- риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ- дар давраи гузаронидани амалиёти баҳодиҳӣ;

- ягонагии фазои ташкилнамудаи баҳодиҳии сифати таълим дар масъалаи татбиқи самтҳои асосии баҳогузорӣ (мазмун, технология, дастгоҳҳои истифодашаванда).

Дар давраи таҳлили натиҷаи кори ташхисии хонандагон як қатор вобастагиҳо ба эътибор гирифта мешаванд, ки ба натиҷаи мониторинг вобастаанд:

- картаи тахасусии омӯзгор;
- теъдоди умумии хонандагон дар синф;
- мавқеи муассиса, нуқтаи аҳолинишин;
- собиқаи кории омӯзгор;
- сарбории ҳафтаинаи омӯзгор.

Омӯзиши ахбори бадастомада имконият дод, ки мушоҳидаҳои зеринро анҷом диҳем:

**1.** Натиҷаи амалиётҳои мониторингӣ як қадар пойбанд будани сифати иҷрои корҳои ташхисиро аз категорияи тахассусии омӯзгор вобаста медонад.

Шумораи хонандагони пурсидашуда дар мувофиқа ба категорияи омӯзгор меафзояд. Дар синфи 4-ум омӯзгори категорияи баланд то 91-97% хонандагонро дар дарс фаро гирифта метавонад. Дар синфҳои 6- 8 омӯзгори аз аттестатсия нагузашта (мутахассиси ҷавон) нисбат ба омӯзгори категорияи 2-юм натиҷаи беҳтар нишон медиҳад. Мумкин ин бетафовутии омӯзгори ҷавонро нишон намедиҳад, балки аз он шаҳодат медиҳад, ки хоҳиши бо сифати баланд кор кардан дорад. Натиҷаи иҷрои

корҳои ташхисӣ нишон дод, ки корҳои сифатнок иҷронамудаи хонандагон зери роҳбарии омӯзгорони категорияи олӣ беҳтар аст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бисёр омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо категорияи паст, дар синфҳои болоӣ бо категорияҳои баланд кор мекунанд. Дар муассисаҳои таълимии маҳаллаҳо ва деҳоти дурдаст ҳатто бе ихтисосу касбият бо синфҳои ибтидоӣ кор мебаранд, ки ин ба сифати таълим бетаъсир намемонад.

Дар маҷмуъ, мониторинги гузаронида дониши хуби базавӣ доштани хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои марказро нишон дод, аммо сифати дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфҳои ибтидоии ноҳияҳо чандон хуб нест ва ба стандарти давлатии таҳсилот ҷавоб дода наметавонад.

Барои баланд бардоштани сифати иҷрои корҳои ташхисии сифати таълим пешниҳод карда мешавад:

1) Барои як қадар муътадил гардонидани ҳолати хонандагон бояд тез- тез назорати мобайнӣ дар шакли тестӣ бо саволҳои гуногун гузаронида шавад.

2) Дар тамоми дарсҳои фанни таълимии синфҳои ибтидоӣ аз супоришҳои матнӣ истифода бурдан фоидаовар мебошад, то ки хонандагон аз тафаккури шахшудамондаи шаблонӣ раҳо ёбанд.

3) Дар омӯзиши математика диққати махсус ба истифодаи дониш, маҳорат ва малакаҳои фаннӣ дар вазъияти ҳолатӣ дода шавад.

4) Новобаста аз барнома ва китоби дарсӣ, мазмуни таҳсилот, моҳият ва рӯйдоди мафҳумҳо, ба баланд бардоштани сифати кор дар омӯзиши забони математикӣ ва ташаккул додани нутқи математикии хонандагон бештар диққат дода шавад.

5) Ба омӯзгорон зарур меояд, ки корро дар самти ташаккули маҳорати умумитаълимӣ хонандагон оид ба гирифтани ахбор аз сарчашмаҳои гуногун пурзӯр намоянд.

## 2.3.Озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар доираи навсозии таҳсилот

Инкишофи низоми таълим дар синфҳои ибтидоӣ, аз барномаҳои гуногуни алтернативӣ, аз тағйир додани сифати шахсиятии омӯзгор, фаъолияти самараноки вай дар ҷараёни таълим вобаста мебошад. Дар шароити муосир омода намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти босифати таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба масъалаи мубрам табдил ёфтааст.

Барои баланд бардоштани таълими синфҳои ибтидоӣ омӯзгороне талаб карда мешаванд, ки дар соҳаи технологияи таълим дониши баландро ноил бошанд, хонандагонро дарк намоянд, аз ҷиҳати сифатҳои шахсиятӣ бо онҳо кор бурда тавонанд ва намунаи ибрат ва пайравӣ бошанд [86, 36].

Ин методҳои қолабсозии математикию омориро барои асоснок намудани фарзияи пешниҳодкардаи худ дар бораи дараҷаи салоҳиятнокии иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ифоданок хонда тавонистани матн овардем. Натиҷаи озмоиши марҳилаи якум, ки дар ҷадвали 13 дар синфҳои озмоишӣ ва синфҳои назоратӣ оварда шудааст, дар шакли ҷамъбастӣ онро ифода намудем:

**Ҷадвали 13.**

Савияи омодагии хонандагон дар марҳилаи якуми озмоиш

| **Савияи омодагӣ** | **Шумораи хонандагон (300 нафар)** | | **Фоизи ҷавобдодагон** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** |
| Сатҳи олӣ | 7 | 10 | 4,0% | 6,5% |
| Сатҳи миёна | 24 | 26 | 12,3% | 16,0% |
| Сатҳи бунёдӣ | 50 | 53 | 31,5% | 33,0% |
| Сатҳи поёнӣ | 69 | 71 | 52,2% | 44,5% |
| Ҳамагӣ | M=150 | N=150 | 100% | 100% |

Натиҷаҳои арзёбии ибтидоӣ, ки дар аввали соли таҳсили 2019-2020 гузаронида шуда буд, собит намуд, ки қиматҳои сатҳи поёнӣ ба талаботи мо

чандон мувофиқ нест, чунки дар раванди иҷро кардани супоришҳо аз ҷониби хонандагон ба хатоҳои зиёд роҳ дода шудаанд.

Дар ҷамъбасти кори санҷишӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ (марҳилаи аввал) ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

- хонандагон асосан дар ин марҳила мехонанд, аммо хониши онҳо ифоданок ва ба тамоми талабот ҷавобгӯ буда наметавонад, онҳо дар шарҳ додани мазмуни матн ба мушкилот рӯ ба рӯ мегарданд;

- асосан аз рӯи матн мехонанд, аммо маҳорати ками дар вазъиятҳои нав дар хотир доштани чизи хондаро доранд;

- дар вақти ифоданок хондани матн дараҷаи мустақилияти дар хотир нигоҳ доштан дар хонандагон кам эҳсос мегардад;

- онҳо дар раванди хондани матн номи одамони амалкунанда, ҷумлаҳои нофаҳморо дар хотир гирифта наметавонанд;

- онҳо ҳанӯз аз уҳдаи калимаҳои номафҳумро ҷудо намуда, ба луғат ворид карда ё бо калимаҳои мувофиқ иваз намудан намебароянд.

Бо мақсади донистани самаранокии натиҷаи саволномаҳои таҳияшуда ва тартиби гузаронидани санҷиш оид ба салоҳияти дуруст ва бехатто навиштани калимаю ибораҳо мо дар охири соли таҳсили 2019-2020 такроран дар синфҳои ибтидоӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ санҷиш доир намудем, ки натиҷаи он дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

**Ҷадвали 14.**

Савияи омодагии хонандагон дар марҳилаи дуюми озмоиш

| **Савияи омодагӣ** | **Шумораи хонандагон (300 нафар)** | | **Фоизи ҷавобдодагон** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** | **Синфи назоратӣ** | **Синфи озмоишӣ** |
| Сатҳи баланд | 13 | 26 | 8,7% | 17,5% |
| Сатҳи миёна | 36 | 58 | 24,0% | 38,4% |
| Сатҳи паст | 70 | 51 | 46,9% | 34,8% |
| Сатҳи поёнӣ | 31 | 15 | 20,4% | 9,3% |
| Ҳамагӣ | M=150 | N=150 | 100% | 100% |

Ҳамин тариқ, аз маълумоти ташхисӣ бармеояд, ки сатҳи ташаккули босалоҳиятии хонандагони гурӯҳи озмоишӣ назар ба хонандагони гурӯҳи назоратӣ оид ба риояи элементи хат баландтар аст. Натиҷаҳои таҳлилу баррасии ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) риояи элементи хат ва бехато навиштани хонандагон пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 15.**

Натиҷаҳои ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагони синфҳои ибтидоӣ:

| **Савияи омодагӣ** | **То озмоиш** | | **Баъди озмоиш** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Синфҳои назоратӣ** | **Синфҳои озмоишӣ** | **Синфҳои назоратӣ** | **Синфҳои озмоишӣ** |
| Сатҳи олӣ | 4,0% | 6,5% | 8,7% | 17,5% |
| Сатҳи миёна | 12,3% | 16,0% | 24,0% | 38,4% |
| Сатҳи бунёдӣ | 31,5% | 33,0% | 46,9% | 34,8% |
| Сатҳи поёнӣ | 52,3% | 44,5% | 20,4% | 9,9% |

Тавре, ки аз ҷадвал аён мегардад, натиҷаҳои ташаккулёбии савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии (салоҳиятҳои) хонандагони синфҳои ибтидоӣ чи дар гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО) ва чӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ (ГН) фарқкунанда мебошад. Теъдоди хонандагони сатҳи тайёриашон паст дар гурӯҳҳои озмоишӣ аз 44,5% то 9,9% кам шудааст (дар синфҳои назоратӣ аз 52,3 % то 20,4 %). Мувофиқан дар синфи озмоишӣ теъдоди хонандагони сатҳи тайёриашон бунёдӣ – 31,5%; миёна - 22,4% ва олӣ - 11,0% афзоиш ёфтааст.

Аз ҳама аҷиб дар синфҳои ибтидоӣ саволи «Баҳо додан ба фаъолияти Шумо чӣ манфиат дорад?», Бе додани баҳо низ боварӣ доред, ки аз уҳдаи супориш бо сарбаландӣ баромадед?” 76,5% хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ва 30,6% гурӯҳи назоратӣ ҷавобҳои дуруст доданд.

Ҷавобҳои хонандагонро таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки сатҳи ташаккулёбии салоҳияти иҷтимоӣ - муоширатии онҳо чандон бад

нест ва дар ҳолати дуруст ташкил додани кор аз ҷониби омӯзгор он боз ҳам боло мегирад.

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3884 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст, ки аз он 306-тояш ибтидоӣ, 426-тояш асосӣ, 2956- тояш миёнаи умумӣ мебошад. Мавқеи ҷойгиршавӣ, базаи моддӣ- техникӣ ва таъминоти кадрии онҳо низ фарқ мекунанд. Барои муайян намудани сатҳи ташаккули эҳсоси ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ саволҳои гуногунро пешниҳод намуда, пурсишномаро дар ҳаҷми 20 савол ҷамъбаст намудем, ки ба қисмати эҳсоси ватандӯстии онҳо саволҳои: 1, 6, 12, 19; ба қисмати эҳсосӣ; 3, 8, 16, 20; ба қисмати ахлоқӣ: 2, 7, 10, 14; ба қисмати рефлексӣ: 4, 9, 13, 17; ба касби дӯстдоштаи онҳо саволҳои: 5, 11, 15, 18 мутобиқат менамуданд.

Натиҷаи ниҳоии ҷавобҳои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ оид ба саволҳои пешниҳодгашта дар шакли ҷамъбастшуда дар ҷадвали зерин инъикоси хешро ёфт.

***Ҷадвали № 16.***

**Тағйир додани андешаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар доираи навсозии таҳсилот**

| **Андешаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба татбиқи методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти инноватсионӣ** | **Миқдори ҷавобҳо бо фоиз** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | **5** |
| 1.Оё методҳои фаъоли таълим метавонанд ба сифати таълим таъсир расонанд? | | | *80%* | | |
| 2. Салоҳияти хонандагонро ба кадом роҳ ташаккул додан мумкин аст? | | | | | 100% |
| 3. Фарқи методҳои фаъоли таълим аз анъанавӣ дар чист? | 70% | | | | |
| 4. Дар зери мафҳуми салоҳиятҳои маърифатӣ ва муоширатӣ чиро мефаҳмед? | ***50%*** | | | | |
| 5. Омӯзгор дар дарс чӣ тавр фазои мусоид ташкил менамояд? | | | 50% | | |
| 6.Барқарор намудани ҳамкорӣ ва боварӣ дар методҳои фаъол | | | | | 100% |
| 7.Андешаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба | | 45% | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| фаъолияти иттиҳодияи методӣ | | | | | |
| 8.Фаъолияти инноватсионии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ | | | 5<br>5% | | |
| 9.Омӯзгорони синфҳои ибтидоиро барои фаъолияти инноватсионӣ чӣ тавр омода созем? | | | | 20% | |
| 10.Маоши омӯзгорон ба сифати таълим таъсир расонида метавонад? | | | | | 75% |
| 11.Методҳои фаъоли таълим омили инкишофи шахсиятӣ шуда метавонанд? | 100% | | | | |
| 12.Оё методҳои нави таълим боиси боло рафтани салоҳияти касбии омӯзгор шуда метавонанд? | | 100% | | | |
| 13. Маъмурият ва иттиҳодияи методӣ метавонанд боиси ташаккули салоҳият гарданд? | | | | | 100% |
| 14.Роҳҳои ба вуҷуд овардани муҳаббати хонандагон ба таълим. | | | 6<br>7% | | |
| 14.Бе муҳаббат ва эҳтиром ба хонанда омӯзгор будан имкон дорад? | | | | 100% | |
| 15.Мақсади Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 40% | | | | |

Пурсишнома собит менамояд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба мақсаду муҳтавои методҳои фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣ ба қадри зарурӣ шиносанд, мавқеи иттиҳоди методиро дар беҳдошти сифати таълим мефаҳманд, лекин оид ба талаботҳои «Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» каме нороҳатиро ҳис менамоянд. Аз саволномаи матраҳшуда пай бурдан душвор нест, ки аксар омӯзгорон сабаби суст рушд ёфтани таълиму тарбияро дар паст будани музди меҳнати омӯзгорон ишора менамоянд, ки то як андоза дуруст мебошад.

Дар муассисаҳои озмоишии ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Душанбе оид ба ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ озмоиш баргузор намудем, то ошкор созем, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ то кадом андоза дар вазъиятҳои гуногун ба муошират омодаанд.

**Ҷадвали 17**

| | **Ҳамон қисматҳои номбаршуда** | **Гурӯҳҳои озмоишӣ -150 нафар** | | | | **Гурӯҳҳои назоратӣ-150** нафар | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Ҷавобҳои дуруст** | **Ҷавобҳои на он қадар** | **Ҷавобҳои нодуруст** | **Ҳамагӣ** | **Ҷавобҳои дуруст** | **Ҷавобҳои на он қадар** | **Ҷавобҳои нодуруст** | **Ҳамагӣ** |
| | Муошират дар бораи хеш ва атрофиён | 13% | 11% | 76 % | 100% | 34% | 24% | 42% | 100% |
| | Идора кардани қаҳру ғазаби хеш | 78% | 11,6% | 10,4% | 100% | 34% | 22,3% | 43,7% | 100% |
| | Фаҳмиш дар бораи ахлоқ | 78,2% | 18,4% | 3,4% | 100% | 35,6% | 34% | 30,4% | 100% |
| | Одат ва роҳҳои даст кашидан аз он | 76,7% | 11,3% | 12% | 100% | 30,7% | 32% | 37,3% | 100% |
| | Баргузор намудани муошират дар бораи касб | 77,2% | 16,4% | 6,4% | 100% | 22,3% | 33,4% | 44,3% | 100% |

Баргузор намудани муошират бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба шахсияит ва аҳли оилаи онҳо, ки ниҳоят васеъ ва фарогир матраҳ карда шуд, дар он хонандагони гурӯҳи таҷрибавӣ 34% фаъолият нишон дода тавонистанд, аммо гурӯҳҳои озмоишӣ 80% аз уҳдаи муошират баромада тавонистанд.

Оид ба масъалаи идора намудани қаҳру ғазаб, ки сабаби ҷангу ҷадал дар байни хонандагон мегардад, гурӯҳи таҷрибавӣ 78% ва гурӯҳи назоратӣ 34% андешаҳои ҷолиб пешниҳод карда тавонистанд. Оид ба он, ки «Дар фаҳмиши онҳо ахлоқ чист?» хонандагони гурӯҳи озмоишӣ 78,2% ва гурӯҳи назоратӣ 38,5% андешаҳои ҷолиб пешниҳод намуда тавонистанд. Натиҷаҳои пурсишхои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратиро таҳлил намуда, мо ба чунин хулоса омадем; ки дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҳама муҳим ташаккул додани

робитаи муоширати хонанда бо устод, хонандагон байни ҳамдигар ва хонанда дар доираи оила ва атрофиён мебошад.

Аз ҳама муҳим он мебошад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ аллакай дар бораи иҷтимоишавӣ, касб ва интихоби дурусти он фаҳмиш доранд. Дар раванди кор хонандаи синфи 2-юми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №82-и ноҳияи Сино Саъдони Абдулло иброз дошт, ки тамоми касбу кор одамро шуҳратманд мегардонад, агар онро дӯст дорӣ ва аз сидқ ба ҷо оварӣ.

Дар кори таҳқиқотӣ инчунин модели педагогии технологияии ташаккули эҳсоси ватандӯстии хонандагон– тавассути шеърҳо дар васфи Ватан санҷида шуд. Озмоиши мазкур иҷрои вазифаҳои зеринро пеш овард:

1. Вазифаи иҷтимоӣ, яъне тарҳрезии ташаккули ҳисси ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоиро тавассути методҳои фаъоли таълим дар назар дорад.

2. Вазифаи интегративии методҳои фаъоли таълим, ки раванди мунтазами таълиму тарбия ва пайвастагии муносибатҳои методологиро ба танзим медарорад.

3. Вазифаи таҳқиқот, ки нақши мунтазамро ҳангоми алоқамандии байни фаъолиятҳои таълимию тарбиявӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ дар сатҳи методологӣ мебозад, ба ошкор кардани шароит ва омилҳои ташаккули ҳисси ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд таъсир расонад.

4. Вазифаи ташхисии таҳқиқот, муҳиммияти истифода бурдан аз методҳои фаъоли таълим ва ташаккули салоҳияти иҷтимоии хонандагонро ошкор сохтан иборат мебошад.

5. Вазифаи маърифатии методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилонаи иҷтимоӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бисёр тағйиротҳои бузург рӯй доданд. Сухан ҳарчи бештар дар бораи навсозӣ,

башардӯстӣ ва демократикунонии таҳсилоти Тоҷикистон равад, мо бояд донем, ки «навкунӣ» чист? Луғат чунин шарҳ медиҳад: «модернизироват – ворид намудани чизҳои пешқадам, ҷавобдиҳандаи талаботи муосир». Аз ин мебарояд, ки ин навсозии таҳсилот, ки ба талаботи муосир ҷавобгӯ бошад, дар омода намудани насли наврас мавқеи хосса дорад. Навсозии таҳсилот инро дар назар дорад:

- ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- ташкил додани марказҳои- ахборотӣ- захиравии таҳсилот;
- инкишоф додани шабакаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ғайридавлатӣ, ки дар ҳаҷм, шакл ва намуд мутобиқат намояд;
- тағйир додани мазмуни таҳсилот;
- истифода бурдан аз методҳои таълими инкишофёбанда;
- баланд бардоштани сифати таълим;
- баланд бардоштани дараҷаи маҳорати касбии кадрҳои омӯзгорӣ, ки аз Паёми Пешвои миллат бармеояд;
- таъмини техникаи ҳисоббарорӣ ва захираҳои рақамии таҳсилот;
- истифодаи технологияи солимнигоҳдорӣ дар ҷараёни таълим.

Мо корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии худро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 82- и шаҳри Душанбе гузаронидем. Дар ин муассиса бештар аз 12 синфи ибтидоӣ бо теъдоди 384 нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар соли охири таҳқиқоти худ, дар мо андешае пайдо гардид, ки бояд тадбире андешем, чорае ҷӯем, ки ҷараёни таълим аз методҳои анъанавӣ раҳо ёбад. Ҳамин тавр, аз сентябри соли хониши 2017 мо, бо низоми муқаррарнамудаи олимони тоҷик: М.Лутфуллозода, А.Байзоев, Ф.Шарифзода такя намуда, аз китоби дарсии «Алифбо», «Математика», «Забони русӣ», «Забони модарӣ» дар раванди таълим васеъ истифода бурдем. То ин дам бо волидони хонандагони синфҳои якум корҳои зиёди ташвиқотӣ-тарғиботӣ гузаронидем. Барои хонандагони синфи якум якбора харидорӣ намудани тамоми китобҳои

дарсӣ мушкил буд, аз ин рӯ, корро бо китоби забони модарӣ, забони русӣ ва математика оғоз кардем.

Дар ин ҷо мушкилот ба миён омад, тавре ки қаблан ишора шуд пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла мо омӯзгорон, норасоии китоб, паст гардидани дониш аз сабаби пурра истифода бурда натавонистан дар бораи истифода бурдан аз технологияи таълими инкишофёбанда ва методҳои фаъоли таълимро дарк намудем.

Ҳамкорон чӣ? Онҳо мушкилотро дар ҷараёни таълим эҳсос намуданд? Мо қарор додем, ки пурсишнома гузаронем. Ҷадвали омӯзиши мушкилотро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №82 дар чунин шакл тартиб додем:

**Озмоиш оид ба самти фаъолияти омӯзгор ба кадом натиҷаҳо ноил гардид:**

**Ҷадвали 16**

| б/т | Самти фаъолияти омӯзгорӣ | Наметавонам, аммо мехоҳам шинос шавам ва истифодабарирро ёд гирам | Метавонам, аммо пурра қаноатманд нестам | Медонам, метавонам, омодаам, ки ба дигар омӯзгорон ёрӣ диҳам |
|---|---|---|---|---|
| | Банақшагирии фаъолияти омӯзгор:<br>-Гузоштани ҳадафу вазифа<br>-Интихоби шакл ва методҳои таълим<br>-Мутобиқати ҳадаф ва мазмун | | 4 | 7 |
| | Донистани мазмуни барномаҳои нав ва китобҳои дарсӣ | 3 | 8 | |
| | Истифода аз шаклҳои гуногун:<br>-фронталӣ<br>-гурӯҳӣ<br>-инфиродӣ | | 3 | 8 |
| | Истифода бурдан аз методҳои таълими инкишофёбанда:<br>-методи таълими проблемавӣ<br>-методҳои таҳқиқотӣ<br>-методи қисман ҷустуҷӯӣ<br>-методи таълимӣ-муоширатӣ | 2 | 3 | 6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Инкишоф додани майл ба таълим:<br>-шаклҳои фаъоли таълимӣ<br>-истифодаи технологияи ахборотӣ коммуникативӣ<br>-шакли мустақилонаи кор б(<br>хонандагон | 1 | 4 | 6 |
| | Ошкор намудани нофаҳмӣ, хатоҳо в<br>мушкилоти фаъолияти ислоҳкуни<br>хонандагон | | 6 | 5 |
| | Истифодаи робитаҳои байнифаннӣ. | | 5 | 6 |
| | Шакл ва методҳои корҳои тарбиявӣ да<br>дарсҳо | | 2 | 9 |
| | Кор бо мавзуъ, худомӯзӣ | | 5 | 6 |
| | Умумигардонии таҷрибаи кори хеш | | 4 | 7 |
| | Худтаҳлили дарс дар фаъолияти хеш | | 7 | 4 |
| | Таълими тафриқа | 1 | 5 | 5 |
| | Шакли инфиродии кор бо хонандагон | | 5 | 6 |
| | Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавӣ<br>озмоишӣ | 5 | 6 | |

Фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси «Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва минбаъд» сурат гирад. Фикр мекунем, ҳамон омӯзгоре устоди ҳақиқии касби хеш гашта метавонад, ки ба дастовардҳо ноил гардида, дар таълим ва тарбияи насли наврас санъати баланди педагогӣ намоиш диҳад. Он омӯзгоре, ки мунтаззам меомӯзад, меҷӯяд ва «калиди тиллоӣ»-ро ба даст медарорад, ба дастовардҳои баланди касбӣ ноил гардида метавонад.

«Тавсифномаи фарқкунандаи омӯзгори оянда маҳорати интихоб, нақшагирӣ, коркард ва татбиқи самараноки шаклҳои таълим мебошад. Инҳо ва на танҳо инҳо муайянкунандаи маҳорати омӯзгори ҳақиқӣ, ҳамчун мутахассис аз тамоми атрофиён фарқ мекунад, ки тасодуфан дар мизи омӯзгорӣ ҷой нагирифтааст» [34, 3-4].

Ҳамин тавр, дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ проблемаи омодагии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба истифодаи навгонӣ дар ҷараёни таълим ҷои

хоссаро ишғол менамояд. Ин проблема на танҳо бо вазифаҳои дидактикӣ робитаманд мебошанд, балки ба ин ё он шакли таълимӣ- маърифатӣ дар фаъолияти хонандагон низ алоқаманд мебошад. Аз ҷониби дигар, бо салоҳияти касбӣ, таҷрибаи омӯзгорон ва сифатҳои шахсиятии омӯзгор вобаста мебошад. Омӯзгор иқтидори ба хонанда додани он арзишҳои майлгириро додан дорад, ки худаш ба он ноил аст.

Р.Бруннер «амсилаи омӯзгори идеалӣ»- ро тартиб дода баромад, ки омилҳои асосии он инҳоянд:

- муътадилии ҳаяҷонӣ;
- худбаҳодиҳии мусбӣ ба фаъолияти хеш;
- нақшагирии дифференсиалӣ ва бонизоми таълим;
- барқарор намудани рақобати маърифатӣ байни хонандагон;
- таъсиррасониҳои рӯйрости идоракуниро ноил будан;
- истифода бурда тавонистан аз методҳои таъсиррасонии байни ҳамдигарии хонандагон;
- даст кашидан аз тарзҳои таъсиррасониҳои ғайрипедагогӣ;
- истифодаи тафриқаи такягоҳҳои мусбат, стимулҳо, дониши амиқ аз ҳисоби интизории рақиб дар мавқеи касбӣ [24, 36].

Дар таҳқиқот, ки ба методҳои фаъоли таълим бахшида шудааст, қайд карда мешавад, ки аз ду чиз таркиб ёфтааст: аз назария ва амалия. Робитаи ин ду тараф дар кори бисёр олимон ва муҳақиққон мушоҳида карда мешавад:

- дар бораи робитаҳои методологӣ, илмӣ- назариявӣ ва дониши амалӣ олимон Н.В. Кузьмин, И.Т. Огородников, М.Н. Скаткин, В.А. Сластенин, М.Лутфуллоев ва Ф. Шарифзода андешаронӣ намудаанд;
- роҷеъ ба мутобиқати илмӣ- назариявӣ, меъёрӣ, танзимбахшандаи фаъолияти омӯзгор оид ба дониш олимон В.В. Краевский, О. И. Котлярова, У. Зубайдов ва дигарон корҳои таҳқиқотӣ анҷом додаанд;
- оид ба робитаҳои мазмуннокӣ ва дониши амалиётӣ М. Н. Скаткин мероси ғанӣ боқӣ гузоштааст;

- оид ба дониши заминавӣ ва дастгоҳӣ С. И. Архангельск корҳои зиёдеро анҷом додааст;
- робитаи донишҳои назариявӣ ва амалӣ бо истифодаи мушаххаси он дар фаъолияти касбӣ аз ҷониби олимон Г. Н. Сериков, О. И. Котляров коркард гардидааст;
- ба инобат гирифтани дониш, ки таҳкурсии методологии фаъолияти касбиро ташкил медиҳад ва дониш ҳамчун дастгоҳи дониши амалӣ ба ҳисоб меравад.

Тағйироти афзалиятноки таҳсилоти ибтидоӣ, ки ба инкишофи шахсияти кӯдак ва барқарор гардидани боварӣ, ҷаҳонбинӣ нигаронида шуда бошад, технологияи педагогиеро талаб менамояд, ки дар худ мавқеи одаткунии омӯзгорро ба татбиқи ин мақсад дар бар мегирад. Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд ҳамеша омода бошанд, ки фанҳои таълимиро ба ҷустуҷӯи мавқеи онҳо дар инкишофи шахсиятии хонандагон мутобиқ гардонад. Ба ташаккули фаъолияти таълим, малака ва хоҳиши хонандагон таъсир мерасонад. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ худомӯзиро барои сайқал додани маҳорати педагогии хеш давом дода, раванди одаткунии хонандагонро ба самти дурусти иҷтимоӣ равона менамояд [26, 110].

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд иқтидореро доро бошад, ки таълиму тарбияро ба худинкишоф ва худзоҳиркунии шахсиятӣ мутобиқ гардонида тавонад, ки дар мафҳуми «Ба ман ёрӣ деҳ, инро худам кунам» аниқ дарҷ гардидааст. Ҳамин тавр, вазифаи асоситарини омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосир- ёрдамчии хонандагон дар худмуайянкунии ҳаётии онҳо мебошад. Дар пеши кӯдакон омӯзгор набояд муҷассамаи дастнорас бошад, балки ҳар як дақиқа барои кӯдак дар ҷараёни таълим чизеро ёд диҳад, то раванди иҷтимоишавии онҳо осон гардад.

Барои ҳалли вазифаи мавҷуда омӯзгори муосири синфҳои ибтидоӣ бояд:

- ба кӯдак ёрӣ расонад, ки дар назди худ мақсад гузорад ва тарзи ба даст овардани онро ёбад, лекин ахлоқро фаромӯш накунад;
- ба кӯдак ёрӣ расонад, ки эҷодкор гардад;
- маҳорати танзимбахшанда дода, кӯдакро аз иҷрокунандаи ғайрифаъол ба субъекти фаъол табдил диҳад;
- хонандагони синфҳои ибтидоиро ба воситаҳои ҳимоя таъмин намояд;
- муътадилӣ ва инкишофи ҷисмонӣ ва психологиро дар кӯдак таъмин намояд.

Дар инкишоф ва барқароршавии шахсияти мактаббача мавқеи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ниҳоят бузург мебошад. Аз як тараф, ӯ бояд шахсият бошад, ки ба идеали бача мувофиқат намояд, ахлоқи шахсӣ ва касбиро ноил бошад. Аз ҷониби дигар, ӯ бояд дорои сифатҳои касбӣ, салоҳияти баланди педагогӣ бошад, ки тавонад ба худинкишофии хонандагон таъсир расонад. Дар ҷаҳони муосир, барои дорои салоҳияти касбӣ будан, омӯзгор бояд пайваста аз болои хеш кор барад, хонад, ба худомӯзӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ машғул шавад [26, 111].

Метод ва воситаҳои таълим чунин имкон доданд ва медиҳанд:

- ✓ таҷрибаи педагогии мавҷуда метавонад таълимро самаранок гардонад ва натиҷаи дилхоҳ ба даст ояд;
- ✓ «гузаронидани» муассисаҳои таҳсилотии ватанӣ аз ҷамъияти аграрӣ-

ба аграрӣ-саноатӣ ва ҷамъияти ахборотӣ, дар ин масъала муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле қафо мондаанд.

Агар воситаҳои нави таълимро байни омӯзгорон ва хонандагон васеъ паҳн намоем, замина ба вуҷуд меояд, ки ҷараёни таълим мутаносибан бо бартарияти «ба омӯзгор майлёфта» ба «майл доштан ба хонанда» табдил ёбад, ки маводҳои таълимии насли нав ба он ҷалб карда мешаванд:

- Фаъол гардонидани фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагон, тағйир додани характери кори ӯ (нишонаи аввалини навгонӣ).

- Тағйир додани мавқеъ ва характери фаъолияти омӯзгор. Вай ягона сарчашмаи дониш буданро аз даст дода, донишу малакаи ӯ- бояд ба он равона гардад, ки ҳар як шогирд ба таври фардӣ ба донистан омода гардад (ин нишонаи дуюми навгонӣ мебошад).

- Хусусияти ҳамкории байни омӯзгор ва хонанда тағйир меёбад (ин аломати сеюми навгонӣ мебошад).

Натиҷаи таълим дар муносибати босалоҳият метавонад дониш, малака ва маҳорати хонандагонро ташаккул дода, рафти таҳсили онҳоро дар синфҳои болоӣ осон гардонад ва ба ҳаёти мустақилонаи иҷтимоӣ омода намояд. Танҳо тавассути андешаҳои дар боло номбаргардида, таълими бобарори инсон дар ҳаёт таъмин ва татбиқ карда мешавад. Дуюм, танҳо омӯзгори бобарор метавонад устоди хонандаи бобарор бошад.




Сифатҳои касбии омӯзгори бобарор инҳоянд:

- Салоҳиятнокӣ (дониши чуқур аз фанҳо ва навгониҳои методӣ);
- Серталабӣ нисбат ба хеш ва қаноатманд набудан аз худ;
- Ба натиҷаи хуби фаъолияти хеш ҳавас зоҳир намудан;
- Муҳайё намудани фазои бобарор дар дарс ва фаъолияти беруназсинфӣ, робитаи зич бо волидон;

- Маҳорати ба хонандагон дастрас гардонидани маводи мураккаби таълимӣ;
- Зоҳир намудани завқи ҳамешагӣ ба худомӯзӣ ва навгониҳои педагогӣ.

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дорои чунин сифатҳои шахсӣ бошад:

- Хайрхоҳӣ ва таваҷҷуҳ доштан ба хонандагон ва ҳамкорон;
- Барқарор намудани муошират, муносибати дуруст бо хонандагон ва волидони онҳо;
- Қобилияти баланди ташкилотчигӣ;
- Ташаббускор ва дарккунандаи масъулият;
- Доро будан ба сифатҳои маънавӣ ва ахлоқӣ.

Муносибати омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба шахсияти хеш:

- Мавқеи фаъоли ҳаётӣ;
- Кӯшиш барои васеъ гардонидани дараҷаи ҷаҳонбинии хеш;
- Мунтазам баланд бардоштани дараҷаи касбии хеш;
- Доро будан ба маҳорати идора намудани технологияи муосири ахборотӣ- коммуникатсионӣ;
- Ҷустуҷӯи эҷодӣ, ташаббус, татбиқи андешаҳои нав.

Талабот оид ба ҳамкории омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бо хонандагон:

1.Эҳтироми шахсияти хонанда, таваҷҷуҳ ба олами ботинии ӯ

2Маърифатнокӣ

3.Ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ

4.Таҳаммулпазирӣ

5.Дар мисолҳои рафторҳои шахсӣ тарбия намудани хонандагон

Ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки кор бо кӯдакон, кӯшиш баҳри бунёд намудани муассисаҳои бонуфузи таълимӣ, ки иқтидори дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ рақобатпазир бошанд, дар баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи кӯдакон хело муҳим мебошад [16, 102].

Дар шуъбаҳои маорифи вилоятӣ ва ноҳиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи эҷодии омӯзгорон кор мекунанд, ки аксари онҳо омӯзгорони категорияи олӣ ва дорои таҷрибаи бойи педагогӣ мебошанд. Гурӯҳи эҷодӣ ба муассисаҳои таълимии ноҳия ва вилоятҳо рафта, семинари омӯзгорони синфҳои ибтидоиро баргузор намуда, таҷрибаи пешқадами педагогиро умумӣ гардонида, дар конференсияҳои илмӣ методӣ ширкат варзида, ёрии методии хешро ба ниёзмандон мерасонанд.

Дар давраҳои охир дар шуъбаҳои маорифи вилоятӣ чунин семинар-машваратҳо дар мавзуъҳои зерин баргузор карда шуданд:

- «Шаклҳои нави методҳои фаъол дар дарсҳои синфҳои ибтидоӣ» (иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии «Маркази Бадахшонии таҳсилот»);
- «Навсозии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ» (Вилояти Хатлон);
- «Омӯзиш ва татбиқи технологияи ахборотӣ- коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим» (дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1).

Мехостем мушаххастар дар бораи семинар- машварати омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки 20 декабри соли 2016 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 баргузор гардонида шуд, истода гузарем. Дар кори он бештар аз 43 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии ноҳияҳои вилоят иштирок намуданд. Ҳамчун роҳбари гурӯҳи эҷодӣ Ибодова Шарофат аз фанни математика дар синфи 2 дарси кушод баргузор намуд.

Нақша-конспекти дарси кушод аз фанни математика дар чунин шакл пешниҳод карда шуд:

**Мавзуи дарс**: «Ҷамъи ададҳои бисёррақама».

**Мақсади дарс:** Ошкор сохтани дониш, маҳорат ва малакаи хонандагони синфи ибтидоӣ дар ҳалли ҷамъи ададҳои бисёррақама.

1. Тафтиши амали пеш ошкоргардида дар тарзи ҳалли ҷамъи ададҳои бисёррақама.

2. Ба дониш ва маҳорати худ баҳо додани хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

3. Инкишофи маҳорати зеҳнӣ ва иҷтимоию муоширатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

4. Устувору қавӣ гардонидани хотира ва тафаккури хонандагон. **Таҷҳизонидан:** проектор, экран, варақаҳои баҳодиҳӣ, саволномаҳо бо супоришҳо барои хонандагон.

**Рафти дарс:**

1.Лаҳзаи ташкилӣ. -Бачаҳо, ба мо барои бобарор гузаштани дарс боз чӣ лозим аст? (Бо диққат будан, гӯш карда тавонистани андешаҳои ҳамдигар ва омӯзгор).

- маҳорати ислоҳ намудани хатоҳо ва илова кардани андешаҳои хеш;
- тез ва дӯстона кор кардан.

2. Рефлексия.

- Бачаҳо, дар давоми чандин дарс кадом мавзуъро мо омӯхтем?
- Ҷамъи ададҳои бисёррақама.
- Кадом супориши таълимиро мо дар давоми тамоми дарсҳо ҳал намудем?
- Кадом маҳоратҳо ба мо заруранд, ки ададҳои бисёррақамаро ҷамъ намоем?

-Маҳорати ададҳоро бо разрядҳо навиштан, пурра гардонидани разрядҳо, муайян намудани миқдори разрядҳо, дар ҷавоб, ҳисоб карда тавонистани натиҷа.

**3. Мақсади пешгузоштаи дарс:**

-Мо корро бо китоб ва дафтари корӣ ба анҷом расонидем. Дар назди дарси имрӯза кадом мақсад меистад?

4. Кор бо варақаи баҳодиҳӣ, ки дар компютер қарор дорад.

ВАРИАНТИ 1

**Муодиларо мувофиқи интихоб ҳал намоед:**

$X-124=520$ $Z-(138+1903)=976$

$X=520-124$ $Z=976+2041$

$X=396.$ $Z=3017.$

ВАРИАНТИ 2

**Муодиларо мувофиқи интихоб ҳал намоед:**

*X-118=640* *Z-(140+2010)=2150*

*X=640-118* *Z=2150*

*X=522.* *Z=2150.*

Шумо як лаҳза ба навори дар экран буда нигаред. Дар назди шумо варақаи баҳодиҳӣ хобидааст, ки шумо метавонед ҳозир ё баъди иҷрои кор онро пур намоед ва салоҳияти иҷтимоии хешро намоиш диҳед.

- Дар боло баҳои пешгӯикунандаи худро гузоред.

6. Иҷрои супориш дар карточкаҳои (корҳои фардӣ).

Тафтиши кори хонандаи синфи 2 «а» Робияи Бахтиёр:

Ифодаи дар қатор бударо нависед ва натиҷаро ҳисоб кунед.

1738+298=2036 4860+ 5237 =10097

15376+ 6504=21880 64207+1396 =65603

9837+3170=13007 3761+1825 =5586.

Хонандагон паси ҳамдигар ба назди тахтаи синф баромада супоришҳоро моҳирона ва бе мушкилӣ дар асоси салоҳияти математикии худ ҳал намуданд.

7.Дар варақаи баҳогузорӣ, ки дар назди Шумо қарор дорад, баҳо гузоред. Ин як омилест, ки масъулияти хонандагонро баланд бардошта, онҳо кӯшиш менамоянд, ки баҳои додаашон воқеӣ ва объективӣ бошад.

# Варақаи баҳодиҳӣ

| № | Маҳорати ман | Баҳодиҳии пешбиникунанда | Баъди иҷрои кор | Баҳои омӯзгор |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Қобилияти аз рӯйи разрядҳо навиштан дорам. | – | – | – |
| 2. | Қобилияти пур кардани разрядҳоро дорам. | – | – | – |
| 3. | Қобилияти сифати разрядҳоро муайян кардан дорам. | – | – | – |
| 4. | Қобилияти натиҷаро ҳисоб кардан дорам. | – | – | – |

*8. Дақиқаҳои варзишӣ.* Дар синфҳои ибтидоӣ барои хаста нагардидани хонандагон ин дақиқаҳоро ҳатман гузаронидан зарур аст. Инчунин, ин дақиқаҳо хонандагонро аз хасташавӣ раҳо дода, диққату хотира ва инкишофи ҷисмонии онҳоро таъмин менамояд.

9. Ҳалли муодила (кор бо ҷуфтҳо). Бачаҳо, биёед ба меҳмонон ва бачаҳо нишон медиҳем, ки мо чӣ тавр муодилаҳоро мустақилона дар ҳузури меҳмонон ҳал намуда метавонем. Бо ин метод мо метавонем, тарсу ҳаросро дар бачаҳо ҳангоми иштироки одамони бегона бартараф намоем.




Бо ин мақсад хонандагонро ҷуфт-ҷуфт ба назди тахтаи синф даъват намуда, дар шакли мусобиқа ба ҳалли вазифа водор менамоем.

Бачаҳо, биёед ифодаҳои ҳарфиро бо рақамҳо иваз менамоем. Барои иваз намудани ифодаҳои ҳарфӣ бо рақамӣ ба хонандагон зарур меояд, ки 520-ро ба 124 ҷамъ намоянд, он гоҳ маълум мегардад, ки масофаи роҳ аз нуқтаи А то Б баробар будааст ба 644 километр.

Дар раванди дарс дида бароед, ки бо кадом мушкилотҳо мо рӯ ба рӯ




гардидем? (барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷудо намудани ададҳои бисёррақама аз ададҳои бисёрдараҷа боиси пеш овардани мушкилот мегардад). Дар раванди дарс вазифаҳои нави таълимӣ гузошта мешаванд, то хонандагон ба дарси ояндаашон дар мавзуи «Ҷамъи ададҳои бисёррақама» омода гарданд. Омӯзгори ботаҷриба савол мегузорад, Бачаҳо, кадом супоришҳо барои шумо осон буданд? Кадом супоришҳо шуморо бо мушкилот рӯ ба рӯ карданд? Дар болои чӣ боз кор карданро зарур мешуморед? Вазифаи хонагӣ ва иҷроиши он хулосаи касбии омӯзгорро талаб менамояд.

Қисми муҳимтарини дарс дар синфҳои ибтидоӣ ҷамъбаст ва натиҷагирӣ мебошад, ки бо қадр кардани заҳмати хонандагон хотима меёбад. Дар синфи 2-юми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №82-и ш. Душанбе 32 нафар хонандагон таҳсил менамоянд, ки аз онҳо 20 нафар писар ва 12 нафарашон духтарон мебошанд. Пешоҳангҳои намоёни синф: Робиаи Бахтиёр, Судобаи Ҳаким, Насибаи Зоҳир, Муллои Саид,

Муҳаммад Раҳим, Мехри Сайид мебошанд. Бачаҳо барои дастгирии ҳамдигар ҳамеша омодаанд.

Дар синф дар раванди озмоиш маълум гардид, ки дар хонандагони зерин: Саиди Далер, Яқуби Сафаралӣ, Роҳилаи Қаландар ихтиёр чандон қавӣ нест, ки аз омӯзгор диққати бештарро талаб менамояд.

Ҳаяҷоннокӣ бештар дар хонандагон Дилбари Алӣ, Нигинаи Кувват, Мирзои Ҷура ҳис карда мешавад. Муносибати омӯзгор ва хонандагон дар асоси боварӣ ва эҳтироми байниҳамдигарӣ сохта шудааст. Чунин дарсҳоро аз тамоми фанҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ ташкил додан мумкин аст, ки салоҳияти иҷтимоии онҳоро ташаккул диҳанд. Масалан, ҳангоми таълим додани фанни «Забони модарӣ» дар синфи 3 дар мавзуи**:** «Матнҳо барои хониши иловагӣ», ки ба гурӯҳи дарсҳои охирини барнома мансубанд. Чунин мақсад гузошта мешавад:

1. Тафтиши амали пешакӣ оид ба маърифати хонандагон оид ба муҳити атроф.
2. Ба дониш ва малакаи худ баҳо дода тавонистани хонандагон.
3. Инкишоф додани малакаи интеллектуалӣ ва муоширатии хонандагон.

Дарс бояд бо истифода аз технологияи ахборотӣ- коммуникативӣ алоқаманд бошад. Мушоҳида карда мешуд, ки омӯзгор ба дарс омодагии хуб дидааст: дар дарс маводи намоишӣ омода карда шуда, маводҳои тақсимотӣ мавҷуд буда, омӯзгор тамоми лаҳзаҳои дарсро ба инобат гирифта буд.

Дар дарс омӯзгор аз муносибати тафриқавӣ низ васеъ истифода бурда тавонист, ки дар синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим аст. Бачаҳо худашон супоришро аз рӯи мушкилот интихоб намуданд. Хурсандиовар аст, ки бисёриҳо вазифаҳои баланд бардоштани иҷрои тамоми супоришҳоро интихоб намуданд. Хонандагон корро бо варақаи баҳодиҳӣ тавре нишон доданд, (кори хонандагони гурӯҳро омӯзгорони ташхисгар тафтиш намуданд) хонандагон тавонистанд маҳорати хешро ба таври воқеӣ баҳо

диҳанд. Озмоиш собит намуд, ки 32 нафар хонанда корро бо баҳои зерин иҷро намуданд:

бо баҳои «5» - 8 нафар;

бо баҳои «4»- 10 нафар;

бо баҳои «3» – 12 нафар;

бо баҳои «2» - 2 нафар.

Омӯзгорони дар дарси кушод иштироккнамуда бояд дар дафтари муассиса мулоҳизаҳои хешро қайд намоянд, тавсияҳои методии роҳҳои бартараф намудани камбудиро ошкор намояд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми апрели соли 2011, зери №227 «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020 ва солҳои минбаъда» тасдиқ гардид, ки мақсади асосии он беҳдошти сифати таълим ва тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот мебошад. Истифодаи методҳои фаъоли таълим, фаъолияти инноватсионӣ дар педагогика ва муносибати босалоҳият як қолаби муайян буда наметавонанд, тарз ва роҳҳои истифодаи онҳо дониш, таҷриба ва андешаи шахсии омӯзгорро васеъ намуда, сифати таълим ва тарбияро дар тамоми зинаҳои таҳсилот метавонад баланд бардорад, ки омили асосии иҷтимоишавии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

## Хулосаи боби 2

Методҳои фаъоли таълим аз лафзи англисии “interact” гирифта шуда - дар ҳамкорӣ бо ҳамдигар қарор доштан, тавассути иштирок дар ҳайати гурӯҳи тағйирёбанда фаъолият намуданро ифода менамояд. Хосияти калидии методи «ҳамкорӣ» аз он иборат аст, ки дониш, маҳорат ва малакаи хонандагонро тавассути боварӣ ва ҳамкорӣ бедор менамояд.

Дар методҳои фаъол ба монанди дигар методҳо гузаронидани дарс ба усулҳои гуногун пешниҳод мегардад, ки мақсади асосии он устувор гардонидани ҳамкорӣ ва боварӣ мебошад. Дар назди методҳои фаъоли таълим вазифаҳои гуногун гузошта шудаанд, ки метавонанд фаъол бошанд, ин ҳама аз ҳунару санъати омӯзгор вобастагӣ дорад. Дар бисёр муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, дар синфҳои ибтидоӣ нарасидани мутахассисон бараъло ҳис мегардад, ки ба татбиқи методҳои фаъол ва технологияи пешқадами таълим дар муносибати босалоҳият ва фаъолияти навгонӣ халал ворид менгамоянд.

Дар зери мафҳуми вазифаҳои эҷодӣ, вазифаҳои таълимие фаҳмида мешаванд, ки аз хонандагон ҳосил намудани ахбори одиро не, балки супоришҳои эҷодии хурд ё калони дорои моҳияти номафҳумро талаб менамояд. Супоришҳои эҷодӣ мазмун ва моҳияти асосии тамоми намудҳои фаъоли таълимро ташкил медиҳанд. Номуайянии ҷавоб ва талош баҳри пайдо намудани ҷавоби «дуруст»-и шахсӣ, ки аз таҷрибаи шахсӣ ва гурӯҳӣ бармеояд, имкон медиҳад, ки таҳкурсии ҳамкорӣ ва муоширати тамоми иштирокчиёни ҷараёни таълим барқарор гардад.

Агар хонандагон ба эҷодкорона кор кардан одат накарда бошанд, онҳоро бояд оҳиста- оҳиста бо машқҳои одӣ ҷалб намуда, пас вазифаҳоро торафт мураккаб намудан зарур меояд. Дар натиҷа, ҷараёни одаткунӣ рӯй дода, ҳар чи бештар кӯшиш менамоянд, ки қобилияту тавоноии хешро намоиш диҳанд, ки ин маънои ташаккул ёфтани салоҳияти иҷтимоӣ буда, оянда ба навгонию ихтироъкорӣ мерасонад. Бо ин роҳ онҳо ба умқи эҷод фурӯ рафта, дигар худро аз ҷустуҷӯи вазифаҳои эҷодӣ канор гирифта наметавонанд, [3, 27- 32].

*Кор бо гурӯҳҳои хурд* – ин яке аз стратегияиҳо паҳнгардида дар синфҳои ибтидоӣ мебошад, ки ба тамоми хонандагон, аз ҷумла ба шармгинон имконият медиҳад, ки малакаи ҳамкорӣ ҳосил намуда, мубодилаи афкор намоянд ва мухолифатҳои пайдогардидаро бартараф созанд.

Дар ҷараёни ташкил додани кор бо гурӯҳ, бояд диққатро бештар ба чунин самтҳо равона сохта шавад:

- боварӣ ҳосил намудан, ки хонандагон дониш ва малака ҳосил намудаанд;

- аз уҳдаи вазифаҳои дар назди гурӯҳ гузошташуда ба осонӣ мебароянд.

- бо ҳамсинфон дар робитаи устуворӣ ҳамкорӣ қарор доранд

Нарасидани дониши онҳо ба зудӣ мушоҳида мегардад- хонандагон ҷиддӣ талош намеварзанд, ки супоришро иҷро намоянд. Бояд омӯзгор кӯшиш варзад, ки дастур ва супоришҳои хешро равшан фаҳмонад. Беҳтар мебуд, ки дастуру супоришҳоро дар тахтаи синф ё варақ нависанд, дар он ҳолат хонандагон ба мақсад бештару беҳтар сарфаҳм меравaнд. Барои иҷрои вазифаи супоридашуда ба гурӯҳ вақти муайян ҷудо намудан зарур меояд, [5, 200- 208].

*Бозиҳои иҷрои нақш*– дар синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим буда, аз ҷониби иштирокчиёни гурӯҳ иҷро карда мешаванд. Тавассути нақшҳо бачаҳо ба рафторҳои ахлоқӣ ва паҳлуҳои қаҳру ғазаб дар вазъиятҳои зиндагӣ ошно мегарданд. Бозиҳои иҷрои нақш бештар дар гурӯҳҳои начандон калон, ки аз 3-5 иштирокчӣ иборатанд, гузаронида мешаванд, [6,212- 218].

*Лексияи хурд* яке аз шаклҳои самараноки пешниҳод намудани маводи назариявӣ мебошад. Пеш аз оғоз бахшидан ба он, гузаронидани ҳуҷуми зеҳнӣ ва бозиҳои нақшии ба мавзуъ робитадор ниҳоят муҳим мебошад. Ин амал метавонад мавзуъро барои иштирокчиён мубрам гардонад. Ҳар як мафҳум бояд аз ҷониби омӯзгор шарҳу эзоҳ дода

шавад, ки чизе барои иштирокчиён нофаҳмо ва норавшан намонад, дар он ҳолат салоҳияти иҷтимоии онҳо ташаккул меёбад, [7, 23-27].

Лексияҳои хурдро дар шакли шавқовар пешниҳод кардан зарур аст:

Масалан:

– Шумо чӣ андеша доред?

- Шумо барои ҳалли ин амал чӣ фикр доред?

– Инро чӣ тавр иҷро кунем?

– Ба фикри шумо ин ба чӣ оварда мерасонад?

- Агар ин тавр ҳал кунем, оқибаташ чӣ мешуда бошад? [2, 42- 47].

*Коркарди лоиҳа* – ин усул ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки дар зери таъсири фикру андеша аз синфхона берун шаванд ва лоиҳаи амали хешро дар ҳалли масъалаи мавриди муҳокима қароргирифта муайян намоянд.

*Дар раванди кор бо методҳои фаъол дар синфҳои ибтидоӣ, «Ҳуҷуми зеҳнӣ»,* «бархӯрди зеҳнӣ» (усули «делфи) – омили ниҳоят хуб ба ҳисоб меравад, ки тамоми ҷавоби додаи хонандагонро ба саволи додашуда қабул менамояд. Дар ин усул муҳим он мебошад, ки ба нуқтаи назари иштирокчиён ҷавоби фаврӣ намедиҳанд, ҳама ҷавобҳоро қабул намуда, дар тахта ё вараќи дафтар навишта гирифта, пас дар сарҷамъӣ ба муҳокима мегузоранд.

«Ҳуҷуми зеҳнӣ» яке аз усулҳои самаранок дар чунин шароитҳо ба ҳисоб меравад:

– баҳри муҳокимаи саволҳои баҳсталаб;

– баҳри муътадил гардонидани вазъи хонандагони ба худашон боварӣ надошта дар иштирок ба муҳокимаронифҳо;

– баҳри дар вақти кӯтоҳ ғун кардани микдори зиёди ақидаю андешаҳо;

– баҳри муайян сохтани огоҳӣ ё омодагии гурӯҳ ба баҳс;

– барои ташкил додани кор бо гурӯҳи хурд.

Ворид кардани режими фаъол дар гурӯҳ ҳамчун субъекти ҷараёни таълим, чунин мебошад:

– инкишоф додани малакаи муошират ва ҳамкории гурӯҳ;

– ташаккули ягонагии арзишҳо- майлкуниҳои гурӯҳҳо;

– ҳавасмандӣ ба устувории ивазкунии нақшҳои иҷтимоӣ дар робита аз вазъият, [6, 250- 257].

*Тренинг* (аз лафзи англисии train гирифта шуда, маънояш тарбия кардан, хондан, хонондан мебошад) – ки ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаро тавассути супориш дар назар дорад. *Мутахассиси соҳибкасб, омӯзгор ё дуредгар, медонанд, ки кай ва дар куҷо аз олотҳои гуногун истифода баранд, ки аз иҷрои вазифа бароянд.*

Арзишнокии мониторинг дар он аст, ки ягон майдатарин дастоварди хонанда аз мадди назар берун намемонад. Назорати педагогӣ як қатор вазифаҳоро иҷро менамояд, ки муҳимтарини онҳо *баҳодиҳӣ, ҳавасмандгардонӣ, инкишофдиҳандагӣ, таълимӣ, ташхисӣ, тарбиявӣ мебошад.* Дар таълими муосир якчанд намуди назорат мавҷуд аст, ки аз ҳам бо чунин аломатҳо фарқ мекунанд: *назорати иловагӣ, даврӣ, мавзуӣ, ҳудудӣ, ҷамъбастӣ ва хотимавӣ.* Интихоби шакли назорат аз мақсад, мазмун, метод, вақт ва ҷой вобаста мебошад.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ

Таълими интерактивӣ имкон медиҳад, ки дар як вақт якчанд супоришҳо иҷро карда шаванд, ки асоситарини онҳо инкишоф додани маҳорат ва малакаи муоширатӣ ва баркарор намудани робитаҳои эҳсосотӣ байни хонандагон буда, вазифаҳои тарбиявиро таъмин намуда, дар ҳайат кор карданро ёд дода ва боз ба андешаи рафиқон гӯш доданро таълим медиҳад.

Фарқиятҳои асосии машқҳои педагогии интерактивӣ ва супоришҳо аз он вобаста мебошад, ки на танҳо ба мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда, балки ба омӯзиши маводи нав хонанда бештар равона карда шавад. Мактаббачагони хурдсол мутобиқи талаботи инноватсионӣ кор карданро дар тахтаи интерактивӣ дӯст медоранд. Аз ин рӯ, бо хоҳиши зиёд ва майли беандоза ба назди тахтаи интерактивӣ баромада маҳорату малакаи хешро намоиш медиҳанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки хониши самаранок дар синфҳои ибтидоӣ худ аз худ дар тахтаи интерактивӣ рӯй намедиҳад. Ба омӯзгор интихоб намудани мавод барои дарс ва барои дар дараҷаи баланд гузаронидани корҳои мустақилона ниҳоят омодагии пухта дидан зарур меояд. Таълими интерактивӣ ин шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон мебошад.

Вай мақсадҳои пешгӯикунандаро дар назар дорад, ки яке аз мақсадҳои асосии таълими фаъол, аз муҳайё намудани шароити мусоиди таълим иборат мебошад. Муҳайё будани шароити мусоиди таълим дар ташаккули салоҳияти муоширатии хонанда дар раванди иҷтимоӣ ниҳоят муҳим мебошад. Моҳияти таълими фаъол дар чунин шакли ташкили ҷараёни таълимие зоҳир мегардад, ки дар раванди он тамоми хонандагон ба ҷараёни маърифат ва иҷтимоишавӣ фаро гирифта мешаванд.

Инчунин, онҳо имконият пайдо менамоянд, ки матнро фаҳманд ва ба фаҳмидан одат пайдо намоянд. Ба фаҳмидани асрори ҳастӣ расидани хонанда, яке аз мақсадҳои асосии методҳои фаъоли таълим

буда, тавассути он салоҳиятнокии иҷтимоӣ дар синфҳои ибтидоӣ ташаккул меёбад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарс ба худ тасаввур менамоянд, ки чиро фаҳмидаанд ва дар ин бора чӣ фикру андеша доранд.

Дар фарқият аз дарсҳои анъанавӣ, ки ба талаботи таҳсилоти нимаи дуюми қарни XX ва ибтидои қарни XXI мувофиқанд, дарси муосир - ин, пеш аз ҳама дарси ташаккул ва инкишофдиҳандаи амалҳои таълимии универсалӣ мебошад. Натиҷанокии дарс на аз рӯи давомот, на аз рӯи ҳаҷми маводи омӯхташуда, балки аз рӯи фаъолияти таълимии хонандагон баҳогузорӣ карда мешавад.

Ба фаъолияти таълимии хонандагон, иқтидори онҳо ба фаъолият, қобилияти истифодабарии дониш, татбиқ намудани лоиҳаҳои шахсӣ, фаъолиятҳои иҷтимоӣ, инкишоф додани амалиётҳои универсалии таълимӣ дар дарс, ки истифодабарии технологияи интерактивиро барои гузаштан ба таълими интерактивӣ осон мегардонад, мансуб мебошанд.

Таълими интерактивӣ – ин пеш аз ҳама, таълими гуфтугӯӣ-муоширатӣ мебошад, ки дар раванди он ҳамкории омӯзгор бо хонандагон рӯй медиҳад. Махсусияти ин ҳамкорӣ дар он зоҳир мегардад: ба ҳам омадани субъектҳои таҳсилот ба *ягона фазои* моҳиятӣ; *воридшавии якҷоя* ба майдони ҳалли супориш; воридшавӣ ба фазои ягонаи эҷодӣ; *ба мувофиқа омадан* дар интихоби восита ва методҳои ҳалли масъала; *воридшавии якҷоя* ба ҳолати наздики эҳсосотӣ; дарки масъулият дар ҳалли супоришҳо.

Методи фаъол - ин низоми дурусти ташкил намудани ҳамкории байниҳамдигарии хонандагон бо омӯзгор дар раванди таълим мебошад. Ғайр аз ҳамкориҳои таълимӣ, ҳамкориҳои корӣ, бозиҳои нақшӣ, баҳс ва ғайраро дар бар мегирад, ки дар он ташаккулёбии амалиёти универсалии таълимӣ рӯй дода, салоҳияти хонандагон ташаккул ёфта, иҷтимоишавӣ рӯй медиҳад.

Истифодаи методҳои фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣ, метавонад хонандагонро аз корҳои беҳуда, бесамар гузаронидани вақти

таълимӣ раҳо бахшад ва ба омода будани доимӣ масъул гардонад. Методҳои фаъоли таълим, завқи маърифатии хонандагонро ба фанни таълимӣ инкишоф дода, фаъолияти таълимии хонандагонро дар дарс баланд бардошта, шахсияти эҷодӣ будани хонандаро ошкор намуда, хонандаро ба шакли фардӣ ва гурӯҳии кор омода намуда, ҷараёни машваратиро васеъ намуда, салоҳиятҳои онҳоро ташаккул медиҳад.

Вазифаи омӯзгор дар ин ҷараён танҳо аз равона намудани фаъолияти хонандагон ба самти дилхоҳ барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда иборат мебошад. Методҳои фаъоли таълимро омӯзгори ботаҷриба метавонад дар чунин лаҳзаҳои дарс истифода барад: дар ҳолати ҳаяҷонӣ, мақомбахшии ибтидои дарс, фаъолгардонӣ ва ҳангоми ҳосил намудани донишҳои нав ва одаткуноню ғайраҳо.

Хосияти моҳиятии методҳои интерактивии таълим- дараҷаи баланди ҳамкорӣ- равонасозии фаъолияти субъектҳои ҳамкорӣ ва ягонагии маънавии онҳо мебошад. Дар ҳолати истифода бурдан аз метод ва усулҳои фаъоли таълим хонанда ба иштирокчии баробарҳуқуқи ҷараёни маърифат табдил меёбад.

Талаботи методҳои фаъоли таълим аз омӯзгор дар он мебошад, ки дониши тайёрро ба хонандагон надода, онҳоро ба ҷустуҷӯи мустақилонаи дониш равона намояд. Дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии воридшави ба дониш, дар таълими фаъол ҳамкории омӯзгор бо хонандагон бештар дарк карда мешавад. Дар ин метод фаъолияти омӯзгор ҷояшро ба фаъолияти хонандагон иваз намуда, вазифаи омӯзгор танҳо муҳайё намудани шароити худзоҳиркунии хонандагон мегардад.

Агар андешаи Д. А. Махотинаро ба таври хулосавӣ ёдрас гардем, *ӯ дар зери фаъолияти интерактивӣ*, ташкил ва инкишоф додани муоширати гуфтугӯии хонандагони синфҳои ибтидоиро бештар дар хотир дорад. Мутобиқи андешаи ӯ, муоширати гуфтугӯӣ, хонандагонро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, ҳалли якҷояи вазифаҳои умумӣ ҳидоят менамояд.

Е. В. Коротаева оид таълими *интерактивӣ андеша менамояд, ки онро ҳамчун зуҳуроти бисёрдараҷагӣ* дидан зарур аст, зеро ки таълими интерактивӣ *дар як вақт се вазифаро иҷро менамояд:*

- таълимӣ- маърифатӣ (ниҳоят мушаххас);

- муоширатӣ- инкишофдиҳандагӣ (робитаманд бо умумӣ, ҳаяҷонӣ-интеллектуалӣ);

- иҷтимоӣ- майлгирӣ (натиҷаи он зоҳир мегардад дар доираи вақти таълимӣ ва фазоӣ) [19, с. 74].

Таълими фаъол – ин шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ буда, мақсадҳои мушаххас ва пешгӯишавандаро дар хотир дорад. Яке аз ин ҳадафҳо- муҳайё намудани шароити созгори таълим мебошад, ки хонандагон худро бобарор ҳис кунанд ва ҳолати интеллектуалиашон онҳоро қонеъ гардонида тавонад.

Дар дарсҳо аз методҳои фаъоли таълим истифода бурда, омӯзгор кӯшиш менамояд, ки имкониятҳои навро ноил гардад, ки пеш аз ҳама, аз барқарорнамоии ҳамкориҳои байнишахсиятӣ бо роҳи муоширати дохилӣ ҳангоми аз бар намудани маводи таълимӣ рӯй медиҳад. Дар ҳақиқат, байни хонандагон дар гурӯҳ ногузир ҳамкории байнишахсиятӣ рӯй медиҳад. Аз он ки онҳо чӣ хел мешаванд ва дар раванди он чӣ рӯй медиҳад, ба бобарории ояндаи фаъолияти таълимии хонандагон вобаста мебошад. Оқилона ташкил додани ҳамкории хонандагон дар асоси маводи таълимӣ омили тавонои самаранокии фаъолияти таълимӣ дар маҷмуъ мегардад.

Методҳои фаъол чунин вазифаро иҷро менамоянд:

- малакаю маҳорати муоширатиро ташаккул дода, робитаҳои ҳаяҷониро дар байни хонандагон барқарор намуда, салоҳияти иҷтимоии онҳоро ташаккул медиҳанд;

- вазифаҳои ахборотиро иҷро намуда, хонандагонро бо ахбори зарурӣ таъмин менамоянд, ки бе он татбиқ намудани фаъолияти якҷоя мумкин нест ва салоҳияти иҷтимоӣ ташаккул намеёбанд;

- маҳорат ва малакаи умумии таълимиро инкишоф дода, (таҳлил, таркиб, гузориши мақсад ва ғайра.), ҳалли вазифаҳои таълимиро дар доираи салоҳиятҳои таълимӣ ба иҷтимоишавӣ таъмин менамояд;

- вазифаҳои тарбиявиро ба ҷо оварда, дар ҳайат кор карданро ёд дода, ба андешаи дигарон гӯш доданро меомӯзад ва салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқиро дар раванди иҷтимоишавӣ ташаккул медиҳад.

**Дар ин раванд, барои беҳдошти таълим пешниҳод менамоем:**

1.Тамоми тадбирҳои мавҷударо андешидан зарур аст, ки барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ аз методҳои анъанавии таълим ҳарчи тезтар даст кашанд.

2. Фаъол гардонидани курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзии татбиқи методҳои фаъоли таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот.

3. Бештар баргузор намудани дарсҳои телевизионии интерактивӣ бо мақсади баланд бардоштани маҳорати педагогии омӯзгорони минтақаҳои дурдасти Тоҷикистон.

4. Бештар ташкил кардан ва намоиш додани дарсҳои кушод бо истифода аз методҳои фаъол ва фаъолияти инноватсионии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.

5. Бештар ба табъ расонидани мақолаҳои методӣ, дастурҳои методӣ оид ба «Методҳои фаъоли таълим», «Муносибати босалоҳият», «Фаъолияти инноватсионӣ ба таълим» ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо он.

6. Ташкил додани вохӯрӣ, семинар, мизҳои мудаввари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо коршиносон оид ба раванди татбиқи методҳои фаъоли таълим, фаъолияти инноватсионӣ ва муносибати босалоҳият дар таълим.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

1. Амонашвили Ш.А. Обучение. Оценка. Отметка. Ш.А.Амонашвили Москва.,- 1980, -270с.

2. Абасов З.А. Проектирование и совершенствование контрольно-оценочного компонента учебной деятельности школьников. З.А.Абасов // Завуч - №8 2004.- 21-45с.

3. Абдуллоев И., Алиев А., Зоолишоева Б. и другие. Методика преподавания математики в начальных классах. (Обучающий модуль). – Душанбе: Принт Хаус, 2009.-66с.

4. Абдуллоев И., Икромова Ф. Таджикский язык: учебник для 2-го класса – Душанбе: Полиграфгрупп, 2005.-254с.

5. Абрамова Г.С. Возрастная психология. – Екатеринбург: Деловая книга, 2006.-624с.

6. Абулкосим Фирдавси. Шахнаме. / Под.ред. Жул Мул.- Тегеран:изд.Бехзод, 1375.-824с.

7. Авзалов Х.С. Школа и педагогическая мысль в Иране в конце Х1Х- начале ХХ вв.: автореф. дисс. докт. пед.наук. – М., 1992.

8. Авиценна. Семейное воспитание. // Избранные произведения. – Душанбе: Ирфон, 1980.-551с.

9. Аджиева Е.М. Этнопедагогические и этнопсихологические условия воспитания толерантности. //Толерантное сознание и формирование толерантных отношений (теория и практика): Сб. научно-методических статей. – 2-е изд., стереотип. – М., 2003. – С.85-92.

10. Аксиологические границы уровней образования. // У Сибирская школа молодого ученного: Материалы международной научно-практической конференции «Модернизация профессионального послевузовского образования» (15-16 ноября 2005 г.).- Томск: Изд. СТТ, 2005. – С.62-64.

11. Алиев А., Зиёев М., Олимова Ф., Эрматова У., Зоолишоева Б., Ниёзов Ф. Орнагизация процесса обучения в начальных классах.

Учебное пособие для курсов повышения квалификацияи учителей начальных классов. – Душанбе, 2009.

12. Алиева С.А. Психолого-педагогические предпосылки воспитания патриотизма у детей младшего школьного возраста. //Начальная школа. – 2007. - №9. – С.17-20.

13. Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. – Избранные психологические труды. В 2 томах, т.1. – М.:Педагогика, 1980. – С.17-178.

14. Андреев А.Д., Прихожан А.М. Методика диагностики мотивации учения и эмоционального отношения к учению в средних классах школы. // Психологическая диагностика: Ежеквартальный научно-методический и практический журнал. – 2006. - №1. – С.33-38.

15. Арипов М. (Орифи). Из истории педагогической мысли таджикского народа. В 2-х томах. Часть 1. (1Х-Х1в.в.). – Душанбе: Ирфон, 1962. – 180с. Часть 2. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 190с.

16. Артюхова И.С. Ценности и воспитание. // Педагогика. -2007. - №4. – С.117-120.

17. Асмолов А.Г. Психология личности: Культурно – историческое понимание развития человека. – М., 2007.-528с.

18. Асломов А.Г. Системно-деятельностей подход к разработке стандартов нового поколения. //Педагогика. – 2009. - №4. – С.18-22.

19. Асташова Н.А. Проблема воспитания толерантности в системе образовательных учреждений. //Толерантное сознание и формирование толерантных отношений (теория и практика): Сб. научно-методических статьей. – 2-е изд., стереотип. – М.: 2003. – С.74-85.

20. Атаханов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Педагогические очерки. – Душанбе, 2005. – 224с.

21. Бабанский Ю.К. Рациональная организация учебной деятельности. – М.: Педагогика, 1981. – 96с.

22. Бабанский Ю.К. Избранные педагогические труды. – М.:Педагогика, 1989. – 588с.

23. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения. Общедидактический аспект. – М., 1997. – 254с.

24. Базисный учебный план средней общеобразовательной школы. / Под.ред. В.С. Леднева и М.Р. Леонтьевой. Минобразование РФ. – М.: ИОШ РАО, 1993.-12с.

25. Барбер М., Муршед М. Как добиться стабильно высокого качества обучения в школах. Уроки анализа лучших систем образования мира. //Вопросы образования. – 2008. - №3.

26. Бардин К.В. Как научить детей учиться. – М.: Просвещение, 1987. – 111с.

27. Бахтин М.М. К философии поступка. // Философия и социология науки и техники: Ежегодник 1984-1985. – М., 1986.- С.36-38.

28. Безюлева Г.В., Шеламова Г.М. Толерантность: взгляд, поиск, решение. – М.: Вербум – М, 2003.- 168с.

29. Белкин А.С. Концептуальные модели образования. – М.: Изд. Центр «Феникс», 2000.

30. Белозерцев Е.П. Образ и смысл русской школы: Очерки прикладной философии образования. – Волгоград: Перемена, 2000. – 213с.

31. Белошистая А.В. Современное понимание реализации преемственности между дошкольным и начальным звеньями системы образования. // Начальная школа: плюс-минус. – 2002. - №2.

32. Белянкова Н.М. Интегрированный подход в обучении младших школьников. – М.: Просвещение, 2008. – 128с.

33. Бертельс Е.Э. История персидско – таджикской литературы. – М.: Наука, 1960. – С.3-460.

34. Беспалько В.П. О критериях качества подготовки специалиста. //Вестник высшей школы. – 1988. – 11. – 3-8.

35. Беспалько В.П. Общая педагогика. – М., 2006.

36. Беспалько В.П. Поможет ли стандарт образования? ( О необходимости введения стандарта образования в школах России). //Педагогический вестник. - М., 1993. - №16 (сентябрь). – С.2-7.

37. Беспалько В.П. Проблема образовательных стандартов в США и России. //Педагогика. – 1995. - №1. – С.89-94.

38. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. – М. 1989.-190с.

39. Беспалько В.П. Стандартизация образования: основные идеи и понятия. //Педагогика. – 1993. №5. – С.16-25.

40. Библер В.С. От наукоучения – к логике культуры. – М., 1991. – 413с.

41. Бим-Бад Б.М. Антропологические основания теории и практики современного образования. – М., 1994.

42. Бим-Бад Б.М. Педагогическая антропология: Курс лекций. – М., 2005. – 42с.

43. Биография и творчество поэтов в 3,4,5 веках хиджры. – Тегеран: изд. Енус, 1370. – 704с.

44. Блонский П.П. Избранные психологические произведения. – М.: Просвещение, 1964. – 547с.

45. Бобров В.В. Актуальные проблемы современного содержания образования. // Философия образования. – 2002. - №5. – С.182-197.

46. Бобылева Л.Д., Бобылева О.В. Экологическое воспитание младших школьников. // Начальная школа. – 2003. - №5. – С.64-75.

47. Богоявленский Д.Н., Менчинская Н.А. Психология усвоения знаний в школе. – М.: Просвещение, 1961. – С.9-16.

48. Бодалев А.А. О предмете акмеологии. //Психологический журнал. – 1993. - №5. – Т.14.-73-79.

49. Божович Л.И. Изучение мотивации поведения детей и подростков. – М.: Просвещение, 2001. – 367с.

50. Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. – М.: Просвещение, 1968. – 464с.

51. Божович Л.И. Психологические особенности развития личности подростка. – М.: Знание, 1979. -39с.

52. Большая Российская энциклопедия. Т.7. – М.: Научное издание «Большая Российская энциклопедия», 2007. – 768с.

53. Бондаревская Е.В. Воспитание как возрождение гражданина, человека культуры и нравственности. – Ростов-на-Дону: Изд. РГПУ, 2006.

54. Бондаревская Е.В. Отечественная культурно-педагогическая традиция: опыт разработки концепций воспитания. – Ростов-на-Дону: РИПКРО, 2003. – 234с.

55. Бондаревская Е.В., Бермус Г.А. Теория и практика личностно – ориентированного образования. //Педагогика. – 2007. – С.72-80.

56. Бондырева С.К., Колесов Д.В. Толерантность (введение в проблему). М.: Изд.МПСИ; Воронеж: Изд. НПО «МОДЭК», 2003. – 240с.

57. Бордовская Н.В., Реан А.А. Педагогика. Учебник для вузов. – СПб.: Питер, 2004. – 300с.

58. Боронов Б., Боев Б. Таджикский язык: учебник для 3-го класса. – Душанбе: Сарпараст, 2004. – 224с.

59. Брагинский И.С. 12 миниатюр. – М.:Художест.лит., 1976. – 302с.

60. Брудный А.А. Психологическая герменевтика. Учебники и учебные пособия для высшей школы (вузы). – М.:Изд.Лабиринт, 2005. – 335с.

61. Бунеев Р.Н. Образовательная система нового поколения. Теория и практика. – М., 2009. – 208с.

62. Буяльский Б.А. Курс на мастерство. – Киев, 1970. – 206с.

63. Бюллетень Государственного комитета Российской Федерации по высшему образованию.- 2004.-№6.

64. Вавилов Ю.П. О педагогических способностях учителя младших классов. //Диагностика познавательных способностей. – Ярославль: ЯГПИ, 1986. – С.18-25.

65. Валицкая А.П. Культуротворческая школа: концепция и модель образовательного процесса. //Педагогика. – 1998. - №4.-С.12-18.

66. Валицкая А.П. Модели образовательных систем и подходы к стандартизации. //Образовательные стандарты: Материалы международного семинара. – СПБ: Изд. «Образование» 1975. – 167с.

67. Валицкая А.П. Модели образовательных систем и подходы к стандартизации. // Образовательные стандарты: Материалы международного семинара. – СПб.: Изд. «Образование», 1975. – 167с.

68. Вахтеров В.П. Избранные педагогические сочинения. – М., 1987. – 400с.

69. Вербицкий А.А., Юрисов В.А., Алексеева Л.П., Кондратьева Л.П. Концептуальные основы создания и развития системы непрерывного среднего образования в 1987 году. – М., НИИ ВЩ, 1988. – С.6.

70. Вилюнас В.К. Психологические механизмы мотивации человека. – М.: Академия, 2002.

71. Виноградов Г.С. Народная педагогика. – Иркутск, 2004.

72. Воронов В.В. Педагогика школы в двух словах: учебно-практическое пособие. – М.: Педагогическое общество России, 2002. – 192с.

73. Воспоминания о К. Марксе и Ф. Энгельсе. В 2-хх тт.-М., 1985. – 363с.

74. Врублевская Е.А. Быт гражданином. // Народное образование. – 2007. - №5. – С.214-216.

75. Выготский Л.С., Лурия А.Р. Этюды по истории поведения. – М., 1993. – 223с.

76. Выготский Л.С. Мышление и речь. – М.: Педагогика, 1996. – 254с.

77. Выготский Л.С. Педагогическая психология. – М.: Педагогика, 1994.

78. Выжлецов Г.П. Аксиология культуры. – СПб.:Изд.СПб. ун-та, 2008. – 152с.

79. Вьюнова Н.И., Гайдар К.М., Темнова Л.В. Психологическая готовность ребёнка к обучению в школе: Психолого – педагогические основы: Учебное пособие для студентов вузов. – 2-е изд. М.: Академический Проект, 2005.-256с.

80. Газман О.С. Иванов А.В. Содержание деятельности и опыт работы освобожденного классного руководителя (классного воспитателя): Методические рекомендации. – М.: Новая школа, 1992. – 113с.

81. Гальперин П.Я. Методы обучения и умственное развитие ребенка. – М.: МГУ, 1985. – 45с.

82. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, дреняя и средневековая история. – М., 1972. – 230с.

83. Гершунский Б.С. Педагогика. – М., 2007.

84. Гершунский Б.С. Философия образования. – М.: Московский психологический институт. 1998. – 432с.

85. Гиёсиев М.И. Педагогические воззрения таджикско-персидских мыслителей X и первой половины X1 века и их трансформация в современную национальную педагогику: Автореферат дисс. к.п.н. – Курган-тюбе, 2009.

86. Государственная программа развития образования Республики Таджикистан на 2010 – 2015 годы. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 апреля 2009 года, №254.

87. Гуткина Н.И. Психологическая готовность к школе. Учебное пособие. - 4-е изд., перераб. И дополн. – СПб.: Питер, 2004. – 208с.

88. Джоназаров Х. Становление и развитие педагогического образования в Таджикистане (1917-1941гг.): Автореферат дисс. д.п.н. – Дущанбе, 1996. – 46с.

89. Закон Республики Таджикистан «Об образовании». – Душанбе, 1994, - 72с.

90. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание и образование детей». – Душанбе, 2011.

91. Закон Республики Таджикистан «Об инновационной деятельности» № 822 от 16 апреля 2012год.-Душанбе, 2012.

92. Зан З.А. Развитие умственных способностей младших школьников. – М.:Просвещение, 1994. – С.36-44.

93. Зиёев М., Алиев А., Олимова Ф., Эрматов У., Зоолишоева Б. Независимость и политика правительства в сфере образования. Учебное пособие для курсов повышения квалификации учителей начальных классов. – Душанбе, 2009.

94. Зиёев М., Алиев А., Олимова Ф., Эрматов У., Зоолишоева Б. Обучения таджикскому языку в начальных классах. Учебное пособие для курсов повышения квалификации учителей начальных классов. – Душанбе, 2009.

95. Занков Л.В. Усвоение знаний и развитие школьников.- Приложение к журналу «Народная образования», 1967, № 9,- С9.

96. Конвенция о правах ребёнка: Принята 44-й сессией Ген. Ассамблеи ООН. //Международная защита прав и свобод человека: Сб. документов. – М., 1990.

97. Конституция Республики Таджикистан.

98. Концепция национального воспитания Республики Таджикистан. – Душанбе, 2007.

99. Концепция таджикской национальной школы. – Душанбе: Маориф, 1995. – С.3-26.

100. Кузнецов А.А. и др. Требования к знаниям и умениям школьников. Дидактико- методический анализ. – М., 1987. – 176с.

101. Лазарев В.Г., Поташник М.М. Как разработать программу развития школы. – М., 1993. – 48с.

102. Локалова Н.П. Школьная неуспеваемость, психокоррекция, психопрофилактика: учебное пособие. – СПб.: Питер, 2009. – 368с.

103. Лутфуллоев М. Слава нации ( на тадж. языке). – Душанбе: Сарпараст, 2003. – 287с.

104. Лутфуллоев М. Современная дидактика ( на тадж. языке). – Душанбе: Матбуот, 2001. – 336с.

105. Лутфуллоев М. Таджикский язык: Учебник для 1-го класса. – Душанбе: Сарпараст, 2004. – 144с.

106. Лутфуллоев М., Шарипов Ф., Абдуллоев И. Родной язык для 4 класса. – Душанбе: Маориф, 1989.

107. Луначарский А.В. О воспитании и образовании /А.В.Луначарский// Под ред. А.М.Арсеньва.-М.: Педагогика, 1976- 641с.

108. Маркова А.К. Формирование мотивации учения в школьном возрасте. – М.: Просвещение, 1983. – 93с.

109. Махмутов М.И., Ибрагимов Г.И. Педагогические технологии развития мышления. – Казань, 1993.

110. Мельникова Е.Л. Проблемный урок, или как открывать знания с учениками: Пособие для учителя. – М., 2002. – 168с.

111. Менчинская Н.А. Проблемы учения и умственного развития школьников. – М.: Педагогика, 1998. – С.119.

112. Методы сотрудничества в обучении. / Составители: Зиёев М.Н., Мирзоматов Н., Олимова Ф., Тошбоева З. – Душанбе, 2010.

113. Мирзоев А. сездаҳ мақолай. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 287с.

114. Митина Л.М. Учитель как личность и профессионал. – М., 1994. – 216с.

115. Национальная концепция образования Республики Таджикистан. – Душанбе: Матбуот, 2003. – 23 с.

116. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан до 2020 года.

117. Нуров А. Национальное и общечеловеческие ценности и их роль в нравственном воспитании подрастающего поколения. – Душанбе, 2004.

118. Пахлавонов А. Педагогическая мысль таджикского народа в ХУ1-ХУ11 вв. Автореферат дисс. д.п.н. – Душанбе, 1995. – 46с.

119. Петракова. Духовные основы нравственного воспитания. М.. 1997. с. 82).

120. Портнов М.Л. Труд руководителя школы. – М., 1984.

121. Поташкин М.М. Оптимизация управления школой. – М., 1991. – 62с.

122. Программа обучения таджикскому языку и математике в начальных классах. – Душанбе, 2007.

123. Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон к Маджлиси Оли Республики Таджикистан за 2015, 2016, 2017, 2018, 2019 годах.

124. Стандарты начального образования и пособие для учителя (таджикский язык и математика (1-4)). – Душанбе, 2012. – 123с.

125. Стандарты начального обучения. – Душанбе, 2010. – 150с.

126. В.А. Сухомлинского. Избранные педагогические сочинения, 1980, т.2, 149с.

127. Типовое положение об общеобразовательной школе Республики Таджикистан.

128. Уленова У.В., Дмитриева Е.Е. Влияние общения с взрослым на формирование у ребёнка общей способности к учению. // Начальная школа. – 2004. - №2. – С.15.

129. Ушинский К.Д. Педагогические сочинения. В 6-ти томах. /Сост. С.Ф. Егоров. – М.: Педагогика, 1989.

130. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. В 2-х книгах. – Душанбе: Ирфон, 2009, 2010.

131. Шарифзода Ф. Интегрированное обучение: проблемы, поиски и размышления: в 2-х ч. Душанбе: Ирфон, 1999, 2000.

132. Шарифзода Ф. Педагогика: теория творения человека и культурного общества. – Душанбе: Ирфон, 2010.

133. Шарифзода Ф. Теория и практика интегрированного обучения на начальном этапе средней школы. – Душанбе: Маориф, 1997-194с.

134. Шарифзода Ф. Философия педагогических взглядов предков. – Душанбе: Ирфон, 2012.

135. Шарифзода Ф., Каримова И.Х. Учитель – творец добра и справедливости. – Душанбе: Ирфон, 2010.

136. Эмомали Рахмон. Независимость Таджикистана и возрождение нации. – Душанбе, 2002.

137. Юсупова Ш.М. Развитие логического мышления учащихся начальных классов в условиях интегрированного обучения родному языку: диссертация к.п.н. Ш. М Юнусов-Душанбе, 2016. – 166с.

**Замимаи 1.**

**Машғулияти 6: Идоракунии Эҳсосоти Ман**

**Натиҷа:** Хонандагон метавонанд эҳсосоти қавиашонро оромона баён кунанд. Онҳо метавонанд лаҳзаҳоеро муайян созанд, ки ягон нафаре эҳсосоти қавӣ дошта бошад ва ба таври созанда эҳсосоташро баррасӣ намудааст.

**Мақсадҳои дарс:**

- Хонандагон медонанд, ки фаҳмидани дунёи дохилии худ ва ҳолатҳои эҳсосии худ барои хуб нигоҳ доштани саломатии равонӣ дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошад.
- Хонандагон метавонанд, ҳар гоҳе ки онҳо эҳсосоти қавӣ дошта бошанд, таваққуф намоянд ва андеша кунанд, ва ба дигарон низ дар ин робита кӯмак намоянд.
- Хонандагон медонанд, ки доштани эҳсосоти гуногун ин як ҳолати муқаррарӣ дар зиндагӣ мебошад.

**Салоҳиятҳо:**

- Идоракунии эҳсосот
- Ҳуввият ва боварӣ ба худ

**Маводҳои лозима**

- Варақаҳо барои "Диктанти сайёр"

**Усули дарсдиҳӣ**

- Оғоз: Ҳуҷуми мағзӣ + Фикр кунед-ҷуфт шавед-мубодила кунед
- Омузиш: “Диктанти сайёр” + Таҳқиқоти мавзуӣ
- Фикру мулоҳизаҳо: Дарахти шеърҳо

**Давомнокӣ**

Як соат

**Мафҳумҳои асосӣ:**

- Эҳсосот
- Ҳуввияти миллӣ

**Маълумот барои омӯзгор:**

Синну соли наврасӣ ин ҳама вақт даврони эҳсосоти қавӣ мебошад. Дар ин марҳилаи ҳаёт эҳсосот хеле бузург ва аз ҳад зиёд менамоянд. Ҳадафи ин дарс кӯмак расонидан ба наврасон барои идора кардани эҳсосоти мушкил ва дарднок мебошад. Худогоҳӣ доштан қадами нахустин аст. Худро шинохтан кори осон нест, хусусан дар чунин синну сол, он барои идоракунии фишор ва эҳсосот муҳим мебошад. Мо бояд дар бораи таъсири эҳсосоти худ дар умум ва чӣ тавр он ба рафтори мо таъсир расонидани онҳо огоҳ бошем. Вақте мо эҳсосоти худро мефаҳмем, ба эҳтимол зиёд онҳоро идора карда метавонем, на баръакси тасвир. Ин дар навбати худ метавонад моро ба ҳамдардӣ ё якдилӣ бо дигарон водор созад, яъне мо қобилияти тасаввур кардани онро пайдо мекунем, ки зиндагии як шахси дигар чӣ гуна аст.

Фаъолияти “Диктанти сайёр” ба хонандагон имкон медиҳад, ки як равандро ҳангоми рубару шудан бо эҳсосоти аз ҳад зиёд паси сар кунанд. Ҳангоми фаолияти “Диктанти сайёр” беҳтар аст, агар шумо чордаҳ варақаи дорои маълумотро дар деворҳои синф то омадани хонандагон овезед.

**Оғоз: Муҳокимаи Эҳсосот Бо усули “Ҳуҷуми Мағзӣ” – 15 Дақиқа**

1. Руйхати эҳсосотро ҳамроҳи аҳли синф бо усули “ҳуҷуми мағзӣ” зуд муҳокима кунед ва онҳоро дар як тарафи тахтаи синф нависед.
2. Акнун расми Т-ҷадвалро кашед ва дар болои як сутун сарлавҳаи “Эҳсосоти мусбӣ” ва дар болои сутуни дуввум сарлавҳаи “Эҳсосоти манфӣ”-ро нависед
3. Акнун фаъолияти “Фикр кунед-ҷуфт шавед-мубодила кунед”-ро шуруъ намоед Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба таври инфиродӣ дар муддати ду дақиқа дар бораи ҷавоб ба ин савол фикр кунанд; “Эҳсосоти манфӣ чӣ гуна ба ҳаёти шумо таъсир мерасонанд?
4. Пас аз ду дақиқа иштирокчиёнро ба ҷуфтҳо тақсим кунед, то ки ҷавобҳои худро муҳокима кунанд. Боз ҳам ба онҳо ду дақиқа барои муҳокима диҳед ва дар ин муддат ба онҳо халал нарасонед.

5. Дар охир аз якчанд нафари ихтиёрӣ хоҳиш кунед, ки ҷавобҳои худро бо тамоми аҳли синф мубодила кунанд, яъне нақл кунанд.

**6.** Фаолиятро бо гуфтани ин ҷамъбаст кунед, ки эҳсосоти манфӣ метавонанд ба кор, саломатӣ ва муносибатҳои мо бо дигарон таъсир гузоранд. Агар мо эҳсосоти бад дошта бошем, мо эҳтимолан хуб кор карда наметавонем ва вазъи саломатӣ ва муносибатҳои мо бо дигарон метавонанд бад шаванд.

**Замимаи 2.**

**Омӯзиш: Қисми Якум – “Диктанти сайёр”.**

**Дар чор марҳила барои идоракунии эҳсосот (20 Дақиқа)**

1. Иштирокчиёнро ба гуруҳҳои сенафарӣ тақсим кунед.
2. Фаҳмонед, ки дар ҳар як даста хонандаи таҳти рақами 2 нависанда мебошад. Боварӣ ҳосил кунед, ки ӯ қалам ва коғаз дошта бошад.
3. Фаҳмонед, ки хонандагони таҳти рақамҳои 1 ва 3 дар ҳар як даста давандаҳо мебошанд.
4. Иштирокчиёни таҳти рақамҳои 1 ва 3 бояд дар дохили синф даванд ва варақчаҳои часпакро пайдо кунанд. Вақте онҳо варақчаҳоро пайдо мекунанд, бояд онҳоро дар девор гузоранд. Онҳо бояд варақчаҳоро хонанд (онҳо набояд матнро нависанд ё тасвирҳои онҳоро дар телефонҳои худ бигиранд) ва дар хотир нигоҳ доранд. Сипас бояд ба пеши нависанда баргарданд ва матни дар хотир гирифтаи худро қироат кунанд. Нависанда ҷумлаҳои гуфтаи онҳоро дар дафтар менависад.
5. Баъди он, ки даста маълумот аз ҳамаи 15 варақча дар дафтар дуруст навишт, онҳо бояд дастҳои худро бардоранд, то нишон диҳанд, ки фаолиятро анҷом додаанд.
6. Вақте ки ҳамаи дастаҳо фаолиятро ба анҷом мерасонанд, хонандагони ихтиёрӣ маълумотҳоро мехонанд. Онҳо ҳар як варақчаро ҷудогона мехонанд, то муайян карда шавад, ки дастаҳо онро бо тартиби дуруст навиштаанд.
7. Аз ягон хонанда хоҳиш кунед, ки Қадами дуюмро бори дигар хонад. Аз якчанд хонандаи ихтиёрӣ пурсед, то бо суханони худ нақл кунанд, ки чаро ин муҳим аст. Баъди гуш кардани ҷавобҳои онҳо таъкид кунед, ки агар мо эҳсосоти худро қабул накунем, мо онҳоро тағйир дода наметавонем. Ба назар нагирифтани мушкилот - ин роҳи ҳалли масъала нест. Барои пурқувваттар кардани ин нуқтаи назар саволҳои зеринро диҳед;

- Агар дандони шумо дард кунад, шумо кӯшиш мекунед, ки ба духтури дандон мурочиат намоед, ё ба худ мегуед, ки дард худ ба худ мегузарад, агар онро нодида гиред?

Бо гуфтани ин суханонатонро чамъбаст кунед ва гӯед ки эҳсосотҳо ба ҳам монанданд. Мо метавонем эҳсосоти қавӣ, ногувор ё тарснок дошта бошем, ки қабул кардани онҳо душвор аст, ва беэътиноӣ кардан ба эҳсосот - ин роҳи ҳал нест. Ҳамеша беҳтар аст, то мо дар бораи он кӯшиш ва фикр кунем, ки чӣ боиси ин эҳсосот мешавад.

**Замимаи 3.**

**Қисми 2: Истифодаи усули “Чор Марҳила”**

**Дар таҳқиқоти Мавзуӣ (15 Дақиқа)**

1. Ин машғулиятро бо як фаолияти дигари *Фикр кунед-ҷуфт шавед-мубодила кунед*, шуруъ намоед. Ба хонандагон саволҳои зеринро диҳед:

“Кӯшиш кунед, то лаҳзаеро ба ёд биёред, ки эҳсосоти шумо ба шумо маъқул набуд.

- Чӣ боис гардид, ки шумо чунин эҳсос дошта бошед?
- Шумо барои ин чӣ корро кардед?”

Ба онҳо ду дақиқа барои ба таври инфиродӣ андеша кардан вақт диҳед.

2. Акнун аз онҳо хоҳиш кунед, ки ба тарафи шарики паҳлуи худ гарданд ва ҷавобҳои худро муҳокима намоянд. Боз ҳам ба онҳо ду дақиқа вақт диҳед.
3. Дар охир аз якчанд нафари ихтиёрӣ хоҳиш кунед, ки ҷавобҳои худро бо шумо мубодила кунанд.
4. Ба хонандагон гуед, ки шумо ҳоло барои онҳо дар бораи саргузашти ду қаҳрамони бофта матнҳоро мехонед. Бори аввал, вақте ки шумо матнҳоро мехонед, онҳо фақат бояд гуш кунанд.
5. Акнун аз онҳо хоҳиш кунед, ки як бори дигар гуш кунанд. Онҳо бояд кӯшиш кунанд, то намунаҳоро дар дафтарҳои худ аз саргузашти қаҳрамоне, ки эҳсосоти худро хуб идора мекунад ва инчунин қаҳрамоне, ки эҳсосоти худро хуб идора карда наметавонад, нависанд.
6. Пас аз гуш кардани ҷавобҳои хонандагон аз онҳо пурсед, ки онҳо ба Парвиз чӣ гуна маслиҳатҳо додан мехостанд. Ӯ чӣ кор карда метавонад, то ки худро беҳтар ҳис кунад?

**Замимаи 3.**

**Фаъолияти 1: Ҷароғаки роҳнамо ва “ҳуҷуми мағзӣ”-и гуруҳӣ**

1. Муқаддимаи мавзӯъи дарси имрӯзаро шарҳ диҳед, ки он саҳмгузорӣ мебошад.

2. Пеш аз он ки ба онҳо мафҳуми саҳмгузорӣварзиро шарҳ диҳед аз иштирокчиён хоҳиш кунед, ки ангуштони худ ишора кунанд, агар онҳо:

a. Мафҳуми саҳмгузориро хуб мефаҳмида бошанд, ангушти калони худро ба тарафи боло доранд

b. Дар бораи он маълумоти аввалия дошта бошанд, пас ангуштони худро ба таври уфуқӣ ё баробар дошта нишон диҳанд

c. Дар бораи саҳмгузорӣ маълумоти кофӣ надошта бошанд, пас ангушти калони худро ба тарафи поён дошта нишон диҳанд

3. Вобаста ба сатҳи дониши хонандагон, ки аллакай дар бораи мафҳуми саҳмгузорӣ маълумот доранд, ба онҳо дар бораи ин мафҳум маълумоти умумиро бо истифода аз намунаҳои гуногун, аз ҷумла саҳмгузорӣ дар ҳаёти оила, саҳмгузорӣ дар ҳаёти мактаб, саҳмгузорӣ дар ҳаёти ҷомеаи маҳаллии худ, фаҳмонед. Агар шумо тавонед, мисолҳоро аз таҷрибаи худ нақл кунед.

4. Ба хонандагон ду дақиқа вақт диҳед, то ки онҳо дар бораи як мисоле фикр кунанд, ки онҳо метавонанд дар ҳаёти оилавӣ, мактаб ва ҷомеаи маҳаллии худ саҳмгузорӣ намоянд.

5. Акнун аз онҳо хоҳиш кунед, то ду давраи дарунӣ ва беруниро ташкил диҳанд, то ки ҳар як хонанда бо як хонандаи дигар ру ба ру бошад.

6. Аз онҳо хоҳиш кунед, то дар бораи мисолҳои худ нақл кунанд, ки онҳо чӣ гуна дар мадди аввал дар ҳаёти оилаи худ саҳмгузорӣ мекунанд. Акнун аз ҳамаи хонандагони давраи дохилӣ хоҳиш кунед, ки ба як тараф як қадам гузошта ҳамсуҳбатҳои рубаруи худро иваз кунанд ва сипас хоҳиш кунед, ки онҳо дар бораи таҷрибаи худ оиди саҳмгузорӣ дар ҳаёти мактаб ба ҳамдигар нақл кунанд.

7. Аз хонандагони давраи дохилӣ хоҳиш кунед, ки як бори дигар як қадам ба як тараф гузошта ҳамсуҳбатҳои рубаруи худро иваз кунанд ва акнун ба ҳамдигар дар бораи саҳмгузории кардани худ дар ҳаёти ҷомеа нақл кунанд.

Замимаи 4.

**Машғулияти алтернативӣ: “Шаршара” – усули ҳуҷуми мағзӣ**

1. Дар байни тахтаи синф/флипчарт калимаи “саҳмгузорӣ” ро нависед.

2. Аз иштирокчиён хоҳиш кунед, ки дафтари хотираҳои худро берун оранд ва дар давоми ду дақиқа ҳар чизеро, ки дар робита ба мафҳуми “саҳмгузорӣ” ба ёдашон меояд нависанд.

3. Як бахши муҳими ин фаолият аз он иборат аст, ки хонандагон бояд дар давоми ду дақиқаи пурра калимаҳо ва фикру андешаҳои дар робита ба мафҳуми “саҳмгузорӣ” ба ёдашон омадаро бе танаффус нависанд.

4. Акнун аз онҳо хоҳиш кунед, то дар бораи баъзе аз калимаҳо, монандиҳо, мафҳумҳо ва ғайра, ки ба ёди онҳо омадааст, нақл кунанд.

5. Ҳангоми нақл кардани онҳо ҷавобҳоро дар тахтаи синф нависед, ё аз ягон нафар дар синф хоҳиш кунед, ки ин корро анҷом диҳад.

6. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки фикру андешаҳои худро ба ҷавобҳои дигарон илова кунанд ё бо ягон шарҳ розӣ будан/розӣ набудани худро изҳор намоянд.

7. Вақте ки ҳар як хонанда барои саҳми худро гузоштан дар ин раванд имконият пайдо кард, мафҳуми умумии “саҳмгузорӣ”-ро барои хонандагон шарҳ диҳед (нигаред ба маълумот барои фасилитатор).

8. Акнун ба ҳар як хонанда ду дақиқа вақт диҳед, то ки онҳо дар бораи ягон ҳолати мушаххас ва ягон мисол аз таҷрибаи саҳмгузорӣ кардани худ дар гузашта ҳафта фикр кунанд. Масалан, онҳо барои омода кардани хурок барои аҳли оилаи худ дар ҳафтаи гузашта кӯмак намуданд ва ҳамин тавр дар корҳои рӯзмарраи оила саҳмгузорӣ доштанд, ё ба паҳн кардани даъватномаҳо барои вохурии ҳафтаи оянда дар маҳаллаи худ ҷалб шуда буданд ва ғайра. Чунин ҳолатҳо метавонанд аз саҳмгузорӣ дар ҳаёти оила, дар кор, дар мактаб, дар клуби варзишӣ то ба ҳизбҳои сиёсӣ, гуруҳҳои дӯстон ва ғайра фарқ кунанд.

9. Дар даруни синф гардед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҳар кадоме аз онҳо як ҳолатро ишора кунад ва як мисоли мушаххаси саҳмгузории худро биёрад.

10. Мафҳуми “саҳмгузорӣ” ва ҳолатҳои нақлшударо дар охири ин фаолият ҷамъбаст кунед.